**Номвар Қурбон**

# АРЗЁБИИ МЕТЕОРОЛОГИЮ ЭКОЛОГИИ ТАШАББУСҲОИ ҶАҲОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР СОҲАИ ОБУ ИҚЛИМ

Water Year 2003

WATER FOR LIFE 2005 - 2015

2013 International Year of Water Cooperation

WATER ACTION DECADE 2018-2028



**Номвар Қурбон (Қурбон Номвар Бойназар, с.т. 1990)**, муҳандис-метеоролог, хатмкардаи факултети физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2012, бо дипломи аъло) ва бахши рӯзонаи аспирантура (2015), номзади илмҳои техникӣ (2020), дотсент аз рӯйи ихтисоси экология (2024), мутахассиси Агентии обуҳаво-шиносӣ (2009-2010), омӯзгори физика ва географияи Литсей-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқат (2010-2012), ассистент (2016-2022), муаллими калон (2022-2024), дотсенти кафедраи метеорология ва климатологияи ДМТ (аз соли 2024), муовини директор оид ба илм ва таълим (2021-2025), мудири озмоишгоҳи моделкунонии захираҳои об ва равандҳои иқлими Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (аз соли 2025).

Ҳамзамон, солҳои 2018-2022 раиси Шурои олимони ҷавони ДМТ буда, аз соли 2022 муовини сармуҳаррири Маҷаллаи илмии «Захираҳои об, энергетика ва экология» мебошад.

Номвар Қурбон муаллифи 65 мақолаи илмӣ, 165 мақолаи илмӣ-оммавӣ, 9 китоб (4 монография: *Влияние изменения климата на условия формирования и химического состава водных ресурсов бассейна реки Зерафшан*. - LAP Lambert Academic Publishing, 2021 - 145 с.; *Повышение безопасности гидротех-нических сооружений: на примере водохранилища Нурекской ГЭС на реке Вахш*. - Химки: Академия гражданской защиты МЧС России, 2021. - 192 с.; *Водохозяйственная инфраструктура в общей система управления водными ресурсами*. - Душанбе: ИВПГЭиЭ НАНТ, 2021. - 172 с.; *Мушкилоти тағйирёбии иқлим: назарҳо оид ба сабабҳо, пайомадҳо ва равишҳои мутобиқшавӣ*. - Душанбе: Дониш, 2025. - 260 с.), 4 шаҳодатномаи муаллифӣ (патент) буда, дар 155 барномаи телевизионӣ ва 75 барномаи радиоӣ суханронӣ кардааст.

Номвар Қурбон узви *Иттифоқи журналистони Тоҷикистон* (2015) буда, дорандаи нишонҳои «*Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон*» (2017), «*Аълочии мaориф ва илми Тоҷикистон*» (2023), «*Аълочии телевизион ва радиои Тоҷикистон*» (2025) аст.

**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

***Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряххо»***

***Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология***

**Номвар Қурбон**

# АРЗЁБИИ МЕТЕОРОЛОГИЮ ЭКОЛОГИИ ТАШАББУСҲОИ ҶАҲОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР СОҲАИ ОБУ ИҚЛИМ

**Душанбе - 2026**

**ТДУ 327:556 (575.3)**
**ТКБ 26.234.7**
**Қ 93**

Шурои илмии Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳо»-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз *7 январи соли 2026*, *суратҷаласаи №1* ба чоп тавсия намудааст.

**Номвар Қурбон.**
Қ - 93. Арзёбии метеорологию экологии ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат дар соҳаи обу иқлим. – Душанбе, 2026. - 140 с.

Зери назари
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики АМИТ
**Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт**

Муҳаррири масъул
директори Муассисаи давлатии илмии
«Маркази омӯзиши пиряхҳо»-и Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон, номзади илмҳои геология ва минералогия, дотсент
**Шерализода Назриалло Шерали**

*Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун ташаббускори гояҳои башардӯстона ва ҳамгироёнаи масъалаҳои обу иқлим ва ҳифзи муҳити зист эътироф гардидаанд ва дар заминаи ташаббусу пешниҳодоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Созмони Милали Муттаҳид чордаҳ қатъинома қабул кардааст. Аз ин рӯ, дар ин китоб ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон марбут ба захираҳои об, тағйирёбии иқлим, ҳифзи пиряхҳо, рушди устувор ва мушкилоти экологӣ дар асоси далел ва қонунияти метеорологӣ, климатологӣ, гидрологӣ ва глятсиологӣ таҳлил ва арзёбӣ гардиданд.*

*Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон признан на мировой арене инициатором гуманитарных и комплексных идей по вопросам воды, климата и охраны окружающей среды, и на основе инициатив и предложений Президента Республики Таджикистан, Организация Объединённых Наций приняла четырнадцать резолюций. Поэтому, в данной книге на основе метеорологических, климатологических, гидрологических и гляциологических данных и закономерностей анализируются и оцениваются международные инициативы Таджикистана, связанные с водными ресурсами, изменением климата, сохранению ледников, устойчивым развитием и экологическими проблемами.*

*The Founder of Peace and National Unity – Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan his excellency Emomali Rahmon is recognized on the world stage as an initiator of humanitarian and integrated ideas on water, climate and environmental protection issues, and on the basis of the initiatives and proposals of the President of the Republic of Tajikistan that the United Nations adopted fourteen resolutions. Therefore, this book analyzes and evaluates Tajikistan's international initiatives related to water resources, climate change, glacier conservation, sustainable development, and environmental issues, based on meteorological, climatological, hydrological, and glaciological data and patterns.*

**© Номвар Қурбон, 2026**

# МУНДАРИҶА

Номгӯйи ихтисораҳо…………………………………………… 4
Ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат…………………….. 5
Ҳадафҳои ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар ҳалли масоили об, иқлим ва экология........................................... 10
Инъикоси мушкилоти глобалии обу иқлим дар Паёмҳои Пешвои миллат……………………………………………… 31
Форумҳои ҷаҳонии об ва ҷойгоҳи Тоҷикистон дар онҳо… 44
Нақши Тоҷикистон дар Конференсияи оби Созмони Милали Муттаҳид-2023…………....................................... 56
Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфронсҳои иқлимии Созмони Милали Муттаҳид…………………………………. 69
Саҳми Тоҷикистон дар пешбурди ҳадафи шашуми рушди устувор……………………………………………….... 76
Нақши зеҳни сунъӣ дар таъмини Ҳадафҳои рушди устувор……………………………………………………… 82
Пешвои миллат ва ҳалли мушкилоти экологии минтақа…. 89
Ташаббуси шашуми Тоҷикистон – таҷассумгари бухрони криосферӣ.................................................................. 95
Аҳамияти глобалии «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо»…………………………………………… 104
Раванди обшавии пиряххо ва робитаи он бо тағйирёбии иқлим……………………………………………….................. 110
«Ҳифзи пиряххо ва криосфера»………………………… 116
Ташаббуси Пешвои миллат, ки барои қораи Осиё манифатовар аст……………………………………………... 123
Раванди оби Душанбе – арсаи амал дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонии об………………………………………………… 130

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

| Англисӣ | Тоҷикӣ | Номи пурра бо забони тоҷикӣ |
|---|---|---|
| UNEP | ЮНЕП | Барномаи СММ оид ба муҳити зист |
| IPCC | ГКБТИ | Гурӯҳи коршиносони байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим |
| UNESCO | ЮНЕСКО | Идораи СММ оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг |
| UNICEF | ЮНИСЕФ | Идораи СММ оид ба ҳифзи кӯдакон |
| COP | КОП | Конфронси тарафҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим |
| PA | СИП | Созишномаи иқлимии Париж |
| UN | СММ | Созмони Милали Муттаҳид |
| WMO | СҶО | Созмони ҷаҳонии обуҳавошиносӣ |
| WHO | СҶТ | Созмони ҷаҳонии тандурустӣ |
| SDGs | ҲРУ | Ҳадафҳои рушди устувор |

**ТАШАББУСҲОИ ҶАҲОНИИ**
**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**
**вобаста ба об, иқлим ва экология**

***Соли 2003 – Соли байналмилалии оби тоза*** (*Эъломияи ҷаласаи 55-уми Маҷмаи Умумии Созмони Миллали Муттаҳид аз 20.12.2000 таҳти A/RES/55/196*) санаи 1-уми октябри соли 1999 дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи Умумии Созмони Миллали Муттаҳид аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардида, ҷомеаро барои андешидани тадбирҳои мушаххас дар ҳалли масоили об даъват намуд. Дар асоси пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 декабри соли 2000 Маҷмаи Умумии СММ дар Иҷлосияи 55-ум соли 2003-ро Соли байналмилалии оби тоза эълон кард. Дар заминаи ин ташаббус аз 29 август то 1 сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардид, ки дар он 500 вакили 53 кишвари дунё ва намояндагони 105 созмону ташкилоти байналмилалӣ ширкат варзиданд.

***   ***   ***

***Солҳои 2005-2015 – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт»*** (*Эъломияи ҷаласаи 58-уми Маҷмаи Умумии Созмони Миллали Муттаҳид аз 23.12.2003 таҳти A/RES/58/217*). Ин пешниҳод маротибаи нахуст дар Форуми сеюми ҷаҳонии об, ки рӯзҳои 16-23 марти соли 2003 дар шаҳри Киото (Ҷопон) баргузор гардид, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ироа гардид. Дар асоси Эъломияи Душанбе Маҷмаи Умумии СММ 23 декабри соли 2003 Қатъномаи дахлдор қабул карда, солҳои 2005-2015-ро Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» эълон намуд. Дар ҳошияи даҳсола Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамоишҳои зиёди сатҳи минтақавию байналмилалӣ, аз ҷумла дар мулоқоти роҳбарон ва намояндагони мамлакатҳои Осиё ва ҳавзаи

Укёнуси Ором бахшида ба масоили истифодаи захираҳои оби минтақа дар шароити афзудани шумораи аҳолӣ (3-4 декабри соли 2007, шаҳри Беппуи Ҷопон) иштирок намуда, пешниҳодҳои муҳим, махсусан таҳияи Конвенсияи байналмилалии СММ пешниҳод намуданд.

***   ***   ***

***Соли 2013 – Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об*** (*Эъломияи ҷаласаи 65-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид аз 20.12.2010 таҳти A/RES/65/154*) дар Форуми панҷуми ҷаҳонии об, ки 15-22 марти соли 2009 дар шаҳри Истанбул (Туркия) баргузор гардид, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод карда шуд. Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 20 декабри соли 2010 соли 2013-ро ҳамчун Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об эълон намуд, ки аз ҷониби 190 кишвари олам дастгирӣ ва пуштибонӣ ёфт. Тибқи ин ташаббус рӯзҳои 20-21 августи 2013 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об баргузор гардид, ки дар натиҷаи он як қатор санадҳои ниҳоӣ қабул шуданд: 1) *Эъломияи Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об*, 2) *Барномаи амали Конфронси Душанбе оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об* ва 3) *Натиҷаи Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об*.

***   ***   ***

***Солҳои 2018-2028 – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор»*** (*Эъломияи ҷаласаи 71-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид аз 21.12.2016 таҳти* A/RES/71/222). Ташаббуси мазкур аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми ҳафтуми ҷаҳонии об, ки 12-17 апрели соли 2015 дар шаҳри Тэгу-Кенгбук (Ҷумҳурии Корея) баргузор шуд, пешниҳод гардид. Дар баробар ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зарурати қабули Қатъномаи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» диққат махсус дода, афзоиши аҳолию раванди шаҳрнишинӣ,

биёбоншавӣ, хушксолӣ ва тағйири иқлим ва инчунин, набудани имконот барои таъмини истифодаи мақсадноки обро аз омилҳое номиданд, ки ба норасоии об оварда мерасонанд. Аз ин рӯ, иқдоми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 21 декабри соли 2016 зимни ҷаласаи пленарии Маҷмааи Умумии СММ бо ҳаммуаллифи 177 кишвари аъзои он қабул гардид.

*** *** ***

***Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо*** (*Эъломияи ҷаласаи 77-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид аз 14.12.2022 таҳти A/RES/77/158*) дар ҷаласаи Панели сатҳи баланд оид ба об ва иқлим, ки 3 марти соли 2021 тариқи онлайн баргузор гардид, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод карда шуд. Зеро Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳоест, ки бинобар ифлос шудани ҳавои атмосфера ва тағйир ёфтани иқлим аз солҳои шастуми асри пор ба суръати баланди обшавии пиряхҳо дар ҳудуди худ мувоҷеҳ аст. Аз ҷумла, дар давоми якчанд даҳсолаи охири асри XX дар Тоҷикистон беш аз 1000 пирях, яъне ~30%-и пиряхҳо нобуд шудаанд. Фарзи мисол, танҳо пиряхи аз ҳама бузурги қитъавии Тоҷикистон (собиқ Федченко) дар ин муддат ба андозаи 1 км$^2$ хурд шуда, масоҳати он то 11 км$^2$ кам гардид ва ҳаҷми яхи худро беш аз 2 км$^3$ аз даст дод.

*** *** ***



***Солҳои 2025-2034 – Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера*** (*Эъломияи ҷаласаи 78-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид аз 13.08.2024 таҳти A/RES/78/321*). Ин даҳсола иқдоми VI-уми ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, аз ҷониби Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Фаронса пешбарӣ гардидааст. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (10-13 июня 2024) аз иқдоми мазкур комилан ҷонибдорӣ намуда, аз давлатҳои узви Созмони Милали Муттаҳид даъват

ба амал овարданд, то ташаббуси болозикрро дастгирӣ намоянд. Ҳамчунин, пешбарии ин ташаббус яке аз натиҷаҳои Нишасти қутбии «Як сайёра» (Париж, 8 ноябри соли 2023) мебошад.

***   ***   ***




***Таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи захираҳои об ва тағйирёбии иқлим барои рушди устувор дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором*** *(Эъломияи ҷаласаи 81-уми Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид барои Осиё ва Уқёнуси Ором (UNESCAP) аз 25.04.2025)*. Ин иқдом дар доираи иҷрои масъалаҳои Рӯзномаи рушди устувори минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором барои давраи то соли 2030 ва масоили марбут ба зистмуҳитию рушди соҳаҳои зерсохторҳои Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ барои Осиё ва уқёнуси Ором баррасӣ гардида, нақши Тоҷикистонро дар пешбурди Рӯзномаи обу иқлим, аз ҷумла ҳифзи пиряххо дар арсаи ҷаҳонӣ собит менамояд. Мувофиқи мушоҳидаҳо, раванди обшавии пиряххо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки манбаи асосии об барои тамоми ҳавзаи баҳри Арал мебошанд, хатарнок буда, дар натиҷаи таъсири тағйирёбии глобалии иқлим ба ҳолат ва дурнамои пиряххо, майдони умумии пиряххои кишвар аз соли 1930 ин ҷониб 30% коҳиш ёфтааст.

***   ***   ***



***Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳсор*** *(Эъломияи иҷлоси 7-уми Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист (UNEA-7) аз 12.12.2025 таҳти UNEP/EA.7/L.15)* аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Перу пешниҳод гардида, дар анҷоми Иҷлоси 7-уми Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист, рӯзи 12 декабри соли 2025 бо иттифоқи оро қабул шудааст. Мавзуи куллии UNEA-7 «*Таҳияи роҳҳои ҳалли устувор барои сайёраи устувор*» унвон дошта, дар он таваҷҷуҳи асосӣ ба имконоти рушд ва мутобиқнамоии ноҳияҳои кӯҳӣ дар шароити муосир, махсусан дар раванди тағйирёбии глобалии иқлим равона гардидааст. Бинобар ин, дар фарҷоми UNEA-7 ҳамчун ҳуҷҷатҳои натиҷавӣ 11 қатъномa қабул карда шудааст, ки «Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои

кӯҳсор» қатъномаи даҳум (UNEP/EA.7/Res.10) мебошад. Ин қатънома бори дигар нақши бориз ва саҳми назарраси Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар пешбурди Рӯзномаи ҷаҳонии обу иқлим, аз ҷумла ҳифзи пиряххо дар арсаи ҷаҳонӣ собит намуд.

*** *** ***

Ташаббусҳои ҷаҳонии зикршуда ба ҳамкории фаъоли ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар самти мудирияти захираҳои об ва татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи об, инчунин, дар амалисозии фанноварию навовариҳои муосир мусоидат намуданд.

*Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронси дуюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028», 07.06.2022.*

## ҲАДАФҲОИ ТАШАББУСҲОИ ҶАҲОНИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲАЛЛИ МАСОИЛИ ОБ, ИҚЛИМ ВА ЭКОЛОГИЯ

Табиист, ки рӯз аз рӯз бештар ва мураккаб гардидани буҳронҳои глобалии экологӣ ҳаёт ва фаъолияти инсонро зери хатар гузоштааст. Бархе аз мушкилоти экологӣ хусусияти даврӣ дошта бошанд ҳам, вале раванди афзоиш ва буҳронии онҳо зери таъсири фаъолияти инсон тамоюли бесобиқа касб кардааст. Бинобар ин, пажӯҳиши сабабҳои пайдоиш ва пайомадҳои манфии буҳронҳои глобалии экологӣ, инчунин адешидани тадбирҳои саривақтӣ ҷиҳати коҳиш додани шиддати онҳо ва мутобиқнамоии соҳаҳои фаъолияти инсон ба ин мушкилот аз масоили меҳварии илми муосир маҳсуб мешавад. Зеро мушкилоти глобалии экологӣ, ки дар интиҳои асри XX ва ибтидои садаи XXI падид омадаанд, тамоми ҷанбаҳои фаъолияти инсонро фаро гирифта, ҳатто ба муносибатҳои сиёсию геополитикӣ таъсири амиқ мерасонанд.

Яке аз мушкилоти глобалии экологӣ тағйирёбии иқлим аст, ки айни замон аз бузургтарин таҳдидҳо ба организмҳои зинда маҳсуб ёфта, дастрасии инсонро ба захираҳои табиӣ ба таври назаррас коҳиш медиҳад. Далелҳову мушоҳидаҳои илмӣ ба таври возеҳу равшан нишон медиҳад, ки тағйирёбии глобалии иқлим ба раванди гардиши об дар табиат таъсири амиқ расонида, таъмини оби нӯшокиро коҳиш медиҳад, талабот ба обро бештар мегардонад, ба паст шудани сифати об мусоидат мекунад, коҳишёбиву норасоии обро дар гӯшаю канори кураи арз суръат мебахшад ва рушди устуворро халалдор менамояд. Инчунин, ба таври номутаносиб ба ҷамоатҳои камбизоату осебпазир душвории бештар меорад, ки он дар навбати худ ба вусъат ёфтани мушкилоти дигаре, аз қабили афзоиши демографӣ, муҳоҷирати экологӣ, тағйирёбии истифодаи замин, вайроншавии қабати болоии хок, баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ, таназзули экосистемаҳо ва нобудшавии гуногунии биологӣ мусоидат менамояд.

Имрӯзҳо раванди афзоиши ҳарорати ҳаво ё гармшавии глобалии иқлим дар тамоми минтақаҳои кураи арз ба назар мерасад, вале тамоюли мазкур вобаста ба мавқеи географии сайёра тағйирёбанда ва нобаробар сурат мегирад: баъзе ноҳияҳо хушксолии шадидро аз сар мегузаронанд, дар баъзе манотиқ зуд-зуд ба вуҷуд омадани обхезию тӯфонҳо мушоҳида

мешавад ва дар баъзе минтақаҳо якбора якчанд ҳодисаҳои шадиди гидрометеорологӣ ба амал меоянд. Зеро давоми солҳои охир миқдори обхезӣ, тӯфонҳо, гармиҳои аз меъёр зиёд, хушксолӣ ва дигар ҳодисаҳои марбут ба тағйирёбии шадиди бузургиҳои метеорологӣ беш аз 90% офатҳои бузурги табииро ташкил медиҳанд ва интизор меравад, ки бо сабаби тағйирёбии иқлим басомад ва шиддатнокии чунин ҳодисаҳо боз афзоиш меёбад. Тибқи маълумоти Созмони ҷаҳонии обуҳавошиносӣ (СҶО), аз соли 1980 инҷониб, хатари умумии беморӣ ё фавт бар асари гармшавии иқлим пайваста афзуда, ҳоло тақрибан 30% аҳолии ҷаҳон дар шароитҳои иқлимие зиндагӣ мекунанд, ки соле то 20 рӯз ҳарорати марговарро аз сар мегузаронанд.

Дар баробари ин, талаботи афзоянда ба об дар соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, саноат, таъмини аҳолӣ бо оби босифати нӯшокӣ дар шароити тағйирёбии иқлим тадриҷан дарёфти усулҳои мутобиқшавиро ба ин раванд ва пайдо намудани имконоти дастрасӣ ба манбаъҳои обро, бахусус дар он минтақаҳое, ки алакай ба норасоии шадиди об дучор шудаанд, боз ҳам мушкил месозад. Дар ин маврид, яке аз таъсироти манфии тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он муҳоҷирати аҳолӣ (экологӣ, иҷборӣ) мебошад, ки аксарияти ин ҳаракатҳо табиати дохилӣ дошта, ба рушди ногаҳонии ҳодисаҳои шадиди обу ҳаво алоқамандaнд. Масалан, соли 2016 23,5 млн нафар аҳолӣ бар асари офатҳои табиии хусусияти иқлимидошта муҳоҷир гардид.

Аз ин ҷо равшан аст ва далелҳо низ нишон медиҳанд, ки қисми зиёди офатҳои табиии марбут ба обу иқлим мебошанд ва бо мақсади коҳиш додани хатари ин офатҳо зимни Конференсияи сеюми ҷаҳонӣ дар шаҳри Сендай (Ҷопон, 18.03.2015) Барномаи қолабии Сендай оид коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ барои солҳои 2015-2030 қабул гардид. Ҳуҷҷати мазкур натиҷаи музокираҳои сесола буда, 7 ҳадаф ва 4 афзалияти амал оид ба коҳиш додани басомад ва таъсири хатари офатҳои марбут ба обу иқлимро фаро мегирад. Тавъам ба ин ҳадафу афзалиятҳо, Барномаи қолабии Сендай даъват ба амал меорад, ки баҳри баланд бардоштани огоҳӣ механизмҳои глобалии ҳалли мушкилоти гидрометеорологӣ таҳким ёбанд ва барои беҳтар кардани фаҳмиши хатари офатҳои марбут ба об ва

таъсири онҳо ба татбиқи стратегияҳои коҳиши ин хатарҳо мусоидат намоянд.

Дар ин замина, қисми аъзами кишварҳои ҷаҳон барои аз байн бурдани ҳама гуна шаклҳои камбизоатӣ, гуруснагӣ, мубориза ба нобаробарӣ, тағйирёбии иқлим ва дигар масоили глобалӣ соли 2015 барномаеро таҳти унвони «*Тағйири ҷаҳони мо: Рӯзномаи рушди устувор барои давраи то соли 2030*» қабул карданд. Мувофиқи барномаи мазкур Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) 17 ҳадафи глобалии ба ҳам алоқамандро дар бар гирифта, мувозинати се ҷузъи асосии рушди устувор – иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро таъмин менамоянд. Аз ҷумла, ҳадафҳое чун таъмини мавҷудият ва истифодаи устувори захираҳои об ва санитария барои ҳамагон (ҳадафи 6), таъмини дастрасӣ ба манбаъҳои энергияи арзон, боэътимод, устувор ва муосир барои ҳама (7), қабули тадбирҳои саривақтӣ баҳри мубориза бо тағйирёбии иқлим ва пайомадҳои он (13), ҳифз ва истифодаи оқилонаи уқёнусҳо, баҳрҳо ва захираҳои баҳр бо мақсади рушди устувор (14) ва ҳифз, барқарорнамоии экосистемаҳои хушкӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо, истифодаи самараноки ҷангал, мубориза бо биёбоншавӣ, нигоҳдорӣ ва барҳам додани таназзули замин ва боздории нобудшавии гуногунии биологӣ (17) бевосита ба масоили об ва иқлим марбут буда, махсусан ҳадафҳои 6 ва 13 намунаҳои бармалои алоқамандии мушкилоти обу иқлим маҳсуб меёбанд. Бо назардошти он, ки таъсири тағйирёбии иқлим ба захираҳои об (коҳишёбии пиряххо, обхезӣ, камобӣ, тӯфон, хушксолӣ ва ғайра) ба таври равшан мушоҳида мешавад, бисёре аз тадбирҳои коҳишдиҳӣ ва мутобиқсозӣ фаъолияти мақсадноки ин барномаҳоро дар сатҳҳои мухталиф таъмин менамоянд.

Мушоҳидаҳои бисёрсола шаҳодат медиҳанд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳз тавассути тағйирот ва оқибатҳои гидрологӣ таъсири бештари буҳронҳои иқлимиро эҳсос менамояд. Ба андешаи мутахассисони Гурӯҳи коршиносони байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим (ГКБТИ) хатари тағйирёбии иқлим вобаста ба оби нӯшокӣ бо зиёдшавии консентратсияи газҳои гулхонаӣ ба таври назаррас меафзояд. Мувофиқи Гузориши махсуси ГКБТИ оид ба оқибатҳои гармшавии глобалӣ то 1,5°С, агар гармшавии глобалии иқлим бо чунин тамоюл афзоиш ёбад, он гоҳ давоми солҳои 2030-2050 ҳарорат ба 1,5°С мерасад.

Бинобар ин, дар сатҳи то 1,5°C маҳдуд кардани гармшавии глобалии иқлим барои захираҳои об таъсири бузург дорад. Эҳтимолан, равиши мазкур он норасоиеро, ки бо афзоиши талабот ба об дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ба вуҷуд омадааст, то 50% коҳиш диҳад. Зеро аз рӯйи арзёбии коршиносон, аҳолии сайёра то соли 2050 зиёда аз 9 млрд нафарро ташкил дода, бо афзоиши истеъмоли об боис мегардад. Интизор меравад, ки бо афзоиши тадриҷии аҳолӣ то соли 2030 тақрибан 40% ва бар асари таъсири тағйирёбии иқлим то соли 2050 беш аз 50% аҳолии кураи арз ба мушкилоти норасоии об рӯ ба рӯ мешаванд.

Ҷаҳони имрӯза аллакай ба мушкилоти зиёди марбут ба об мувоҷеҳ буда, ҳоло дар қитъаи Осиё 1 млрд, дар Африқо 350 млн ва дар Амрикои Лотинӣ беш аз 100 млн нафар аз норасоии оби нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Ҳамчунин, айни замон анқариб 3,6 млрд нафар аҳолии ҷаҳон дар минтақаҳое зиндагӣ мекунанд, ки онҳо дар давоми сол ҳадди аққал як моҳ норасоии обро эҳсос мекунанд. Мувофиқи Гузориши Созмони Милали Муттаҳид (СММ) оид ба рушди ҷаҳонии захираҳои об, ки аз соли 2003 инҷониб бо номҳои гуногун интишор меёбад, ин рақам то соли 2050 ба 4,8-5,7 млрд нафар мерасад, ки боиси рақобати бесобиқаи байни истифодабарандагони об, аз ҷумла дар сарҳадҳои сиёсӣ ва обҳои фаромарзӣ мегардад. Феълан, бархе давлатҳои ҷаҳон норасоии шадиди оби нӯшокиро эҳсос мекунанд ва солҳост, ки як қатор кишварҳо ба хариду фурӯши оби ошомиданӣ сару кор доранд. Масалан, ИМА аз Канада, Олмон аз Шветсия, Норвегия, Нидерландия ва Арабистони Саудӣ аз Малайзия оби нӯшокӣ харидорӣ менамоянд.

Дар баробари ин, аз нимаи дуюми асри пор инҷониб талафоти иҷтимоӣ ва хисороти иқтисодӣ аз офатҳои сикли гидрологӣ, асосан аз ҳисоби афзоиши миқдори офатҳои марбут ба обу иқлим ва бештар гардидани осебпазириҳо нисбат ба онҳо зиёд мешавад. Тибқи арзёбии коршиносони ГКБТИ, ҳангоми 2°C гармшавии глобалии иқлим дар муқоиса ба 1,5°C хатари боришоти атмосферии шадид як қатор ноҳияҳои баландкӯҳи Нимкураи шимолӣ, Осиёи Шарқӣ ва қисми шарқии Амрикои Шимолиро фаро мегирад. Бинобар ин, хатароти марбут ба обхезиҳо дар минтақаҳои Осиёи Ҷанубӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Осиёи Шимолӣ, Африқои Тропикӣ ва Амрикои

Ҷанубӣ афзоиш меёбанд. Баръакси ин ҳолат, тағйирёбии иқлим давоми даҳсолаҳои оянда дар аксари манотиқи кураи арз ба эҳтимолияти афзоиши хушксолиҳои метеорологӣ (боришоти кам) ва хушксолиҳои кишоварзӣ (камшавии намии хок) оварда мерасонад. Ба андешаи олимони соҳа, зимни 2°С баланд шудани иқлими сайёра нисбат ба 1,5°С дар аксар минтақаҳои ҷаҳон хатари хушксолӣ ва норасоии боришот бештар мегардад. Дар натиҷа, дар ин ноҳияҳо хушксолиҳои кӯтоҳмуддат ё босуръат афзоишёбанда бештар ба амал меоянд ва ҳаҷми обҳои сатҳию зеризаминӣ бошад, хеле кам мешавад.

Дар шароити кунунии тағйирёбии иқлим ва тағйироти пешгӯишавандаи иқлимӣ, пеш аз ҳама, дар минтақаҳои ба ин раванд осебпазир, ба монанди ноҳияҳои кӯҳсор ва хушк, масоили таъмин ва ҳифзи амнияти обӣ аҳамияти махсус пайдо менамоянд. Зеро тағйирёбии глобалии иқлим раванди обшавии пиряххо ва коҳишёбии майдонҳои яхбандиро дар аксар минтақаҳои ҷаҳон тезонидааст ва ба таназзули заминҳои кишварзӣ ва маҳдуд гардидани имконоти зиндагӣ мусоидат кардааст. Мусалламан, шиддатёбии мушкилоти марбут ба обу иқлим ба шумора ва сатҳи зиндагии аҳолии ин мавзеъҳо таъсири ногувор хоҳад расонид. Дар чунин ҳолат зарурати ҳамгироии минбаъдаи кӯшишҳои олимон ва сиёсатмадорон, ки қарорҳои махсус қабул менамоянд, инчунин шарикон, ки дар бахши об фаъолият доранд, барои мубодилаи донишҳо, татбиқи амалии барномаю лоиҳаҳо бо мақсади оқилона гардонидани нақшаҳои истифодабарии об ва идоракунии захираҳои об дар шароити тағйрёбии иқлим ва талаботҳоро дар масири ҲРУ ба маротиб меафзояд.

Муҳимияти масъалаҳои таҳия ва татбиқи талаботҳои консепсияи истифодабарии устувори захираҳои об бо зарурияти ҳалли мушкилоти тағйирёбии иқлим ва ҳаддалимкон кам кардани оқибатҳои он зич алоқаманд аст. Осиёи Марказӣ, ки яке аз минтақаҳои ба тағйирёбии иқлим осебазир мебошад, шиддатнокии ин равандро бештар аз дигар ноҳияҳои кураи арз бештар эҳсос менамояд. Раванди мазкурро воқеъ гардидани минтақа дар маркази Авруосиё, дур будан аз баҳру укёнусҳо, мавҷудияти биёбонҳои бузург, иқлими хушк ва гуногунии ландшафт вусъат мебахшад. Ба далели ин хусусиятҳо ҳама кишварҳои минтақа, махсусан Тоҷикистон аз зумраи кишварҳо

ба тағйирёбии иқлим осебпазир мебошад, ки таъсироти манфии он ҳамеша мушоҳида мешавад. Ба андешаи мутахассисони СММ, тағйирёбии иқлим ва харобшавии экосистемаҳо, аз ҷумла, экосистемаҳои ноҳияҳои кӯҳсори маҷроофаре, чун Тоҷикистон бо ҳамдигар зич алоқамананданд ва зери таъсири тағйирёбии иқлим соле дар ҳаҷми миллиардҳо доллари амрикоӣ хисороти иқтисодӣ мебинанд. Зиёда аз ин, равандҳои пурзӯршудаистодаи тағйирёбии иқлим метавонанд ба афзоиши шиддатнокӣ ва такроршавии офатҳои табиӣ оварда расонанд ва ин ҳолатҳо неруи иқтисодии кишварҳои минтақаро хароб сохта, метавонанд ба монеъаҳои душворгузар дар роҳи ноил гардидан ба нишондодҳои рушди миллӣ ва умуман, ҲРУ табдил ёфта, дар татбиқи барномаву стратегияҳо оид ба коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар кишварҳо мушкилоти иловагӣ ба миён оваранд.

Маҳз бо назардошти мушкилоти болозикр Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари масоили дохилии кишвар ба масоили минтақавию ҷаҳонӣ диққати махсус дода, онҳоро аз доираҳои мухталиф баррасӣ менамоянд ва барои ҳаллашон тадбирҳои мушаххас меандешанд. Айни замон ду масъалаи ҳалталаб ва мубрами глобалӣ, ки қаблан ишора гардид ва ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, тағйирёбии иқлим ва истифодаи захираҳои об мебошад. Ин масоил, ки ба ҳам пайванди ногусастанӣ доранд, ҳамеша дар madди назари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, оид ба ҳалли онҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои бонуфуз иқдомҳои наҷибу илман асоснокро ироа доштаанд. Азбаски ташаббусҳои хирадмандонаю дурандешонаи Пешвои миллат дар заминаи далелҳои муътамади мушоҳидавӣ ва арзёбиҳои дақиқи илмӣ рӯйи кор омадаанд, аз ҷониби аксар давлатҳои ҷаҳон дастгирӣ ёфтанд. Аз ин ҷост, ки ҷиҳати татбиқи амалӣ ва натиҷагирӣ аз рафти иҷроиши ташаббусҳои ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Душанбе 11 ҳамоиши сатҳи баланд баргузор гардида, дар заминаи иқдомоти Пешвои миллат СММ 14 қатънома қабул ва амалӣ намудааст.

Зеро ташаббусҳои байналмилалии Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли масоили обу иқлим ҳадафҳои неку созандаи зиёдеро дар пай доранд, ки ҳамагӣ барои ҳифзи ояндаи кураи арз равона гардидаанд ва барои

рушди оянда ҳадафҳои мушаххас доранд. Зиёда аз ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон чун кишвари ташаббускор ва пешсафи ҳалли масоили глобалии марбут ба обу иқлим дар аксар ҳамоишҳои соҳа, махсусан дар чорабиниҳои ду ниҳоди муҳими байналмилалӣ – Форумҳои ҷаҳонии об ва Конференсияҳои тарафҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим фаъолона ширкат меварзад ва иқдомҳои аҳамияти ҷаҳонидоштаро пешниҳод менамояд. Аз ҷумла, 3 ташаббуси ҷаҳонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳз дар доираи се форуми ҷаҳонии об, яъне Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015» дар Форуми сеюми ҷаҳонии об (*Киото, Ҷопон, 2003*), Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об дар Форуми панҷуми ҷаҳонии об (*Истанбул, Туркия, 2009*) ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар Форуми ҳафтуми ҷаҳонии об (*Тэгу-Кенгбук, Корея, 2015*) пешниҳод гардидаанд.

*Ҳадафҳои меҳварии «Соли байналмилалии оби тоза»* (соли 2003) пеш аз ҳама фаъол гардонидани амалҳо оид ба баррасии масоили мубрами сатҳи ҷаҳонӣ дар самти истифодаи захираҳои об, ҷалби ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳалли ҳадафҳои «Рушди ҳазорсола», аз ҷумла: а) то соли 2015 ду маротиба кам кардани шумораи аҳолие, ки ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надоранд; б) дастрасии маълумоти дақиқ оид ба об ва в) пешниҳоди андешаву стратегияҳои ҷадид оид ба ҳалли масоили об мебошад. Ҳамчунин, маҳз пас аз пешниҳод гардидани иқдоми мазкур ва дар асоси он қабул шудани Қатъномаи СММ таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мониторинг, ҳифз, истифодаи оқилона ва дурнамои захираҳои об бештар гардида, таҷлил намудани Рӯзи ҷаҳонии мониторинги об ё Рӯзи ҷаҳонии мониторинги сифати об (World Water Monitoring Day) аз соли 2003 инҷониб ба ҳукми анъана даромад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки Рӯзи ҷаҳонии мониторинги сифати об аввалан аз тарафи Бунёди оби тозаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳамчун барномаи маърифатии ҷаҳонӣ пешниҳод шуда, баъдан ба «*Масъалаи ҷаҳонии мониторинги захираҳои об*» табдили ном кард. Вале, бо қабул гардидани нахустин ташаббуси ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти амалҳо дар самти баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ ва таъмини иштироки фаъолонаи мардум дар ҳифзи захираҳои об

дар саросари ҷаҳон тавассути фароҳам овардани имкон ба шаҳрвандон баҳри анҷом додани мониторинги захираҳо ва объектҳои обии маҳалли худ густариш пайдо намуд. Айни замон санаи мазкур ба барномаи иттилоотӣ-маърифатӣ табдил ёфта, баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум аз мушкилоти захираҳои оби сайёра дар меҳвари он қарор дорад.

*Ҳадафҳо ва дастовардҳои меҳварии Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015»* аз пешбурди иҷрои уҳдадории кишваррҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ оид ба масоили таъминоти аҳолӣ бо об то соли 2015 ва коркарди нақшаҳои идоракунии маҷмаавии захираҳои об ва истифодаи самараноки ин захираҳо, аз ҷумла бо шарти расонидани ёрии амалӣ ба давлатҳои рӯ ба рушд дар ин самт иборат мебошанд. Дар доираи даҳсолаи мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо кишвари ташаббускор, балки ҳамчун давлати дар сатҳи миллӣ татбиқкунандаи пешниҳодоташ «*Барномаи беҳтар намудани таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020*» қабул ва амалӣ намуд. Барои татбиқи амалии барномаи мазкур дар Тоҷикистон лоиҳаҳо ва барномаҳои марбут ба об дар ҳаҷми 1,6 млрд доллар маблағгузорӣ шуданд, аз ҷумла барои таъмини аҳолии кишвар бо оби нӯшокӣ 1,0 млрд доллар, баҳри таъминоти санитарӣ 262 млн ва барои корҳои обёриву соҳилмустаҳкамкунӣ 335 млн доллар маблағ равона гардид. Дар маҷмуъ, дар доираи татбиқи ин барнома 1,5 млн аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба оби нӯшокии баландсифат дастрасӣ пайдо карданд.

Ҳамзамон, бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои ислоҳоти соҳаи об, аз ҷумла таъмини кафолатноки об ба ҳама истеъмолкунандагон, ба даст овардани идоракунии устувори экологӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ самараноки захираҳои об ва беҳтар намудани идоракунии захираҳои об тавассути татбиқи идоракунии ҳамгироёна ва ҳавзавии захираҳои об бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №791 «*Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2025*» қабул гардид ва татбиқи амалии он идома дорад.

*Ҳадафҳои меҳварии «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об»* (соли 2013) тақвият додани ҳамкориҳои судманд байни кишварҳо барои ҳалли масоили алоқаманд ба об, бехатарии

обӣ, махсусан захира ва объектҳои обии фаромарзӣ мебошад. Зеро тибқи далелҳои географӣ, дар тамоми кураи арз 263 ҳавзаи дарёҳои фаромарзӣ мавҷуд буда, онҳо ба марзи ду ва зиёда кишварҳо тааллуқ доранд. Ин ҳавзаи дарёҳо, ки дар ҳудуди онҳо тақрибан 40% аҳолии ҷаҳон умр ба сар мебаранд, анқариб нисфи сатҳи хушкии Заминро фаро мегиранд ва 60%-и оби тозаи сайёраро ташкил медиҳанд. Ҳавзаи дарёҳои фаромарзӣ қаламрави 145 кишварро фаро гирифта, марзи 21 кишвар пурра дар ҳудуди ин ҳавзаҳо ҷойгир шудааст. Бинобар ин, яке аз масоили ҳалталаби ҷаҳони муосир, ки бо тағйирёбии глобалии иқлим ва коҳишёбии захираҳои об бештар мушкил мегардад, истифодаи захираи обҳои фаромарзӣ мебошад. Ҳарчанд дар бораи истифодаи обҳои фаромарзӣ давоми 50 беш аз 150 созишномаи байналмилалӣ, байнидавлатӣ ва ҳавзавӣ қабул гардидааст, вале дар ҳамин давра зиёда аз 500 муноқиша ба вуқӯъ пайвастааст, ки 21 низоъ ба амалиёти низомӣ оварда расонидааст. Фарзи мисол, давоми ин солҳо байни ИМА ва Мексика оид ба тақсими оби дарёи Рио-Гранде, байни Россия ва Чин барои тақсими оби Амур, байни Ҳиндустон ва Покистон оид ба тақсими оби Ҳинд, байни Ҳиндустон ва Бангладеш барои тақсими оби Ганг, байни Туркия, Сурия ва Ироқ оид ба тақсими оби дарёҳои Даҷла ва Фурот, байни Миср, Судон ва Ҳабашистон барои тақсими оби Нил, байни Нигер, Нигерия, Чад ва Камерун оид ба тақсими оби кӯли Чад ва ғайра далели баҳсҳои хушунатбор оид ба истифодаи захираи обҳои фаромарзӣ мебошанд. Бо вуҷуди мураккабии масоили марбут ба обҳои (дарёҳо, кӯлҳо) фаромарзӣ, Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷомеаи ҷаҳониро мутақоид сохтанд, ки ин мушкилотро метавон тавассути дипломатия ҳал намуд ва аз ин ҷост, ки ин иқдоми мақбули ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид.

*Ҳадафҳои меҳварии Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»*-ро таkон ва суръати тоза бахшидан ба амалҳо дар соҳаи об бо мақсади ноил гаштан ба ҲРУ ташкил медиҳанд, зеро татбиқи ин ҳадафҳо барои ҳар як кишвар масъулияту уҳдадорӣ ва иҷрои тадбирҳои амалии навро тақозо менамояд. Ба пурра амалӣ шудани ҳадафҳои даҳсолаи мазкур, иброз менамоянд Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, мушкилоте, аз қабили тағйирёбии иқлим,

афзудани шумораи аҳолии замин, ҳодисаҳои зараровари табиӣ, касалиҳои гузаранда, бухронҳои экологию озуқаворӣ ва энергетикӣ, зиддиятҳои ҳарбӣ ва ғайра таъсири бевосита мерасонанд. Бо вуҷуд ин, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» воситаи асосии кӯмак баҳри ҷорӣ намудани ҳадафҳои стратегияи «рушди устувор» гардидааст, ки амалӣ шудани онҳо давоми солҳои 2016-2030 дар назар дошта шудааст. Ҳамчунин, даҳсолаи мазкур дастовардҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015»-ро боз мустаҳкам ва дучанд намуда, барои мутаҳҳид кардани талошҳо оид ба ҳалли мушкилоти об дар давраи баъд аз соли 2015 платформаи бисёр ҳам хубе гардид.

Аз ҳадафҳои меҳварӣ ва дастовардҳои ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармалост, ки онҳо ба ҳамкории фаъоли ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар самти мудирияти захираҳои об ва татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи об, инчунин дар амалисозии фановарию навовариҳои муосир мусоидат намуданд. Ҳалли мушкилоти глобалии об ба афзоиши сармоягузорӣ дар бахши об, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои инфрасохтор зич алоқаманд аст. Ин далел барои идоракунии оқилонаи захираҳои об ва пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба таъминоти об хеле зарур буда, ҷиҳати таъмини суръати баланди рушди иҷтимоӣ-экологӣ-иқтисодӣ аҳамияти хеле бузург дорад. Вале, анқариб 60% экосистемаҳои табиии ҷаҳонӣ, ки ба ин ё он тарз бо захираҳои об алоқаманданд, бар асари шиддати равандҳои таъсироти ногувори антропогенӣ ва тағйирёбии иқлим харобгардида ҳисобида мешаванд. Ин ҳолат ба ҳаҷм, ҳолат ва самаранокии захираи обҳои истифодашаванда, пеш аз ҳама, оби нӯшокӣ таъсири ногувор мерасонад. Зиёда аз ин, ҳамбастагии зичи об, муҳити зист ва иқлим зудтағйирёбанда гардида, ба афзоиши офатҳои гидрометеорологӣ мусоидат менамояд ва бад-ин васила ба тамоми соҳаҳои фаъолияти хоҷагии халқ таъсири манфӣ мерасонад. Махсусан, тағйирёбии иқлим, ки пеш аз ҳама, аз ҳисоби таъсиррасонӣ ба захираҳои об ба ҳаёти ҳаррӯзаи одамон дигаргунӣ ворид менамояд, ҷомеаи ҷаҳониро ба мушкилоти бузурге – обшавии босуръати пиряхҳо рӯ ба рӯ гардонидааст. Ин мушкилот дар масири расидан ба ҲРУ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон, аз

ҷумла Тоҷикистон, ки кишвари кӯҳсор ва дорои захираҳои бузурги глятсиологӣ аст, монеаи ҷиддӣ эҷод менамояд.

Мушкилоти коҳишёбии пиряххо ва камшавии майдони яхбандиҳо ва на танҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки барои тамоми минтақаи ҳавзаи баҳри Арал ва умуман, кураи арз масъалаи бағоят хатарнок ва ҳалталаб мебошад. Ҳарчанд далелҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки суръат ва тамоюли тағйирёбии майдони яхбандиҳо дар давраҳои гуногуни геологӣ яксон нест, вале обшавии пиряххо дар замони муосир суръати бесобиқа касб кардааст. Тадқиқоти яхшиносӣ собит мекунанд, ки дар марҳилаҳои мухталифи ташаккули глятсиологӣ ва климатологии сайёраи Замин давраҳои таҳаввулу таназзули зиёди яхбандӣ ҷой доштааст. Истифодаи намунаҳои пешбинӣ гардидани раванди тағйирёбии иқлим барои пешгӯии динамикаи яхбандиҳо натиҷаҳои ноустувор нишон медиҳад. Мувофиқи маълумоти яке аз намунаҳо гармшавии иқлим ба камшавии захираҳои оби минтақа меорад, вале тибқи арзёбиҳои дигар коҳиши яхбандиҳо бо афзоиши миқдори боришот ҷуброн мешавад, ки дар натиҷаи он маҷрои оби дарёҳо бештар мегардад. Чунин гуногунии арзёбиҳои қаблии тағйирёбии маҷрои об аз мушкилоти ҳалли масъалаи мазкур ва зарурати тадқиқи тағйирёбии иқлиму динамикаи пиряххои ноҳияҳои яхистон, аз ҷумла Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад. Бо вуҷуди ин, бо суръати баланд обшавии пиряххо ва тамоюли зиёд пайдо намудани коҳишёбии майдони яхбандиҳо дар тамоми ноҳияҳои яхистони кураи арз ба назар мерасад.

Маҳз бо назардошти ин нукта Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масоили об ва иқлим (03.03.2021), иброз намуданд, ки: «*Мутаассифона, имрӯзҳо мо босуръат об шудани яхро дар Арктика, Антарктида ва Гренландия мушоҳида менамоем. Ҳамчунин, тағйироти ҷиддӣ дар пиряххои воқеъ дар хушкӣ низ ба амал омада истодаанд. Тибқи ҳисоботи «Баҳодиҳии Ҳимолой дар Ҳиндукуш» бошад, мо аллакай то охири садсолаи ҷорӣ метавонем зиёда аз се ду ҳиссаи пиряххои Ҳимолойро аз даст диҳем. Вазъи ба ин монанд дар пиряххои Помир низ ба вуҷуд омада истодааст, ки обшавии бузургтарин пиряхи воқеъ дар хушкӣ дар Тоҷикистон намунаи возеҳи ин гуфтаҳо мебошад*». Суханони Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистонро, ки арзёбии комилан дақиқе оид ба динамика ва дурнамои пиряххои ноҳияҳои яхистони кураи арз мебошанд, ГКБТИ низ собит менамояд. Зеро ГКБТИ аз моҳи октябри соли 2018 то моҳи майи соли 2022 Гузориши шашуми арзёбии вазъи иқлими сайёраро омода ва интишор намуд, ки дар он доир ба пиряххо ва қабати барфии Замин маълумот оварда шудааст. Мувофиқи хулосаи гузориши мазкур, пиряхҳое, ки дар ноҳияҳои кӯҳсор воқеъ гардидаанд, қариб дар ҳама гӯшаю канори кураи арз бо суръати баланд об мешаванд, ки чунин тамоюл дар 2000 соли охир бори нахуст ба назар мерасад. Яъне, коҳиши массаи пиряххо, яхбандиҳои доимӣ ва қабати барф дар асри XXI вусъат ёфта, ҳангоми ба андозаи 1,5°C гарм шудани иқлим дар саросари ҷаҳон бисёр пиряххо, махсусан пиряххои хурд массаи зиёди худро аз даст медиҳанд.

Тавъам бо суханони Президени Ҷумҳурии Тоҷикистон сенарияи гармшавии миёна ҳам нишон медиҳад, ки то интиҳои асри ҷорӣ дар ноҳияҳои баландкӯҳи Осиё тақрибан 50% ва дар минтақаҳои яхистони Осиёи Марказӣ ва Ғарбӣ анқариб 70% пиряххо аз байн мераванд. Дар натиҷа кӯлҳои пиряхӣ ба вуҷуд меоянд ва рахнашавии онҳо боиси обхезиҳои шадид мегардад, ки ба минтақаҳои поёноби ноҳияҳои кӯҳсор хисороти зиёд меорад. Тибқи арзёбиҳо то соли 2100 дар сеяки 56 ҳавзаи пирях̣ҳои бузург маҷрои солонаи оби дарёҳо беш аз 10% коҳиш меёбанд, ки камшавии зиёдтарин ба навоҳии кӯҳсори Осиёи Марказӣ ва Анд рост меояд. Ҳангоми ~2°C гарм шудани ҳарорат маҷрои оби бо мақсади кишоварзӣ истифодашаванда, вобаста ба дараҷаи обшавии барф дар баъзе ҳавзаи дарёҳо то 20% кам шуда, дар ин давра коҳишёбии массаи пирях̣ҳо дастрасии обро барои соҳаҳои кишоварзӣ, гидроэнергетика ва таъминоти аҳолӣ 18 ± 13% коҳиш медиҳад. Инчунин, аз рӯйи арзёбиҳои ГКБТИ, назар ба 1,5°C гармшавии глобалии иқлим, ҳангоми 2°C афзудани ҳарорат хисороти марбут ба обхезиҳо 1,4-2 маротиба ва дар вақти 3°C баланд шудан 2,5-3,9 маротиба бештар мегардад. Аз ин ҷо ба таври бармало дида мешавад, ки обшавии пирях̣ҳо ва камшавии майдони яхбандиҳо мушкилоти идоракунии захираҳои об, дастрасӣ ба об ва дигар масоили марбут ба обро дар тамоми манотиқи кураи арз, махсусан дар ноҳияҳое, ки захираи маҳдуди об доранд, боз ҳам мураккабу печида мегардонад.

Имрӯз қисми аъзами иқлимшиносон бар он назаранд, ки гармшавии глобалии иқлим вуҷуд дорад ва ба андешаи онҳо агар нигоҳ доштани афзоиши ҳарорат дар ҳудуди 1,5°C имконнопазир бошад, пас он симои сайёраро ба куллӣ тағйир медиҳад. Зеро на танҳо натиҷаҳои амсилаҳои компютерии иқлимӣ, балки далелҳои тавассути мушоҳида, чекунӣ ва бақайдгирии моҳвораҳои сунъии метеорологӣ, шабакаҳои обуҳавосанҷӣ ва дидбонгоҳҳои укёнусӣ бадастомада раванди афзоиши ҳарорати ҳаворо дар сатҳи Замин собит менамоянд. Азбаски пиряхҳо яке аз унсурҳои табиии ба тағйирёбии иқлим бағоят ҳасосанд, бинобар ин, таҷрибаҳо низ нишон медиҳанд, ки махсусан пиряхҳои ноҳияҳои кӯҳӣ ва манотиқи қутбии Замин нахустин ва асоситарин «қурбониён»-и раванди мазкур мебошанд. Ва мувофиқи маълумотҳои метеорологӣ ҳарорат дар ноҳияҳои яхистон ва барфҳои доимӣ назар ба садсолаҳои гузашта аллакай чанд дараҷаи Селсия (°C) боло рафтааст.

Мусалламан, бо чунин тамоюл афзудани ҳарорати ҳаво ба таври бебозгашт коҳиш ёфтани андозаи геометрии пиряхҳои Антарктида, Арктика ва дигар ноҳияҳои яхистони сайёраи Замин оварда мерасонад. Олимони соҳа, бо истифода аз алгоритмҳои махсусе, ки имкон медиҳанд, раванди тағйирёбии майдони яхбандиҳо дар фосилаҳои гуногуни вақт мушоҳида карда шавад, тағйир ёфтани ҳолати беш аз 650 пиряхи Қафқози Калонро пайгирӣ карданд. Натиҷаҳои бадастовардаи онҳо нишон медиҳанд, ки майдони умумии пиряхҳо 16% ва майдони яхбандии соф аз он ҳам бештар, яъне 20% коҳиш ёфтааст. Барои муайян кардани сабабҳои бо суръати баланд обшавии пиряхҳои Қафқоз муҳаққиқон давоми 30 соли охир раванди тағйирёбии иқлими минтақаро дар робита бо иқлими гулобалӣ мавриди омӯзиш қарор доданд.

Ба андешаи олимон омили асосии таҳрикдиҳандаи обшавии пиряхҳо гармшавии глобалии иқлим буда, маҳз дар натиҷаи он давоми 30 соли охир ҳарорати ҳаво дар минтақаҳои баландкӯҳи Қафқоз ба андозаи 0,5-0,7°C боло рафтааст. Раванди мазкурро далели дигаре низ собит менамояд, ки дар ин давра микдори боришот, махсусан боришоти фасли сармо тағйир наёфтааст ва масоҳати пиряхҳои бо морена пӯшидашуда аз он озод гардидаанд. Зеро морена ва дигар ҷинсҳои кӯҳии таърихан таҳшиншуда сатҳи пиряхҳоро аз гармӣ ва нурҳои

Офтоб ҳифз намуда, имкон медиҳанд, ки пиряххо ҳатто дар ҳароратҳои ғайримуқаррарии баланд низ афзоиш (аккумулятсия) ёбанд ва ҳаракат кунанд. Мавҷуд набудани чунин сатҳи «пӯшиш» барои пиряхҳои нишебии ҷанубии Қафқоз боис гардидааст, ки ин пиряхҳо нисбат ба пиряхҳои дигар манотиқи Қафқоз зудтар об шаванд. Аз ин рӯ, муҳаққиқон пешниҳод менамоянд, ки ҳамаи ин равандҳо бояд ҳангоми пешгӯии хатарҳои марбут ба суръатбахшии обшавии пиряхҳо, аз ҷумла ярч, обхезӣ ва сел, инчунин барои арзёбии нишебиҳои қуллаи Элбрус ва дигар қуллаҳои баланди Қафқоз ба инобат гирифта шаванд.

Тибқи иттилои олимони Донишгоҳи Оттава, пиряхҳои ноҳияҳои Қутби шимоли Канада бо суръати баланд об мешаванд ва бисёре аз онҳоро хатари нобудшавӣ таҳдид менамояд. Ин гурӯҳи пажӯҳишгарон аксҳои моҳворавии солҳои 1999-2015-ро таҳлилу муқоиса намуда, ошкор сохтанд, ки андоза ва ҳаҷми беш аз 1700 пиряхи ноҳияҳои арктикии Канада тағйир ёфта, дар тӯли 16 сол майдони яхбандӣ 1700 км² (6%) кам шудааст. Аз натиҷаҳои тадқиқоте, ки онҳо дар маҷаллаи Journal of Glaciology нашр карданд, аён аст, ки тӯли ин солҳо ягон пирях афзоиш наёфта, баръакс, аз 1773 пиряхи тадқиқшуда 1353-тои он тамоман нобуд шудааст. Муҳаққиқон обшавии пиряхҳоро бо афзоиши ҳарорати миёнаи солона марбут дониста, хулоса мекунанд, ки агар ин раванд ба чунин тамоюл густариш ёбад, он гоҳ пиряхҳои Канада дар муддати кӯтоҳ нобуд мешаванд. Ба андешаи олимони канадагӣ оқибати бармалои обшавии пиряхҳо баланд шудани сатҳи оби баҳр аст, вале дар ин раванд нобудшавии экосистемаҳои нодири минтақа, аз қабили кӯлҳое, ки дар байни пиряхҳо ба вуҷуд меоянд, ба мушкилии бузург мубаддал мегардад.

Мувофиқи маълумоти маҷаллаи The Cryosphere, гурӯҳи олимон аз Донишгоҳи Фрибург, Озмоишгоҳи гидравлика, гидрология ва гятсиология, Институти федералии Швейтсария оид ба тадқиқи ҷангал, барф ва ландшафт, Мактаби олии техникии Донишгоҳи Сюрих (Швейтсария), Донишгоҳи Гренобли Алп ва Донишгоҳи Тулуза (Фаронса) бойгонии аксҳои топографии Швейтсарияро мавриди омӯзиш қарор дода, тавассути харитасозиҳои тағйирёбии таърихии баландии пиряхҳо давоми солҳои 1931-2016 ду баробар коҳиш ёфтани

ҳаҷми пиряхҳои Швейтсарияро ошкор намуданд. Таҳлили олимон ба бойгонии аксҳои заминӣ, ки бо номи TerrA маъруф аст ва тақрибан 86%-и майдони пиряхҳои кишварро дар бар мегирад, асос ёфтааст. Пажӯҳишгарон ҳаҷми яххои қисми швейтсарии кӯҳсори Алпро дар асоси 21 703 тасвири солҳои 1916-1947 аккосишуда (меъёр – соли 1931) арёзбӣ намуда, натиҷаҳои онҳоро бо маълумоти дар оғози ченкуниҳои дақиқ (соли 2016) бадастоварда муқоиса карданд. Ҳамчунин, бо истифода аз усулҳои геодезӣ, тавозуни массаи пиряхҳоро дар саросари Швейтсария ҳисоб карда, ба хулосае расиданд, ки аз соли 1931 то соли 2016 ҳаҷми онҳо ба андозаи 51,5 ± 8,0% коҳиш ёфтааст. Ҳарчанд, маҳз дар ин давра микдори ях аз нисф зиёд кам шудааст, вале раванди таназзул дар гузашта на ба чунин тамоюл равшан буд. Раванди коҳишёбии пиряхҳои минтақа бо мурури замон, дақиқан бо афзоиши ҳарорати ҳавои наздизаминии атмосфера ва кам шудани микдори боришот дар фасли сармо суръат гирифта, давоми солҳои 2016-2021 ҳаҷми ях боз 12% коҳиш ёфтааст. Бинобар ин, ба андешаи ин гурӯҳи олимон, раванди мазкур дар оянда аз рӯи сенарияи бадтарин густариш меёбад.

Ҳамзамон, тибқи навиштаи маҷаллаи The Cryosphere, яхшиносони рус ва аврупоӣ айнан чунин манзараро зимни тадқиқоти муштараке, дар ноҳияи яхистони Қафқози Бузург ошкор намудаанд. Онҳо низ аксҳои моҳворавиии ҳолати пиряхҳои ин системаи кӯҳиро таҳлил намуда, муайян карданд, ки масоҳати умумии пиряхҳо давоми солҳои 1986-2014 аз 692 то 590 км² кам шудааст. Ба андешаи пажӯҳишгарони Институти географияи Академияи илмҳои Россия бо чунин суръат обшавии пиряхҳо дар Қафқози Бузург ба баландшавии ҳарорати ҳавои тобистона ва зиёдшавии радиатсияи ворид-шавандаи офтобӣ аз ҳисоби тағйирёбии гардиш (сиркулятсия) ва бартарӣ пайдо кардани антисиклонҳои тобистона дар пасманзари тағйир наёфтани микдори боришот вобастагӣ дорад.

Раванди таназзули пиряхҳои системаи кӯҳии Қафқоз сол аз сол густариш пайдо кардааст. Далел бар ин андеша он аст, ки олимони соҳа давоми солҳои 2015-2021 панҷ маротиба тезтар обшавии пиряхҳои нишебиҳои қуллаи Элбрусро (ба ҳисоби миёна, масоҳати пиряхҳо ҳар соле 1,25 км² кам шудааст)

мушоҳида намуданд. Коҳишёбии андозаи геометрии аз ҳама бештар дар пиряхҳо Ҷикиуганкез ва Азауи Калон ба назар мерасад, яъне дар ин давра майдони умумии онҳо мутаносибан 8,12 км$^2$ ва 6,35 км$^2$ (29,2 ва 32,4%) таназзул ёфтааст, ки дар маҷмуъ 54,8% камшавии умумии пиряхҳои Элбрусро барои солҳои 1957-2020 ташкил медиҳад. Ҳамзамон, дарозии пиряхҳо ба ҳисоби миёна 1,2 км ва масоҳати пиряхҳои водигӣ 13,9% (аз 1-2% то 60%) кам шудааст.

Лозим ба таъкид аст, ки тағйирёбии иқлим на танҳо ба таназзули пиряхҳои системаҳои кӯҳии нисбатан паст, аз қабили Алп ва Қафқоз боис мегардад, балки таъсироти манфии он ба пиряхҳои баландтарин системаи кӯҳии ҷаҳон – Ҳимолой низ ба қайд гирифта шудааст. Масалан, иқлимшиносони Донишгоҳи иёлати Мэн (ИМА) дар нишебиҳои баландтарин кӯҳи сайёра – Эверест нахустин далелҳои таҳти таъсири гармшавии иқлим коҳиш ёфтани қабати яхро ошкор намуданд. Далоили дар рафти экспедитсия бадастовардаи олимон нишон медиҳанд, ки пиряхҳои Эверест зери таъсири тағйирёбии антропогении иқлим ҳанӯз интиҳои солҳои 1990-ум мувоҷеҳ ба таназзулёбӣ мебошанд. Муҳаққиқон зимни экспедитсия дар ағбаи Седлои Ҷанубӣ, ки аз қуллаи Эверест ҳамагӣ 940 метр дуртар ҷойгир аст, таъсири гармшавии иқлимро ба ҳолати пиряхҳои ноҳияи баландкӯҳи Замин мавриди омӯзиш қарор доданд. Онҳо барои ба даст овардани маълумот, яххоро то чуқурии 10 метр парма карда, намунаҳои аз қаър гирифташударо таҳлил ва инчунин, бо истифода аз тайёра ҳолати пиряхҳоро аккосӣ карданд.

Иқлимшиносони амрикоӣ сохтор ва таҳшинҳои ин чоҳҳоро муфассал омӯхта, онҳоро бо намунаҳои шабеҳе, ки олимон солҳои 1990 аз ҳамин минтақа гирифта буданд, муқоиса карданд. Чунин муқоиса ба онҳо имкон дод, ки таърихи таҳаввул ва таназзули майдонҳои яхбандии қуллаи Эверестро дар тӯли 2000 соли охир ошкор намуда, тағйирёбии суръати обшавии пиряхҳоро дар даҳсолаҳои охир муайян кунанд. Ин ченкуниҳо ғайричашмдошт нишон доданд, ки суръати обшавии пиряхҳо дар нишебиҳои баландтарин қуллаи ҷаҳон дар нимаи дуюми солҳои 90-ум якбора суръат гирифта, дар натиҷа ҳаҷми онҳо назар ба давраҳои таърихии гузашта тақрибан 80 маротиба тезтар коҳиш меёбад. Дар маҷмуъ, ғафсии майдони яхбандӣ дар нишебиҳои ҷанубии Эверест давоми чоряк аср

тақрибан 55 метр кам шудааст. Чӣ тавре мушоҳида ва ҳисобҳои мутахассисон нишон медиҳанд, сабабии асосии ин ҳолат давоми солҳои охир аз қабати барфӣ озод шудани қисми зиёди пиряххо мебошад, ки афканишоти офтобро инъикос карда, ба воридшавии он ба чуқурии ях монеа мегардид. Аз ин рӯ, тибқи ҳисобҳои муҳаққиқон камшавии барфҳои боқимонда суръати обшавии пиряхҳои Эверестро 20 маротибаи дигар метезонад ва ин омил низ ҳангоми таҳияи амсилаҳои иқлимӣ бояд ба назар гирифта шавад.

Дар баробари обшавии пиряхҳои ноҳияҳои кӯҳсор, тағйирёбии иқлим таназзул ёфтани пиряхҳои манотиқи қутбиро низ суръат бахшидааст. Масалан, яхшиносони Донишгоҳи Бристол (Британияи Кабир) зимни тадқиқоте хулоса мекунанд, ки обшавии босуръати пиряхҳои Гренландия аз антисиклонҳо (*гирдбодҳои бузург, ки дар марказ фишори баланд бо изобарҳои сарбаста доранд*) вобаста аст. Олимони англис дар асоси омӯзиши далелҳои мушоҳидавӣ доир ба пиряхҳои бузургтарин ҷазираи ҷаҳон, хусусиятҳои гардиши атмосфера ва амсиласозии равандҳои иқлимӣ, робитаи байни гармшавии глобалии иқлим ва камшавии массаи пиряхҳои Гренландияро бо афзоиши гардиши антисиклонии массаҳои ҳаво дар Атлантикаи Шимолӣ ошкор карданд. Инчунин, мувофиқи хулосаи онҳо афзоиши рӯзҳои офтобӣ, ки бо гармшавии глобалӣ тавъам аст, дар навбати худ ба таври илова гарм шудани ҳавои наздизаминӣ ва вусъат ёфтани обшавии пиряхҳо мусоидат менамояд.

Гурӯҳи калони олимон аз кишварҳои мухталифи ҷаҳон дар Мактаби техникии Сюрих (Швейтсария) ҷамъ омада, қариб 215 000 пиряхро, ки масоҳаташон 158 000 км$^2$-ро ташкил медиҳад, тадқиқ намуданд ва дар рафти пажӯҳиш маълум гардид, ки ҳаҷми пиряхҳо давоми чанд сол 18% коҳиш ёфтааст. Барои гузаронидани тадқиқот муҳаққиқон аз маҷмуи 5 амсилаи рақамии ҷудогона истифода намуда, ҳисоб карданд, ки қариб нисфи яхи рӯи Замин дар Арктика (анқариб 75 000 км$^2$) ҷамъ шудааст. Мувофиқи арзёбиҳои навин дар кӯҳҳои баланди Осиё пиряхҳо метавонанд, ки нисбат ба ҳолатҳои интизорӣ зудтар нобуд шаванд. Яъне, то солҳои 2060-ум пиряхҳои Ҳимолой, Тибет ва кӯҳсори Осиёи Марказӣ нисфи ҳаҷми худро аз даст медиҳанд. Зеро пажӯҳишгарон тағйирёбии ғафсии яххои

Ҳимолойро барои ду давра (солҳои 1975-2000 ва 2000-2016) аз ҷиҳати миқдорӣ арзёбӣ намуда, мушоҳида карданд, ки агар дар давраи аввал пиряххо ҳар соле 22 см (± 0,13) бо эквиваленти об кам мешуданд, дар давраи дуюм ин қимат соли то 43 см (± 0,14) афзоиш ёфтааст. Илова бар ин, натиҷаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки вусъат ёфтани обшавии пиряххои минтақаро метавон бо гармшавии глобалии иқлим маънидод кард. Аз рӯйи маълумоти шабакаҳои обуҳавосанҷии минтақа ҳарорати ҳаво аз соли 2000 то соли 2016 назар ба фосилаи солҳои 1975-2000 ба андозаи 1,4°С баланд шудааст. Аз ин ҷо, вобастагии (коррелятсия) байни афзоиши ҳарорати ҳаво ва суръати обшавии пиряххо ба таври равшан аён аст. Дар маҷмуъ, аз соли 1975 инҷониб пиряххои Ҳимолой 28% коҳиш ёфтаанд.

Пиряхҳо дар ташаккули захираҳои оби минтақаҳои гунонуни сайёра, махсусан ноҳияҳои баландкӯҳи Осиё саҳми бузург дошта, ҳамчун махзани бузурги гидрологӣ хизмат мекунанд ва дар рушди соҳаҳои экология, кишоварзӣ ва гидроэнергетика аҳамияти меҳварӣ доранд. Ба андешаи мутахассисони ГКБТИ коҳишёбии пиряхҳои Ҳимолой барои ҷомеа мушкилотро дигареро, аз қабили тағйир додани саҳми обшавии пиряхҳо ба маҷрои мавсимии дарёҳо, бахусус дар минтақаҳои хушки самти ғарбии он ва зиёд шудани хатари обхезию омадани селҳо бинобар зиёдшавии кӯлҳои пиряхӣ ва рахнашавии онҳо ба вуҷуд меорад. Бо вуҷуди ин, дар омӯзишу таҳлили мушкилоти коҳишёбии пиряхҳо, равандҳои гидрологӣ ва тағйирёбии иқлим андешаҳои гуногун ва норасоиҳои зиёде ҷой доранд, аз ин рӯ, гузаронидани ҳама гуна тадқиқот дар ин самт муҳим буда, аҳамияти бузурги илмӣ ва амалӣ дорад.

Зеро коршиносон ҳушдор медиҳанд, ки обшавии пиряхҳои осиёӣ то интиҳои садсолаи XXI тақрибан ба 25% коҳиш ёфтани ҳаҷми оби аз онҳо тавлидшаванда боис мегардад. Инчунин, олимон андоза ва масоҳати 14 798 пиряхи Ҳимолойро дар давраи яхбандии хурд мавриди омӯзиш қарор дода, ҳисоб карданд, ки қариб 40% майдони пиряхҳо кам шудааст ё аз 28 000 км$^2$ то 19 600 км$^2$ коҳиш ёфтааст. Зиёда аз ин, дар ин давра ҳаҷми пиряхҳо аз 390 км$^3$ то 586 км$^3$ кам шудааст, ки ин рақам ба тамоми яххои имрӯзаи Алпи Аврупои Марказӣ, Қафқоз ва Скандинавия дар якҷоягӣ баробар аст. Мувофиқи ҳисобҳои гурӯҳи дигар олимон, агар ҳамаи 215 000 пиряхи

тадқиқнамудаи онҳо комилан об шаванд, он гоҳ сатҳи Уқёнуси ҷаҳонӣ 30 см боло меравад. Дар ин маврид лозим ба таъкид аст, ки аз соли 1990 то соли 2010 аз ҳисоби обшавии пиряххо сатҳи Уқёнуси ҷаҳонӣ 1,5 см баланд шудааст.

Пиряхҳои гармтарин қитъаи сайёра – Африқо низ дар раванди обшавии босуръат қарор дошта, мувофиқи гузориши СҶО пиряхҳои ҳар се минтақаи асосии яхистони он – Кения (Кения), Килиманҷаро (Танзания) ва Рвензори (Уганда) то соли 2040 эҳтимолан аз байн раванд, зеро гармшавии иқлим дар ин қитъа нисбат ба суръати миёнаи гармшавии Замин тезтар рух медиҳад. Ба андешаи мутахассисон, айни ҳол суръати ақибнишинии пиряхҳои кӯҳсори Африқо аз суръати миёнаи обшавии пиряхҳои дигар ноҳияҳои кӯҳии сайёра калон буда, тибқи пешгӯйиҳо пиряхҳои Кения назар ба пиряхҳои Рвензори ва Килиманҷаро 10 сол пештар об мешаванд. Ҳамчунин, коршиносони СҶО гармшавии иқлимро дар Африқо арзёбӣ намуда, иттилоъ медиҳанд, ки давоми 30 соли охир тамоюли гармшавӣ дар ин қитъа назар ба ду давраи сисолаи қаблӣ (1931-1960 ва 1961-1990) бештар афзудааст. Илова бар ин, суръати баландшавии сатҳи уқёнусҳои Ҳинд ва Атлантика дар соҳилҳои Африқо аз нишондиҳандаи миёнаи ҷаҳонӣ зиёд буда, чунин ҳолат шиддатёбии ҳодисаҳои фавқулоддаи гидрометеорологиро тақвият мебахшад.

Ҳамин тавр, таҳлилу муқоисаи далелҳои болозикр аён мегардад, ки пиряхҳои тамоми ноҳияҳои яхистони кураи арз дар раванди таназзул қарор доранд ва омили асосии он гармшавии глобалии иқлим ҳисобида мешавад. Маҳз ҳамин буҳрони глятсиологӣ ва хатари пайомадҳо аз обшавии босуръати пиряхҳо дар тамоми манотиқи кураи арз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун ташаббускори ғояҳои ҷаҳонии обу иқлим водор намуд, ки ҷиҳати пешгирӣ аз ин мушкилот дар сатҳҳои миллию байналмилалӣ тадбирҳои мушаххасу саривақтиеро пешбарӣ намоянд. Мушоҳидаҳои бисёрсолаи Агентии обуҳавошиносӣ нишон медиҳанд, ки пиряхҳои ҳудуди Тоҷикистон низ дар ҳолати таназзулёбӣ қарор дошта, сарҳади забонаи як қатор пиряхҳои азим, аз қабили Зарафшон (ҳавзаи дарёи Зарафшон) ва Ғармо (ҳавзаи дарёи Обихингоб) аз баландиҳои 2850-2950 метр ба баландиҳои 3000-3050 метр аз сатҳи баҳр ақибнишинӣ

намуда, дар давоми 30 соли охир ҳаҷмашон аз 1,5 то 3,5 $км^3$ коҳиш ёфтааст. Ҳамчунин, тибқи фарзияҳои мутахассисон то соли 2050 баъзе пиряххо то 50% (Деҳаданг то 1,5 км коҳиш меёбад), бархеи дигар то 40% (Бакчигир то 2 км; Оқбайтал то 1 км), баъзеашон то 35% (Гармо то 8 км; Зарафшон то 5 км; Мазор то 2 км; Туро то 1 км, Скогач то 1 км) ва бархе то 30% (Рама то 2 км; Конститутсияи Тоҷикистон то 2 км) коҳиш меёбанд. Аз ин рӯ, бо мақсади ҳифзи пиряхҳо дар сатҳи миллӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2010, №417 «*Барномаи давлатии омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳои Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030*» қабул гардид ва дар раванди амалшавӣ қарор дорад. Ҳадаф аз қабули барномаи мазкур омӯзиши пайвастаи пиряхҳо, банақшагирӣ ва амалӣ намудани чорабиниҳо, мониторинги мунтазами ҳолати пиряхҳо ва барфҳои доимӣ ҷиҳати ба таври фаврӣ қабул намудани тадбирҳои самарабахш оид ба паст кардани таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳо, дар маҷмуъ, барои тамоми соҳаҳо мебошад.

Ҳамчунин, ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани омӯзиши пиряхҳо дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарур шумориданд, ки дар сохтори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муассисаи илмӣ-тадқиқотии махсусе оид ба омӯзишу пажӯҳиши ҳолати захираҳои обӣ ва пиряхҳои кишвар таъсис дода шавад. Маҳз дар асоси пешниҳоди Президенти кишвар, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №162 ва Қарори Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2018 Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳо»-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонд таъсис ёфт. Яке аз вазифаҳои меҳварие, ки Сарвари давлат зимни таъсиси маркази мазкур гузоштанд, ин дар асоси тадқиқоти бунёдӣ ва бо истифода аз технологияҳои муосири инноватсионӣ, дақиқ муайян кардани миқдор, масоҳат, ҳаҷм ва раванди коҳишёбии пиряхҳо дар шароити тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон мебошад.

Дар сатҳи байналмилалӣ бошад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ҷалби бештари диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаи таназзулёбии пиряхҳо, се ташаббуси муҳимеро, ки ба масоили пиряхҳо

марбутанд, яъне соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳоро пешниҳод намуданд. Албатта, иқдомҳои навбатӣ идомаи мантиқии ташаббусҳои қабилии Пешвои миллат буда, онҳоро дар самти расидан ба ҲРУ тақвият мебахшанд. Дар бораи муайян намудани Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо ҳаминро зикр намудан ба маврид аст, ҳамасола дар саросари ҷаҳон якчанд рӯзҳои махсусе марбут ба захира ва объектҳои обӣ, аз ҷумла, Рӯзи байналмилалии дарёҳо (14 март), Рӯзи ҷаҳонии захираҳои об (22 март), Рӯзи Замин (22 апрел), Рӯзи ҷаҳонии уқёнусҳо (8 июн), Рӯзи ҷаҳонии мониторинги об (18 сентябр) ва Рӯзи ҷаҳонии баҳрҳо (29 сентябр) таҷлил карда мешаванд. Дар қатори ин санаҳои муҳим пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муайян кардани Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо баҳри тақвият бахшидани тадбирҳо ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо мусоидат менамояд ва ҳадафҳои мушатарки ҷомеаи ҷаҳониро дар ин самт муттаҳид мегардонад. Маҳз бо назардошти муҳимияти масъала СММ зимни иҷлосияи 77-ум, ки рӯзи 14 декабри соли 2022 барузор гардид, бо қабули қатъномаи махсусе се ташаббуси ҷаҳонии Президенти Тоҷикистонро дастгирӣ намуда, соли 2025-ро Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, 21 мартро Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон кард ва дар назди СММ Бунёди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряхҳоро таъсис дод. Маврид ба зикр аст, ки қатътномаи навбатии СММ аҳаммияти пиряхҳоро ҳамчун ҷузъи таркибии даври гидрологӣ ва таъсири обшавии босуръати онҳоро ба иқлим, муҳити зист, саломатии инсон ва рушди устувор қайд намуда, таъсири гармшавии глобалии иқлимро боиси коҳиш густурдаи криосфера арзёбӣ менамояд. Зеро дар натиҷаи таъсири манфии гармшавии иқлим устуворӣ дар ноҳияҳои баландкӯҳҳо кам шуда, миқдору мавсими маҷрои об ва захираҳои обро дар ҳавзаҳои дарёҳои барфу пиряхдор, аз ҷумла дар ҳавзаи дарёҳои Тоҷикистон тағйир додааст ва маҳз ин омил ба паст шудани маҳсулоти кишоварзӣ, афзоиш ёфтани норасоии об ва баланд шудани сатҳи оби баҳру уқёнусҳо таъсир мерасонад.

Ҳамин тавр, ҳар як ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси арзишшиносии воқеӣ ва заминаҳои амалӣ падид омада, баҳри бартараф намудани як ё якчанд мушкилоти мавҷудаи глобалӣ роҳҳалҳои дақиқеро нишон медиҳад ва дар худ ҳадафҳои меҳвариеро таҷассум менамояд. Гузашта аз ҳама,

ҳадафи асосии ин пешниҳодот ҳушдор додани ҷомеаи ҷаҳонӣ аз хавфи бузурге мебошад, ки дар сурати муносибати нодуруст ба табиат ва истифода ноокилонаи захираҳои табиӣ дар наздиктарин фурсатҳо мувоҷеҳ ба он мешавад. Яъне, ҷомеаи ояндаи инсонӣ бештар ба мушкилоти экологии марбут ба обу иқлим андармон мешавад. Ин мушкилот, печидагиҳо ва унсурҳои алоҳидаи онҳоро дарк намуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар симои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун ташаббускори масъалаҳои ҷаҳонии обу иқлим дар ҳамҷоягӣ барои ҳалли проблемаҳои ҷиддии экологӣ мусоидат кардан мехоҳад. Ва бо ин ҳама тасмимот ҷомеаи ҷаҳониро барои қазоват ва масъулият даъват менамояд.

## ИНЪИКОСИ МУШКИЛОТИ ГЛОБАЛИИ ОБУ ИҚЛИМ ДАР ПАЁМҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз падидаҳои нодири замони соҳибистиқлолӣ буда, ҳоло ба ҳукми анъана даромада, аз соли 2001 ин ҷониб ҳар сол аз тарафи Сарвари давлат ба парлумони кишвар ва тавассути аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон ва инчунин, зиёиён ба тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ироа мегардад. Ҳар як Паёми Пешвои миллат фарогири дастоварду комёбиҳо ва таназзулу камбудиҳои соли қабл буда, тавъам ба ин, самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии кишварро барои солҳои оянда барномарезӣ менамояд. Бо ибораи дигар, дар ҳар Паём ҳама самтҳои фаъолият, аз ҷумла, иқтисод, сармоягузорӣ, илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, саноат, кишоварзӣ ва сайёҳӣ давоми ҳар сол ба таври комил таҳлилу баррасӣ гардида, он ҳамчун дастури рӯимизӣ ва харитаи роҳ барои рушди тамоми соҳаҳо истифода мегардад.

Аз ин рӯ, ҳар як Паёми Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун барномаи мукаммали чандинсолаи ҳаёт ва фаъолияти минбаъда аз Роҳбари давлат, кормандони тамоми мақомоти давлатӣ ва механизми давлат, инчунин ташкилоту муассисаҳо, то шаҳрвандонро муайян менамояд, зеро Сарвари давлат дар ҳар Паёме ба таври мушаххас ва ошкоро ҳама самтҳои фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти давлатӣ, корхонаю ташкилотҳои дигарро таҳлил намуда, тадбирҳо ва пешниҳодҳоро баҳри ба давлати иҷтимоӣ, демократӣ ва аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта мубаддал гардонидани меҳани азизамон – Тоҷикистон нишон медиҳанд.

Дар баробари дигар масаъалаҳои болозикр, мушкилоти глобалии экологӣ, алалхусус масоили марбут ба обу иқлим ҳамеша дар меҳвари Паёмҳои Сарвари давлат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханрониҳои хеш аз минбарҳои созмонҳои бонуфузи минтақавию байналмилалӣ ба мушкилоти глобалии экологӣ, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардаанд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, баҳри бартарафнамоии онҳо пешниҳодхои амиқу хулосаҳои дақиқ баён менамоянд. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварӣ ва роҳнамоии Пешвои миллат, дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари ташаббускору пешсафи ҳалли масоили тағйирёбии иқлим, партови газҳои гулхонаӣ, норасоии оби нӯшокӣ, дипломатияи марбут ба об, ҳифзи пиряххо, бухронҳои экологӣ, рушди энергетикаи сабз ва амсоли инҳо эътироф гардидааст.

Ҳалли масъалаҳои глобалии экологӣ дар меҳвари Паёмҳои Пешвои миллат қарор дошта, барои ҷомеаи ҷаҳонӣ бағоят мубрам ва ҳалталаб будани онҳоро нишон медиҳанд. Агар тибқи таҳлилу хулосаҳои олимони сатҳи ҷаҳонӣ, муҳимтарин мушкилоти глобалии экологӣ тағйирёбии иқлим, дастрасӣ ба энергия, коҳишёбии захираҳои об, гуногунии биологӣ, ифлосшавии ҳаво, идоракунии партовҳо бошанд, танҳо дар даҳ Паёми охири Президенти кишвар (солҳои 2015-2024), 40 маротиба ба тағйирёбии иқлим, тақрибан 30 бор ба захираҳои об, беш аз 25 маротиба ба энергияи сабз, зиёда аз 20 бор ба ҳифзи пиряххо, беш аз 10 маротиба ба ҳифзи муҳити зист ва 10 бор ба партови газҳои гулхонаӣ, яъне ифлосшавии ҳавои атмосфера, таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст:

| Солҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тағйирёбии иқлим | 1 | 3 | 3 | 4 | 4 | 2 | 8 | 5 | 5 | 5 |
| Газҳои гулхонаӣ | 1 | - | - | 2 | 3 | - | 1 | 1 | 3 | - |
| Захираҳои об | 3 | 2 | - | 11 | 4 | 1 | 1 | 4 | 2 | 1 |
| Ҳифзи пиряххо | - | 1 | 4 | - | 4 | - | 5 | 3 | 3 | 2 |
| Энергияи сабз | 1 | 2 | 2 | - | 4 | - | 6 | 5 | 5 | 1 |
| Ҳифзи зистмуҳит | 1 | 2 | - | 2 | - | - | 1 | 1 | 4 | 1 |
| Рушди устувор | 4 | 3 | 4 | 5 | 5 | 3 | 4 | 3 | 4 | 3 |

Аз нишондодҳои ҷадвали мазкур ва таҳлилу баррасии муҳимтарин масоили глобалии экологӣ дар Паёмҳои Сарвари давлат аён мегардад, ки Паёмҳои Пешвои миллат на танҳо ба масъалаҳои дохилии кишвар, балки ба ҳалли мушкилоти хусусияти глобалидошта низ нигаронида шудаанд. Зеро ҳар як далеле, ки доир ба масъалаҳои глобалии экологӣ мавриди таҳлил қарор мегирад, ба нишондодҳои илмӣ ва меъёрҳои ҷаҳонӣ тавъам омада, қонунмандии масъалагузориҳои миқёси байналмилалиро нишон медиҳад. Аз ҷумла, Президенти ҷумҳурӣ зимни ироаи Паём (28.12.2023) иброз доштанд, ки «*солҳои охир тағйирёбии иқлим дар миқёси сайёра ба мушкилии аввалиндараҷа табдил ёфта, Тоҷикистонро низ таҳти таъсири манфии худ қарор додааст*». Албатта, ҳақиқати маҳз ба ҷониби Пешвои миллат аст, зеро гармшавии глобалӣ тағйирёбии иқлимро дар миқёси сайёра вусъат бахшида, боиси гармшавӣ ва болоравии сатҳи Уқёнуси ҷаҳонӣ гардидааст, ки ин раванд мубодилаи гармию намиро хушкӣ (материк) ва уқёнус вайрон намуда, пайомадҳои ногувор ва хисороти зиёд дорад. Аз рӯйи маълумоти СҶО дар соли 2021, дар таърихи ченкуниҳо тавассути асбобҳои метеорологӣ, солҳои 2011-2020 аз ҳама даҳсолаи гармтарин ба қайд гирифта шуда, аз рӯйи арзёбиҳои ниҳоди мазкур дар соли 2022, ба далели тамоюли устувори тӯлонии тағйирёбии иқлим, солҳои 2012-2021 ҳамчун гармтарин даҳсола сабт шудааст. Вале, тибқи таҳлили ГКБТИ, давоми 1400 соли охир бо эҳтимоли зиёд сисолаи 1983-2012 барои Нимкураи шимолӣ гармтарин сисола будааст.

Ҳамзамон, мувофиқи мушоҳидаҳои метеорологӣ, аз соли 1850 ин ҷониб, давоми солҳои 2016-2022 ҳамчун ҳафтсолаи гармтарин ба қайд гирифта шуда, махсусан солҳои 2016, 2019 ва 2022 ҳарорати миёнаи глобалӣ ба сатҳи рекордӣ расидааст, ки нисбат ба ҳарорати солҳои 1850-1900, тақрибан 1,15±1,02-1,28°С баландтар будааст. Аз рӯйи таҳлилҳои Идораи миллии аэронавтика ва тадқиқи фазои кайҳонии ИМА (NASA), ҳарорати миёнаи сатҳи Замин дар соли 2022 ба ҳарорати соли 2015 тақрибан баробар будааст, ки ин нишондиҳанда панҷумин соли гармтарин дар таърихи мушоҳидаҳои метеорологӣ саб шудааст. Ҳарорати ҳаво дар ин сол назар ба қимати сисолаи 1991-2020 ба андозаи 0,3°С баланд буда, нисбат ба ҳарорати миёнаи нимаи дуюми асри XIX 1,2°С гарм будааст. Аммо, моҳи

июли соли 2023 ҳарорати ҳаво тамоми ин меъёр ва натиҷаҳои интизориро убур намуда, ба 16,95°С расидааст, ки назар ба қимати то ин вақт рекордии ҳарорати моҳи июл 0,33°С баланд мебошад. Зиёда аз ин, ҳарорати ҳаво дар моҳи июли соли 2023 нисбат ба ҳама ҳароратҳои моҳҳои июли сисолаи 1991-2020 ба андозаи 0,72°С гармтар будааст. Ба ин маънost, ки Президенти Тоҷикистон дар Паёми хеш (26.12.2019) таъкид намуданд: «*пайомадҳои тағйирёбии иқлим аксари мамолики дунёро ба ташвиш овардаанд*».

Дар воқеъ, тамоюли гармшавии иқлим сол аз сол вусъат ёфта, боиси нигаронии тамоми кишварҳои ҷаҳон гардидааст, зеро мавҷҳои гармӣ киштзорҳоро нобуд карда, сабабгори сӯхтори ҷангалҳо ва инчунин, боиси марги одамон дар манотиқи мухталифи кураи арз шудааст. Бо вуҷуди ин, амсиласозиҳои иқлимӣ нишон медиҳанд, ки ҳарорати ҳаво то интиҳои асри XXI барои сенарияи минималии партови газҳои гулхонаӣ 0,3-1,7°С ва барои сенарияи максималии партовҳо 2,6-4,8°С афзоиш меёбад. Тибқи гузориши СММ чунин тамоюл идома наёбад ҳам, ҳарорати ҳаво давоми асри ҷорӣ метавонад то 2,5-2,9°С боло равад. Маҳз бо назардошти ин нукта, дабири кулли СММ Антониу Гутерриш чунин вусъат ёфтани гармшавии иқлимро бесобиқа унвон карда, зикр намуд, ки «*бефосила тағйир ёфтани иқлим ҳаёт ва воситаҳои зиндагии тамоми сайёраро хароб мекунад*».

Ин мушкилотро Президенти Тоҷикистон дар доираи Паёмҳои хеш ҳам дар миқёси минтақа ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ мавриди таҳлил қарор дода, дақиқан арзёбӣ мекунанд ва тавсияҳои саҳеҳу саривақтӣ медиҳанд. Аз ҷумла, вобаста ба таъсироти манфии тағйирёбии иқлим дар миқёси кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон, дар Паёми хеш (26.12.2018) чунин андешаронӣ карданд: «*тағйироти глобалии иқлим ба ҳаҷми захираҳои оби нӯшокии тоза ва сифати он таъсири манфӣ расонида, кишварҳо ва минтақаҳои мухталифи оламро ба вазъи ташвишовари экологӣ дучор месозанд*». Агар ин каломи Пешвои миллатро чун дигар суханонашон бо арзёбиҳои илмии сатҳи ҷаҳонӣ муқоиса намоем, бармало мегардад, ки комилан ҳақ ба ҷониби Сарвари давлати тоҷикон аст. Зеро тағйирёбии иқлим қабл аз ҳама шароитҳои обу ҳаворо дигаргун карда, ба пайдоиши офатҳои шадиди гидрометеорологӣ мусоидат

мекунад, дастрасӣ ба оби нӯшокиро коҳиш медиҳад, боиси пастшавии сифати оби тоза мегардад ва захираҳои обро коҳиш медиҳад. Яъне, мушкилоти тағйирёбии иқлим тавъам бо камшавии оби нӯшокӣ ҷони миллионҳо кӯдакро зери хатари ҷиддӣ гузошта, ҳаводиси шадиди гидрометеорологӣ ва дигаргуншавии гардиши табиии об дастрасии кӯдакони осебпазирро ба оби тоза боз ҳам мушкил гардонидааст. Бино ба иттилои Идораи СММ оид ба ҳифзи кӯдакон (ЮНИСЕФ), тақрибан 450 млн нафар кӯдакон дар минтақаҳое умр ба сар мебаранд, ки барои қонеъ гардонидани ниёзҳои ҳаррӯзаи худ оби кофӣ надоранд. Ҳамзамон, бинобар сабаби бад будани сифати об, беҳдошт ва гигиена, ҳамарӯза дар саросари ҷаҳон беш аз 700 кӯдаки то 5-сола аз дарунравӣ мефавтанд ва зиёда аз ин, то соли 2040, тақрибан аз чор як кӯдак дар минтақае умр ба сар мебарад, ки аз норасоии шадиди об танқисӣ мекашад.

Дар баробари ин, тибқи арзёбиҳои илмӣ, тақрибан 74%-и офатҳои табиие, ки давоми солҳои 2001-2018 рух додаанд, марбут ба об, аз ҷумла хушксолӣ ва обхезӣ буда, бо вусъатёбии тағйироти иқлимӣ басомад ва шиддатнокии чунин офатҳо афзудааст. Дар навбати худ, офатҳои табиӣ метавонанд ба коҳишёбии захираҳои об мусоидат карда, бо олудашавии об, ки хатари бемориҳои табларзаю ваборо метезонад, боис гарданд. Зиёда аз ин, баландшавии сатҳи баҳру укёнусҳо оби ширинро ба оби шӯр табдил дода, ба захираҳои обе, ки ҳаёти миллионҳо нафар одамон аз он вобаста аст, таъсири манфӣ мерасонад. Афзоиши ҳарорат метавонад ба манбаи оби ширин микро-организмҳои марговар ворид намуда, обро барои нӯшидан хатарнок гардонад. Мисол, тибқи таҳлили ЮНИСЕФ, танҳо дар 10 кишвари африқоӣ дар натиҷаи омезиши се таҳдиди марбут ба об – норасоии об, беҳдошту гигиена ва бемориҳои марбут ба хатарҳои иқлимӣ, 190 млн кӯдак таҳти таъсири хатари бузург доранд. Ҳамзамон, бар асоси арзёбии ниҳоди мазкур, ҳарорати ҳаво дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ нисбат ба меъёри ҷаҳонӣ бештар баланд шуда, айни замон 92 млн нафар кӯдакони ин манотиқ мунтазам зери таъсири мавҷҳои гарми ҳаво қарор мегиранд ва ҳамасола беш аз 370 кӯдак аз офатҳои марбут ба обу иқлим ба ҳалокат мераванд. Бо назардошти мутавозинии пайомадҳои гармшавии иқлим бо афзоиши талабот ба обу маводи ғизоӣ барои минтақаи Осиёи Марказӣ,

Пешвои миллат дар Паёми худ (28.12.2023) зикр намуданд: «*бар асари тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои манфии он – хушксолии пайиҳам ва камобӣ, аз ҷумла дар минтақаи мо талабот ба об ва маҳсулоти кишоварзӣ торафт зиёд гардида истодааст*».

Агар чанд даҳсола қабл тағйирёбии шадиди иқлим дар ин ё он гӯшаи кураи арз ба назар мерасид, давоми солҳои охир тағйирёбии иқлим аз қуллаҳои кӯҳсор то қаъри укёнус доман густурда, миқдори хушксолӣ, обхезӣ ва мавҷҳои гармӣ бағоят афзудааст ва инчунин, коҳишёбии яххои баҳрии Антарктида ба ҳадди рекордии худ расидааст. Аз рӯйи «Ваъзи иқлими ҷаҳонӣ дар соли 2022», дигаргуншавии иқлим дар миқёси пурраи хушкӣ, уқёнус ва атмосфера ба амал омада, ягона омили таҳрикдиҳандаи чунин тағйирот ба дараҷаи рекордӣ расидани партови газҳои гулхонаӣ мебошад. Ҳарчанд Тоҷикистон аз нигоҳи партови гази карбонат на танҳо дар миқёси ҷаҳон, балки дар миқёси минтақа низ саҳми ночиз дорад, вале тибқи далелҳои илмӣ, он аз рӯйи таносуби нобаробарии партови газҳои гулхонаӣ бо гармшавии глобалии иқлим, дар байни 192 давлати ҷаҳон дар ҷойи 7-ум меистад. Яъне, хисороти Тоҷикистон аз ҳисоби гармшавии глобалии иқлим нисбат ба партови газҳои гулхонаии аз ҷониби кишвар партовшаванда ба таври номутаносиб зиёд аст. Сарфи назар аз ин, сиёсати экологии дурандешонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он нигаронида шудааст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади истеҳсоли «энергияи сабз», рушди «иқтисоди сабз», мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, ҳифзи муҳити зист, бартараф намудани бухронҳои экологӣ, дар масири паст кардани партови газҳои гулхонаӣ пайваста тадбирҳои саривақтӣ меандешад ва тасмим гирифтааст, ки аз рӯйи меъёрҳои ҷаҳонӣ то соли 2037 партови чунин газҳоро то ҳадди ниҳоӣ коҳиш диҳад. Зеро Сарвари давлат дар ҳама Паёмҳои хеш чун дигар мушкилоти экологӣ ба ҳалли масоили марбут ба партови газҳои гулхонаӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда. истифодаи сарчашмаҳои barқароршавандаи энергия, бунёди ҷангалҳо ва кабудизоркуниро яке аз омилҳои муҳимми коҳиш додани пайомадҳои манфии тағйирёбии иқлим ва кам кардани партови гази карбонат арзёбӣ менамоянд, ки комилан ҳақ ба ҷониби Пешвои миллат аст. Мувофиқи ҳисобҳои олимон, 1 га ҷангали тӯс соле 3,3 т, 1 га ҷангали булут – 3,2 т, 1 га ҷангали санавбар –

2,4 т ва 1 га ҷангали коҷу сарв – 2 тонна дуоксиди карбонро фурӯ мебарад. Бинобар ин, Президенти Тоҷикистон рушди гидроэнергетикаро саҳми кишвар «*дар ҳалли яке аз мушкилоти глобалӣ – кам кардани партовҳои гази карбон ба ҳавои атмосфера ва коҳиш додани оқибатҳои манфии гармшавии иқлим*» (аз Паём, 26.12.2018) унвон карда, бо назардошти масъалаи тағйирёбии иқлим ва бо мақсади беҳгардонии вазъи экологӣ пешниҳод намуданд, ки «*барномаи мушаххаси давлатӣ оид ба кабудизоркунии кишвар барои давраи то соли 2040 қабул ва амалӣ карда шавад*» (аз Паём, 28.12.2023).

Аз таҳлили суханрониҳои дурандешонаи Пешвои миллат оид ба мушкилоти глобалии экологӣ бармало мегардад, ки дар шароити мураккаб гардидани тағйироти иқлимӣ ва ба мушкилоти асосии ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтани масоили ҳифзи пиряххо ва манбаъҳову захираҳои оби тозаи нӯшокӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарӣ ва роҳнамоии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ ба ҳайси кишвари пешбар дар ҳалли масоили мубрами амниятӣ, об, иқлим, пиряххо ва дар маҷмӯъ, экология эътироф гардидааст. Сарвари давлати тоҷикон ба ин иктифо накарда, пайваста ҷаҳду талош меварзанд, то Тоҷикистон дар самти мубориза ба мушкилоти глобалии обу иқлим ва бартарафнамоии буҳронҳои экологии сайёра бештар аз пештар саҳмгузор бошад ва бо ишора ба ин нукта зикр намуданд: «*мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим, норасоии ғизо ва оби ошомиданӣ дар ҷаҳону минтақа ва пайомадҳои онҳо зимни пешбурди сиёсати хориҷии Тоҷикистон моро ба андешидани тадбирҳои зарурӣ водор месозанд*» (аз Паём, 28.12.2023). Зеро далоили болозикр каломи Пешвои миллатро дар бораи хусусияти глобалӣ касб кардани тағйирёбии иқлим, пайомадҳои ногувори гармшавии иқлим, коҳишёбии босуръати пиряххо, камшавии захираҳои об ва вусъат ёфтани буҳронҳои экологӣ комилан собит менамоянд. Тавре болотар ишора гардид, тибқи мушоҳидаи Хадамоти федералӣ оид ба гидрометеорология ва мониторинги муҳити зисти Россия, аз соли 1891 инҷониб, тобистони соли 2023 на танҳо барои ин кишвар, балки барои тамоми Нимкураи шимолӣ сеюм соли гарми рекордӣ буда, махсусан моҳи августи соли 2023 дар таърихи мушоҳидаҳои метеорологии Россия, Африқои Шимолӣ ва Арктика гармтарин моҳ ба қайд гирифта шудааст ва барои

Канада ва Чин мақоми дуюм, дар ИМА ва Ҳиндустон ҷойи сеюмро ишғол менамоянд. Зиёд аз ин, аз рӯйи гузориши СММ, бо афзоиши якбораи ҳарорати ҷаҳонӣ ва ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ, агар кишварҳои ҷаҳон дар самти мубориза ба ин мушкилот фаъолияти муштаракро пурзӯр насозанд, ҳарорат дар асри XXI на ба 2,5°С, балки ба 2,9°С мерасад, ки аз меъёри Созишномаи иқлимии Париж (СИП) баландтар аст.

Бинобар ин, бо мақсади коҳиш додани партови газҳои гулхонаӣ ва нигоҳ доштани раванди гармшавии иқлим, Барномаи СММ оид ба муҳити зист (ЮНЕП) чун андешаҳои амиқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд, ки кишварҳои дорои иқтидори баланди партовҳои газҳои гулхонаӣ масъуланд, бештар тадбирҳо андешида, ба давлатҳои рӯ ба рушд кумакҳои молиявию техникӣ расонанд ва кишварҳои дуюм низ тавонанд ба технологияи муосир ва манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия гузаранд. Барои дар ҳудуди то 2°С нигоҳ доштани гармшавии иқлим дар муқоиса бо ҳарорати давраи пешазсаноатӣ, ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ на кам аз 28% ва барои ноил гардидан ба ҳадди ниҳоии афзоиши ҳарорат (1,5°С) дар доираи СИП партовҳои гази карбонат 42% кам карда шавад. Аммо, агар тамоюли имрӯза тағйир наёбад, дар оғози соли 2030 миқдори партови газҳои гулхонаӣ аз ҳадди интизорӣ 22 гигатон зиёд мешавад, ки хатари хеле ҷиддӣ дорад. Бо назардошти ин мушкилот Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни 195 кишвар, яке аз аввалинҳо шуда, Саҳми дар сатҳи миллӣ муайяншударо (Nationally Determined Contributions) оид ба партови газҳои гулхонаӣ пешниҳод кардааст. Мувофиқи ин ҳуҷҷат, Тоҷикистон уҳдадор аст, ки саҳми қатъии коҳиши партови газҳои гулхонаиро риоя намуда, ҳаҷми партовҳоро то соли 2030 набояд аз 60-70% партовҳои $CO_2$ дар соли 1990 афзоиш диҳад. Хушбахтона, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари пешгом дар самти мубориза бо тағйирёбии иқлим, дар ин масир низ тадбирҳои саривақтӣ андешида, бо амалинамоии онҳо то соли 2032 истеҳсоли баркро аз ҳисоби сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия ба роҳ монда, ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар инкишофи «иқтисоди сабз» то соли 2037 воқеан ба «кишвари сабз» табдил меёбад». Президенти Тоҷикистон истифодаи захираҳои гидроэнергетикии кишварро муҳаррики асосии «иқтисоди сабз» ва

омили бунёдии «рушди устувор» унвон карда, дар Паёми хеш (26.12.2018) иброз доштанд: «*истифодаи иқтидорҳои бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон барои таъмин намудани кишварҳои минтақа бо неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза – яке аз асосҳои рушди «иқтисоди сабз» – метавонад ба кам гардидани партовҳои гази карбон ба атмосфера мусоидати ҷиддӣ намояд*».

Табиист, ки дигаргуншавии шароитҳои обу ҳаво ва иқлим боиси шиддат ёфтани офатҳои табиии хусусияти гидрометеорологӣ мегардад ва аз ин рӯ, бар асари гармшавии якбораи ҳарорати ҳаво дар соли 2022, дар моҳҳои июлу август дар як қатор кишварҳо, ба монанди Покистон, Австралия ва Бразилия боришотҳои рекордӣ ва обхезиҳои азим ба қайд гирифта шуданд. Бар асари ин офатҳо дар Покистон зиёда аз 1 700 кас ҷон бохта, 33 млн нафар зарар диданд, қариб 8 млн сокинон муҳоҷири экологӣ шуданд ва дар маҷмӯъ, хисороти иқтисодии офатҳои иқлимӣ 30 млрд долларро ташкил дод. Аз рӯйи маълумоти метеорологӣ, намнокии ҳаво дар моҳи июл нисбат ба меъёр 181% ва дар моҳи август – 243% зиёд буда, дар таърихи мушоҳидаҳои иқлимшиносии Покистон давраи аз ҳама намнок сабт шудааст. Дар ин муддат Австралияро борон ва гармии бесобиқа фаро гирифта, дар Бразилия бошад, боришоти рекордӣ боиси пайдоиши ярчу обхезӣ ва фавти беш аз 100 нафар аҳолӣ гардид.

Аз ин навишта бармало мегардад, ки гармшавии глобалии иқлим ва ба он ҳамроҳшавии ҳодисаҳои уқёнусӣ-атмосферии Эл-Нино (ҷараёни гарм) ва Ла-Ниня (ҷараёни сард), ки ба шароитҳо ва тамоюлоти иқлимии Осиёи Марказӣ таъсири бевосита доранд, боиси миқдоран ва ҳудудан афзудани ҳодисаҳои фавқулоддаи обу ҳаво гардида, марзи географии аксар кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистонро фаро мегирад ва осебпазирии онҳоро ба дигаргунии иқлим бештар менамояд. Маврид ба зикр аст, ки аз рӯйи мушоҳидаҳои метеорологӣ, давоми ҳафт соли охир бори аввал шароити Эл-Нино дар минтақаи тропикии уқёнуси Ором вусъат ёфта, ба афзоиши эҳтимолии ҳарорати глобалӣ мусоидат кардааст ва инчунин, ба дигаргуншавии амиқи обу ҳаво ва зиёдшавии миқдори тӯфонҳо дар навоҳии гуногуни сайёра боис гардидааст. Аз ҷумла, зуҳури шадиди Эл-Нино боиси афзоиши эҳтимолии хушксолӣ дар тарафи ҷанубии Осиёи Марказӣ ва навоҳии атрофи Каспий

гардида, инкишофи фазаи манфии лаппиши Атлантикаи Шимолӣ бошад, ба афзоиши боришот дар манотиқи ҷанубии Аврупо, ҳавзаи баҳри Миёназамин ва Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад. Бинобар ин, Тоҷикистон чун кишвари осебпазир ба равандҳои тағйирёбии иқлим нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, Қафқоз ва Аврупои Шарқӣ бештар хисорот мебинад. Андешаронии Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми хеш (28.12.2023) иброз доштанд, ин нуктаро собит менамоянд: «*Дар кишвари мо ҳар сол офатҳои табиӣ, аз ҷумла хушксолӣ, омадани сел, фаромадани тарма ва ярч ба аҳолӣ ва иқтисоди кишвар зарари зиёд мерасонанд*». Албатта, ҳақ ба ҷониби каломи Пешвои миллат аст, зеро давоми солҳои 2001-2022 дар ҳудуди кишвар ба ҳисоби миёна соле 483 офати хусусияти иқлимидошта ба амал омадааст, ки хисороти зиёди иқтисодӣ ва инчунин, ҷонӣ доштаанд. Аз ҷумла, давоми солҳои 2018-2022 2118 офат ба амал омадааст, ки аз ҳама бештар ҳодисаҳои сирф гидрометеорологӣ, чун тарма (54,25%), сел (15,39%), сангрезӣ (8,50%), шамоли сахт (4,58%), баландшавии сатҳи об (3,92%), борони сел (2,74%) ва ярч (2,27%) ба қайд гирифта шудаанд.

Ҳамчунин, тағйирёбии иқлим на танҳо ба афзоиш ва шиддатёбии офатҳои табиӣ, балки бештар аз он ба олами набототу ҳайвонот ва инчунин, солимии аҳолӣ таъсири манфӣ дорад. Маҳз бо назардошти пайомадҳои манфии тағйирёбии иқлим ва гармшавии иқлим барои ҳаёти инсон, Пешвои миллат дар яке аз Паёмҳои хеш (21.12.2021) зикр намуданд: «*Вобаста ба тағйирёбии иқлим, баландшавии бесобиқаи ҳарорати миёнаи кураи Замин ва пайомадҳои манфии он барои ҳаёти инсон, олами ҳайвоноту наботот ва пиряхҳои кишвар олимони мо омӯзиш, таҳқиқ ва мониторинги доимиро дар ин самтҳо ба роҳ монда, роҳу усулҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлимро якҷо бо олимони минтақа ва ҷаҳон коркард ва амалӣ намоянд*». Яке аз омилҳои асосии тахрикдиҳандаи тағйирёбии иқлим, ки ба олами набототу ҳайвонот ва солимии аҳолӣ таъсири манфӣ дорад, олудагии ҳаво буда, аз ҳисоби афзоиши миқдори чангу ғубор, партови газҳои гулонаӣ ва дигар аэрозолҳо дар таркиби атмосфера ба амал меояд.

Тибқи варқаи иттилооти СҶО оид ба чангҳои атмосфера, ҳамасола ба атмосфера ~2 млрд тонна чангу ғубор ворид

мешавад, ки агар як қисми он раванди табиӣ бошад, қисми зиёдаш дар натиҷаи истифодаи нодурусти захираҳои табиӣ, аз ҷумла обу замин ба амал меояд. Тӯфонҳои қуму чанг дар ҳудуди беш аз 150 кишвар, пеш аз ҳама дар кишварҳои Африқои Марказӣ, Осиёи Марказӣ, Осиёи Шарқӣ, Ховари Миёна, Амрикои Шимолӣ ва ҳавзаи баҳри Қариб ба амал омада, ба саломатии аҳолӣ, афзоиш ва ҳосилнокии рустаниҳо, муҳити зист ва дигар соҳаҳои иқтисодӣ таъсири манфӣ дорад. Инчунин, қабати ғафси чангу ғубор ба таркиби ҳавои атмосфера ворид шуда, шаффофи онро коҳиш медиҳад ва ба инъикоси радиатсияи дарозмавҷ аз сатҳи Замин (албедо) монеа мешавад, ки пайдоиши эффекти гулхонаӣ ва гармшавии иқлим натиҷаи он мебошад. Тӯфонҳои қуму чанг хатари хеле бузург ва ҷиддӣ дошта, махсусан солҳои 2019-2020 онҳо дар миқёси хеле васеъ паҳн гардиданд. Азбаски ~55% партови чангу ғубор дар саросари ҷаҳон аз Саҳрои Кабир ба амал меояд, консентратсияи баландтарини миёнаи солона, дар бархе навоҳии Африқои Шимолӣ, Марказӣ ва сипас, дар нимҷазираи Араб, пуштакӯҳҳои Эрон, кишварҳои Осиёи Марказӣ ва шимолу ғарби Чин қайд гирифта шудааст.

Ҳамзамон, дигаргуншавии шароитҳои обу ҳаво ва тағйирёбии иқлим на танҳо ба интиқоли чангу ғубор ба минтақаҳои гуногун, балки ба паҳншавӣ ва интиқоли бемориҳо (табларза, вараҷа ва ғайра), ки ба тағйирёбии ҳарорат, реҷаи боришот ва намнокӣ ҳассосанд, муосидат менамояд. Бино ба иттилои Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (СҶТ), таъсири ҳодисаи Эл-Нино ба паҳншавии табларза бештар дар манотиқи гирифтори эпидемияи он, ки шароити иқлимии минтақа маъмулан ба афзоиши бемории мазкур мусоид аст, ба назар мерасад. Яъне, Эл-Нино ба динамикаи паҳншавии табларза зимни тағйир ёфтани реҷаи боришот ва динамикаи ҳарорат низ таъсир мерасонад. Зеро дар натиҷаи боришоти зиёд дар минтақаҳои хушк кӯлмакҳо пайдо мешаванд ва зимни хушсолиҳо дар ноҳияҳои намнок минтақаҳои алоҳидаи обҳои доимӣ ба вуҷуд меоянд ва албатта, ҳар ду тағйирот ба пайдоиши маконҳои нав барои хуруҷи хомӯшакҳои вараҷа мусоидат менамоянд. Доир ба алоқамандии байни Эл-Нино ва бемории табларза бошад, дар ноҳияҳои ҷанубии Африқо,

Осиёи Ҷанубӣ ва Америкои Ҷанубӣ аз тарафи кормандони СҶТ далелҳои зиёде ба қайд гирифта шудаанд.

Дар асоси мушоҳидаҳои метеорологӣ, ҳисобҳои риёзию компютерӣ ва коркарди амсилаҳои гардиши умумии атмосфера оид ба ҳолат ва дурнамои иқлим, айни замон танҳо як консепсияи аз ҷиҳати илмӣ таҳияшуда, яъне назарияи гармшавии глобалии иқлим аз ҳисоби таъсири антропогенӣ дар натиҷаи зиёдшавии таъсири эффекти гармхонавии атмосфера ҷой дорад, ки дар он таъсироти антропогенӣ бо тағйирёбии табиии иқлим алоқамандӣ пайдо мекунанд. Зеро маълумотҳои Идораи миллии тадқиқоти уқёнус ва атмосфераи (NOAA) ИМА нишон медиҳанд, ки қимати миёнаи асоситарин гази гулхонаӣ – дуоксиди карбон ($CO_2$), танҳо давоми солҳои 2016-2017 ба андозаи 2,2±0,1 ppm афзуда, соли 2017 ба қимати рекордии 405,0±0,1 ppm расидааст. Аз соли 2015 то соли 2016 дуоксиди карбон 3,0 ppm/сол зиёд шудааст, ки қисман ба ташаккул ёфтани шароитҳои Эл-Нино дар охири соли 2015 алоқаманд мебошад. Бо вуҷуди ин, агар солҳои 60-уми асри пор афзоиши солонаи $CO_2$ дар атмосфера 0,6±0,1 ppm буд, давоми даҳсолаҳои охир зиёдшавии солонаи он ба андозаи 2,3 ppm/сол расидааст.

Мусаллам аст, ки соҳаҳои асосии партовкунандаи $CO_2$ ба атмосфера саноат ва энергетика мебошанд, аз ҷумла, танҳо соли 2019 дар тамоми кишварҳои ҷаҳон 37%-и неруи барқ аз ҳисоби сӯзиши ангишт тавлид карда шудааст. Аз ин рӯ, зимни Конференсияи 26-уми тарафҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP26), ки аз 31 октябр то 12 ноябри соли 2021 дар шаҳри Глазго (Шотландия, Британия) баргузор гардид, беш аз 40 кишвар уҳдадор шуданд, то тибқи ваъдаҳои қаблӣ аз ангишт даст кашанд. Маврид ба зикр аст, ки кишварҳои асосии истифодбарандаи ангишт Лаҳистон, Ветнам ва Чили буда, маҳз ҳамин кишварҳо уҳдадории мазкурро қабул карданд. Вале баъзе аз бузургтарин кишварҳои истифода-барандаи ангишт, ба монанди ИМА ва Чин чунин уҳдадориро напазируфтанд. Дар доираи уҳдадории алоҳида, 20 кишвар, аз ҷумла ИМА, ваъда доданд, ки маблағгузориро барои лоиҳаҳои афзункунандаи сӯзишвории истихроҷшаванда дар хориҷа то охири соли 2022 қатъ мекунанд. Аз ин рӯ, кишварҳои аз нигоҳи саноат рушдкардаро зарур аст, ки чунин лоиҳаҳои сӯзишвории

истихроҷшавандаро, ба мисли ангишт, нафт ва гази табиӣ, бидуни истифодаи технология барои нигоҳ доштани партовҳои $CO_2$ татбиқ нанамоянд.

Азбаски ангишт яке аз омилҳои бузургтарини ифлоскунандаи ҳавои атмосфера ва муҳити атроф ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ, имзокунандагони созишнома уҳдадор шудаанд, ки тамоми намудҳои сармоягузориро барои тавлиди неруи барқ аз ҳисоби сӯзиши ангишт дар дохил ва хориҷи кишвар қатъ намоянд. Аз ҷумла, ҷониби Британияи Кабир иброз дошт, ки ин кишварҳо ба мувофиқа расиданд, то тавлиди неруи барқро аз ҳисоби сӯзиши ангишт дар солҳои 2030 барои кишварҳои аз нигоҳи саноатӣ пешрафта ва дар солҳои 2040 барои кишварҳои рӯ ба рушд қатъ намоянд. Ҳамчунин, даҳҳо созмонҳои минтақавию байналмилалӣ низ ба созишномаи мазкур имзо гузоштанд ва чанд бонки бузург ҳам розӣ шуданд, то маблағгузории саноати ангиштро қатъ кунанд. Сарфи назар аз ин, дар Чин ва дигар кишварҳои бузурги истифодакунандаи ангишт ба уҳдадорӣ оид ба қатъ намудани истифодаи ангишт дар дохили кишвар розӣ нашуданд. Чунин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки бораи марҳила ба марҳила қатъ кардани саноати истихроҷ ва истифодаи нафту газ ҳанӯз алтернативаи комиле вуҷуд надорад.

Тавре болотар зикр гардид, яке аз усулҳои асосӣ ва муосир ҷиҳати кам кардани партови газҳои гулхонаӣ, коҳиш додани таъсироти антропогенӣ ба тағйирёбии иқлим ва нигоҳ доштани тозагии ҳавои атмосфераю муҳити атроф, татбиқи амалии «иқтисоди сабз», истеҳсоли «энергияи сабз» ва дар маҷмӯъ, тақвият бахшидани «рушди сабз» мебошад, ки дар ин маврид низ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон комилан дуруст мефармояд: «*бо мақсади расидан ба ҳадафҳои Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» ҷиҳати бунёди неругоҳҳои барқӣ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва то соли 2030 ба ҳаҷми на кам аз 1000 мегаватт расонидани иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли «энергияи сабз»*», яъне бо истифодаи захираҳои офтобиву бодӣ тадбирҳои амалӣ андешида шаванд.

Аз ин ҷо бармало мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварӣ ва роҳнамоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масири мубориза бо мушкилоти глобалии экологӣ, алалхусус тағйирёбии иқлим ҳаракати комилан дуруст

дошта, бо назардошти манофеи экологӣ, иқтисодӣ ва беҳзистии аҳолӣ қабул ва амалӣ намудани барномаи мушаххаси давлатӣ оид ба кабудизокуниро яке аз роҳҳалҳои бунёдӣ дар ин самт меҳисобад. Тавъам ба ин, яке аз ҳадафҳои меҳварии сиёсати хориҷии экологии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои оянда, ки баҳри ҳифзи кураи арз ва беҳзистии сокинони он нигаронида шудааст, андешидани тадбирҳои дурусту саривақтӣ ҷиҳати ҳалли масоили мубрами ҷомеаи байналмилалӣ, аз қабили мутобиқшавӣ ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он, коҳиш додани партови газҳои гулхонаӣ, кам кардани норасоии маводи ғизоию оби нӯшокӣ ва ғайра мебошад. Маҳз бо ин мақсад, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш (28.12.2024) ба парлумони кишвар зикр намуданд: «*мо бояд ҳамкориҳоро дар самти обу ҳифзи пиряхҳо, баррасии пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ дар доираи имкониятҳои мавҷуда идома дода, ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар қолаби «Раванди оби Душанбе» тадбирҳои зарурӣ андешем*».

## ФОРУМҲОИ ҶАҲОНИИ ОБ ВА ҶОЙГОҲИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОНҲО

Яке аз институтҳои байналмилалӣ ва платформаҳои бисёрҷонибаи манфиатдори марбут ба мушкилоти глобалии об Шурои ҷаҳонии об (World Water Council) буда, соли 1996 таъсис ёфтааст. Шурои мазкур 260 созмони ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматиро аз 52 кишвари ҷаҳон муттаҳид намуда, дар умум, 358 аъзо дорад ва ба ҳайати он ниҳодҳои марбутаи СММ, созмонҳои байниҳукуматӣ, ҳукуматҳо, вазорату идора-ҳои мухталиф, бахши хусусӣ (ширкатҳои сохтмонӣ, муҳандисӣ, истеҳсолӣ), муассисаҳои илмӣ ва гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ шомиланд. Муассисон ва аъзои таркибии Шурои ҷаҳонии об Комиссияи байналмилалӣ оид ба обёрӣ ва заҳбур, Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи табиат, Ассотсиатсияи байналмилалии об, Федератсияи байналмилалии операторони хусусии об, Suez Lyonnaise des Eaux (Иттиҳодияи фаромиллии фаронсавӣ), Барномаи рушди СММ (UNDP), Идораи СММ оид ба маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) ва инчунин, Бонки ҷаҳонӣ (World Bank) мебошанд.

Мувофиқи Принсипҳои Дублин (соли 1992) ва дар посух ба қарори Конференсияи вазирону шахсони расмӣ оид ба оби нӯшокӣ ва беҳдошти муҳити зист, ки моҳи марти соли 1994 дар шаҳри Нюрдвейк (Нидерланд) баргузор гардид (аз ҷониби Комиссия оид ба рушди устувор ва Маҷмааи Умумии СММ тасдиқ шуд), Ассотсиатсияи байналмилалии захираҳои об зимни яке аз ҷаласаҳои худ дар соли 1994 (Қоҳира, Миср), барои омӯзиши консепсияи Форуми ҷаҳонии об, ба кумита дастур дод, то корҳои омодагиро ҷиҳати таъсиси Шурои ҷаҳонии об ба анҷом расонад. Кумитаи мазкур бори аввал моҳи марти соли 1995 дар шаҳри Монреал (Канада) ва маротибаи дуюм моҳи сентябри ҳамон сол дар шаҳри Бари (Италия) ҷаласаҳояшро доир намуд. Зимни баргузории ин ҷаласаҳо ҳадафҳову вазифаҳои Шурои ҷаҳонии об, ки 14 июни соли 1996 дар шаҳри Марсел (Фаронса) расман таъсис ёфт, муайян карда шуданд.

Яке аз дастовардҳои асосии Шурои ҷаҳонии об саҳми назарраси он дар баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба мушкилоти глобалии об ва сафарбарнамоии сиёсӣ мебошад, ки тавассути баргузории Форуми ҷаҳонии об ноил мегардад. Форум ҳамчун заминаи мусоид ҷиҳати тақвият бахшидани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи об хидмат намуда, платформаи муҳиме мегардад, ки дар он сиёсатмадорону тасмимгирандагон аз тамоми манотиқи кураи арз дар баррасӣ, муҳокима ва кӯшиши пайдо намудани роҳҳои ҳалли таъмини бехатарии обӣ дар сайёра ширкат меварзанд. Шурои ҷаҳонии об дар ҳамкорӣ бо давлати мизбон ҳар се сол як маротиба Форуми ҷаҳонии обро баргузор менамояд, ки бузургтарин чорабинии байналмилалӣ дар соҳаи об мебошад [13]. Аз соли 1997 ин ҷониб 10 форум – (Марокаш, 1997), (Нидерланд, 2000), (Ҷопон, 2003), (Мексика, 2006), (Туркия, 2009), (Фаронса, 2012), (Кореяи Ҷанубӣ, 2015), (Бразилия, 2018), (Сенегал, 2021) ва (Индонезия, 2024) доир гардида, баргузории Форуми 11-уми ҷаҳонии об соли 2027 дар Арабистони Саудӣ (Риёз) ба нақша гирифта шудааст. Ҳар як Форуми ҷаҳонии об қабл аз ҳама 4 ҳадафи меҳварӣ: 1) *баланд бардоштани аҳамияти нақши об дар Рӯзномаи сиёсӣ*, 2) *мусоидат ба мубоҳисаҳои амиқ дар ҳалли мушкилоти байналмилалии об дар асри XXI*, 3) *таҳияи пешниҳод-*

*ҳои мушаххас ва таваҷҷуҳи умумӣ ба аҳамияти онҳо* ва 4) *таҳияи уҳдадориҳои сиёсӣ* дорад.

Табиист, ки об барои тамоми мавҷудоти зиндаи сайёра, экосистема ва инчунин, фаъолияти инсон бағоят муҳим буда, истифодаи оқилонаи он маънои ҳосили фаровон, саломатии бардавом, рушду инкишоф ва таъмини амнияти экологиро дорад. Баръакси он, оби ифлос ба вусъат ёфтани камбизоатӣ, авҷ гирифтани бемориҳо, зиёд шудани обхезӣ, шусташавии хок, шӯршавии замин, ботлоқшавӣ, коҳишёбии гуногунии биологӣ, таназзули муҳити зист ва мунокишаи байни инсонҳо меорад. Дар навбати худ, идоракунии самараноку истифодаи дурусти захираҳои об ба таҳкими сулҳу субот ва ҳамкорию муносибoти дӯстонаи байни миллатҳову давлатҳо, дар асоси принсипҳои адолат ва баробарҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки зимни яке аз суханрониҳои хеш мефармоянд: «*Захираҳои об дар тавсеаи ҳамкории миёни давлатҳо нақши муҳим мебозанд. Дар таърих бисёр низоъҳои байни давлатҳо маълуманд, ки дар асоси ихтилофи назар доир ба масъалаҳои об рӯй додаанд. Вале бояд гуфт, ки об дар аксари маврилҳо на ҳамчун омили ҷудокунандаи одамон ва мамлакатҳо, балки чун муттаҳидсозандаи онҳо нақши муҳим мебозад*».

*Форуми якуми ҷаҳонии об* (21-25 марти соли 1997, Марокаш) таҳти унвони «*Биниш ба об, ҳаёт ва муҳити зист*» бо ширкати зиёди коршиносону намояндагони соҳаҳои иҷтимоӣ баргузор гардида, миқёси хеле васеъ доштани бухрони ҷаҳонии обро собит намуд. Бинобар ин, пас аз анҷоми форум Шурои ҷаҳонии об дар баробари қабули Эъломияи Марокаш, муаззаф гардид, то ҳуҷҷати махсусеро доир ба дурнамои захираҳои об, ҳаёт ва муҳити зисти сайёра дар асри XXI таҳия намояд. Зеро «Биниши ҷаҳонии захираҳои об» қадами нахустин ва устувор дар ҳалли буҳрони глобалии об маҳсуб ёфта, зимни баргузории Форуми дуюми ҷаҳонии об рӯнамоӣ гардид ва мавриди истифода қарор гирифт.

*Форуми дуюми ҷаҳонии об* (17-22 марти соли 2000, Гаага) бо баргузории мубоҳисаҳои зиёде дар бораи «*Аз биниш ба амал*», яъне биниши оянда ба об ва Барномаи қолабии амал оид ба ҳолат ва дурнамои захираҳои об, иқтидори рушди онҳо, амсилаҳои идоракунию маблағгузорӣ ва таъсири онҳо ба сатҳи

камбизоатӣ, рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва муҳити зист доир гардид. Дар рафти форуми мазкур вазифаҳои асосӣ барои оянда, яъне қонеъ гардонидани эҳтиёҷот ба об, таъмини маводи ғизоӣ, ҳифзи экосистемаҳо, мубодилаи захираҳои об, идоракунии хатарҳо, ҳифз, танзимнамоӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об муайян карда шуданд. Дар натиҷа, соли 2003 гузориши «Амалҳо оид ба захираҳои об дар ҷаҳон» интишор ёфт, ки дар он 3000 амал номбар ва таҳлил гардида, саъю талошҳои назарраси аҳолии сайёраро барои ҳалли мушкилоти бисёр муҳими марбут ба об нишон медиҳад. Ҳамчунин, дар доираи Форуми дуюми ҷаҳонии об бори нахуст ҷаласаи вазирон баргузор гардид, ки барои муайян кардани масоили бағоят мубрами вобаста ба об муосидат намуд.

*Форуми сеюми ҷаҳонии об* (16-23 марти соли 2003, Киото, Осака ва Шига) бонуфустарин конференсия дар соҳаи об буда, дар он 24 000 нафар иштирокчиён, аз ҷумла беш аз 130 вазир, 8 000 меҳмони хориҷӣ аз 170 кишвар ширкат ва инчунин, 12 000 нафар сокини Ҷопон ширкат варзидаанд. Мувофиқи варақаи иттилоотӣ, давоми 6 рӯзи форум, дар он 351 ҷаласа, ки аз рӯйи аломатҳои «географӣ» ба рӯзҳои минтақавӣ (Африқо, Осиё ва Уқёнус, Амрико, Шарқи Наздик ва Баҳри Миёназамин, Аврупо) тақсим шуданд, доир гардида, дар онҳо мавзуъҳои обу иқлим; обтаъминнамоӣ; беҳдошт ва ифлосшавии об; об ва муҳити зист; идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об; об, кишоварзӣ ва озуқа; об ва паст кардани камбизоатӣ; сарбандҳо ва рушди устувор ва ғайра мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтанд. Яке аз ҳадафҳои асосии форуми мазкур гузариш аз назария ба амалия буда, хусусияти инноватсионии он аз ҷалби ҷонибҳои манфиатдор тавассути ташкили «Форуми виртуалии об» ва ҷамъоварии афкору андешаҳои мухталиф дар бораи ҳолати об аз гӯшаю канори сайёра тариқи лоиҳаи «Садои об» иборат буд.

*Форуми чоруми ҷаҳонии об* (16-22 марти соли 2006, Мехико) таҳти унвони «*Амалҳои минтақавӣ барои хатарҳои глобалӣ*» баргузор гардида, мавзуъҳои меҳварии онро таҳлили масоили афзалиятноки раванди об вобаста ба истифодаи об дар доираи стратегияҳои рушд, гузариш ба идоракунии маҷмуии захираҳои об, таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳо дар соҳаи об ва беҳдошт, ҳифзи захираҳои об ҳамчун ҷузъи муҳими муҳити

зист, коҳиш додани офатҳои марбут ба об ва инчунин, баррасии мушкилоту имконоти мушаххасе, ки институтҳо ва созмонҳои гуногуни хусусию ҷамъиятӣ дар самти устувории экологӣ дучор меоянд, ташкил медиҳад. Дар доираи форуми мазкур 206 ҷаласаи баргузор шуд, ки онҳо дар доираи 5 мавзуи қолабӣ – об барои рушду инкишоф, татбиқи идоракунии маҷмуии захираҳои об, обтаъминнамоӣ ва беҳдошт барои ҳама, идоракунии об барои озуқа ва муҳити зист ва идоракунии хатарҳо мутамарказ гардонида шуданд.

*Форуми панҷуми ҷаҳонии об* (15-22 марти соли 2009, Истанбул) бо номи «*Бартараф намудани ҳудудҳои тақсимкунандаи об*» баргузор гардида, мавзуи асосии он чорроҳаи географии байни Осиёву Аврупо, Ховари Миёнаву Африқо, Шимолу Ҷануб ва инчунин, монеаҳои консептуалӣ дар байни фарҳангҳои гуногун оид ба об, сарватмандону камбизоатон, манотиқи пешрафтаву рушдёбандаи ҷаҳонро таъкид мекард. Мафҳуми «бунёди иртиботот» ва инчунин, баланд бардоштани фаҳмиш ва такмили табодули иттилоотро байни истифодабарандагони об, тасмимгирандагон, коршиносон ва кормандони бахши амалии об дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар бар мегирад. Бунёди иртиботот барои табодули дурнамоҳои мухолиф имкон медиҳад, ки аз тафовутҳо болотар раванд ва ҷонибҳои манфиатдори соҳаҳои гуногунро муттаҳид созанд. Ва ниҳоят, ин мушкилот аз ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват ба амал меорад, ки таклифҳои мушаххас пешниҳод намоянд, то идоракунии беҳтари захираҳо барои ноил гардидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола саҳм гузорад. Маврид ба зикр аст, ки дар таърихи форумҳои ҷаҳонии об нахустин маротиба мулоқоти сарони давлатҳо, ки Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштироки фаъол доштанд ва яке аз иқдомҳои ҷаҳонии хешро баён намуданд, баргузор гардид. Ҳамчунин, зимни Форуми панҷуми ҷаҳонии об як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим, аз қабили Изҳороти сарони давлатҳо оид ба об, Эъломияи вазирон, Роҳнамо дар бораи захираҳои об ва Консенсус оид ба обтаъминнамоӣ қабул гардиданд.

*Форуми шашуми ҷаҳонии об* (12-17 марти соли 2012, Марсел) таҳти унвони «*Вақти қабули қарорҳо*» доир гардида, зимни баргузории он 3 самти стратегӣ ва 12 авлавияти асосии амалиёти об муайян карда шуд, то саҳми ҷомеаи ҷаҳониро дар

раванди таъмини сайёраи солим, осоишта, шукуфо ва сабзу устувор таъмин намояд. Қабл аз баргузории форум 4 раванди омодагӣ – равандҳои сиёсӣ, мавзуӣ, минтақавӣ ва маҳаллию шаҳрвандӣ фаъолияти онро ҷиҳати омода сохтан ва мусоидат намудан ба қабул ва татбиқи қарорҳои афзалиятнок ҳамоҳанг карданд. Дар доираи Форуми шашуми ҷаҳонии об беш аз 250 ҷаласа баргузор гардид, ки тамоми мавзуъҳо ва масъалаҳои меҳварӣ дар атрофи се рукни устуворӣ гурӯҳбандӣ ва бо се шарти асосии муваффақият пурра карда шуданд. Ҳамчунин, дар доираи ҳар як амали афзалиятнок як қатор нишондиҳандаҳо мушкилоти муайяншударо ба ҳадафҳои мушаххас ва амалҳо дар ҳама сатҳҳо нишон доданд.

*Форуми ҳафтуми ҷаҳонии об* (12-17 апрели соли 2015, Тэгу-Кенгбук) дар як лаҳзаи барои ҷомеаи ҷаҳонӣ бағоят муҳим баргузор гардид, зеро баргузории он бо қабули ҲРУ, ки ҳамчун «нақшаи ноил гардидан ба ояндаи беҳтару устувортар барои ҳамагон» аз ҷониби СММ таҳия шудааст, тавъам омад. Ҳамчунин, дар як вақт тавъам омадани баргузории форуми «*Ояндаи об дар дасти мост*», таҳияву қабул шудани ҲРУ аз тарафи СММ ва пешниҳоду қабул гардидани ташаббуси чоруми ҷаҳонии Президенти Тоҷикистон – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», падидаи нодиру парадигмаи ҷадидест, ки ҷомеаи ҷаҳониро дар масири бехатарии захираҳои об ва таъмини рушди устувори экологии сайёра роҳнамоӣ мекунад. Илова бар ин, баргузории форум барои ба имзо расидани як қатор созишномаҳои байнидавлатии соҳаи об, аз ҷумла созишномаҳои байни Ҷопон, Корея ва Чин мусоидат намуда, консорсиуми 19 созмони байналмилалии марбут ба обро, ки кӯшиш намуданд, ҳадафҳои асосии амалҳоро бо мақсади дастгирӣ ва мониторинг дар 16 самти мавзуии форуми мазкур муттаҳид намоянд, ба амал овард.

*Форуми ҳаштуми ҷаҳонии об* (18-23 марти соли 2018, Бразилиа) аз он ҷиҳат таърихӣ аст, ки чунин ҳамоиши сатҳи баланди марбут ба об бори нахуст дар Нимкураи ҷанубӣ баргузор гардида, дар он ҳудуди 100 000 нафар, аз ҷумла 57 000 нафар ҷавонону наврасон ширкат варзиданд. Зиёда аз ин, дар форуми «*Истифодаи муштараки об*» аввалин маротиба 83 нафар судяву додситонҳо дар муҳокимаҳои марбут ба об ва мурофиаҳои судӣ, аз ҷумла муҳокимаҳо дар бораи ҳуқуқи

дарёҳо ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ ё бухрони тағйирёбии иқлим ширкат варзиданд. Дар маҷмуъ, форуми мазкур бо фарогирии мавзуъҳои истифодаи муштараки захираҳои об ва равандҳои устуворӣ, ҲРУ марбут ба об, ҳадафҳои иловагӣ ба СИП, нақшаҳои роҳандозии қарорҳо оид ба 16 мавзуе, ки дар Форуми ҳафтуми ҷаҳонии об таҳия ва дар рафти ин форум комил гардиданд, баргузор шуд. Ҳамин тавр, мавзуъ ва масоили меҳварии Форуми ҳаштуми ҷаҳонии об ба иқлим (ҳадафҳои 13, 11.5), инсон (6.1, 6.2, 6.3, 6.B), рушд (2, 7, 8, 11 ва 12), сифат (6.3, 11, 14), экосистема (6.3, 6.6, 15) ва роҳнамоӣ (ҳадафҳои 6,17) алоқаманд буданд.

*Форуми нуҳуми ҷаҳонии об* (21-26 марти соли 2022, Дакар) таҳти унвони «*Бехатарии обӣ барои сулҳ ва рушд*» баргузор гардида, дар он 4 самти афзалиятнок – бехатарии обӣ ва беҳдошт, ҳамкорӣ, об барои рушди деҳот ва маблағгузорию воситаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳадафи меҳварии форумро, ки дар чаҳорчӯбаи инноватсионӣ асос ёфтааст, муайян кардан, пешбарӣ намудан ва амалӣ сохтани вокунишҳо ва амалҳои мушаххас дар соҳаи обтаъминнамоӣ ва беҳдошт ташкил медиҳад. Зиёда аз ин, дар форуми мазкур ҳуҷҷати бағоят муҳим – Нақшаи амали Дакар оид ба ҳавзаи кӯлҳо, дарёҳо ва обанборҳо қабул гардида, ҳадафҳои он натиҷаҳои Конференсияи оби СММ-ро, ки санаи 22-24 марти соли 2023 таҳти раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Нидерланд баргузор шуд, тақвият бахшиданд. Ҳамин тавр, форуми мазкур аввалин чорабинии бузурги байналмилалии марбут ба об аст, ки дар ҷануби Саҳрои Кабир баргузор гардид.

*Форуми даҳуми ҷаҳонии об* (18-24 майи соли 2024, Бали) ҳудуди 20 000 нафар, аз ҷумла сарони давлатҳо, роҳбарони созмонҳои байналмилалӣ, намояндагони мақомоти баландпоя, коршиносон ва соҳибкоронро аз 160 кишвар ба ҳам овард. Мавзуи умумии форум «*Об барои шукуфоии муштарак*» унвон дошта, ҳадафи он пешниҳоди маълумоти комилан ҷадид дар бораи ҳолати кунунии захираҳои об, мусоидат ба табодули донишу таҷрибаи пешқадам дар самти истифодаи оқилонаю самараноки об ва инчунин, таҳияи роҳҳалҳои муштарак ҷиҳати рафъи мушкилоти мубрами марбут ба об мебошад. Яке аз дастовардҳои асосии форуми мазкур қабули Эъломияи вазирон аст, ки 4 пешниҳодоти муҳимро, аз қабили таъсиси Маркази

таҷрибаи пешқадам оид ба устувории об ва иқлим дар минтақаи Осиё ва Укёнус, муқаррар кардани Рӯзи ҷаҳонии кӯлҳо, дастгирии идоракунии маҷмуии захираҳои об дар ҷазираҳои хурд ва таъсиси Бунёди ҷаҳонии об барои маблағгузории самараноку устувори лоиҳаҳои соҳаи об дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, ҳар як форум мавзуи меҳварӣ ва ҳадафи мушаххас дошта, дар заминаи он ҳуҷҷати натиҷавие қабул мегардад, ки барои бартараф намудани мушкилоти марбут ба об мусоидат менамояд. Дар робита ба ин, бояд зикр намуд, ки қабл аз баргузории форумҳои ҷаҳонии об ва ҷиҳати омодагӣ ба онҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон пайваста ҳамоишу чорабиниҳои сатҳи баланд доир гардида, ҳуҷҷатҳои зарурӣ қабул ва пешниҳод мешаванд. Аз ҷумла, қабл аз Форуми 4-ум *Конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаи дарёҳои фаромарзӣ* (30.05-01.06.2005, Душанбе), пеш аз Форуми 5-ум *Конференсияи байналмилалӣ оид ба коҳиш додани офатҳои табиии марбут ба об* (27-28.06.2008, Душанбе), қабл аз Форуми 7-ум *Конференсияи зерминтақавии омодагӣ* (8-9.07.2014, Душанбе) ва пеш аз Форуми 9-ум *Конференсияи зерминтақавии омодагӣ дар мавзуи «Бехатарии обӣ барои сулҳ ва рушд»* (19-20.11.2021, Душанбе) гузаронида шуданд. Доир намудани конференсияҳо дар шаҳри Душанбе қабл аз баргузории форумҳои ҷаҳонии об далели раднопазир ва шаҳодати бармалои он аст, ки «*Ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон ба ҳамкории фаъоли ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар самти мудирияти захираҳои об ва татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи об, инчунин, дар амалисозии фанноварию навовариҳои муосир мусоидат намуданд*». Зиёда аз ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун кишвари ташаббускору пешсафи ҳалли масъалаҳои глобалии марбут ба об дар ҳама форумҳо фаъолона ширкат меварзад ва иқдомҳои аҳамияти ҷаҳонидоштаро пешниҳод менамояд. Ҳамзамон, давоми солҳои 2003-2025 дар доираи иқдомҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар пойтахти кишвар чорабиниҳои байналмилалии сатҳи баланди зерин баргузор гардидаанд:

| Номи ташаббус | Чорабиниҳои баргузоргардида |
|---|---|
| Соли 2003 – Соли байнал-милалии оби тоза | Форуми байналмилалӣ оид ба масъалаҳои оби тоза, 29.08-01.09.2003 |
| | Конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаи дарёҳои фаромарзӣ, 30.05-01.06.2005 |
| Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015» | Конференсияи байналмилалӣ оид ба коҳиш додани хавфи офатҳои табиии марбут ба об, 27-29.06.2008 |
| | Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба баррасии миёнамуҳлати ҳамаҷонибаи иҷрои амалҳо дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015», 8-10.06.2010 |
| | Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҷамъбасти раванди татбиқи амалии Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015», 9-11.06.2015 |
| Соли 2013 – Соли байнал-милалии ҳамкориҳо дар соҳаи об | Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об, 20-21.08.2013 |
| | Симпозиуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳадафи шашуми рушди устувор – «Таъмини дастрасии ҳамагонӣ ба об ва беҳдошт», 9-10.08.2016 |
| Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» | Конференсияи якуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», 20-21.06.2018 |
| | Конференсияи дуюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар мавзуи «Пешбурди амал ва шарикӣ дар соҳаи захираҳои об дар сатҳҳои маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ», 6-9.06.2022 |
| | Конференсияи сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», 10-13.06.2024 |
| Соли 2025 – Соли байнал-милалии ҳифзи пиряххо | Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо, 29-31.05.2025 |

Боиси ифтихор аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми беш аз ду даҳсола масоили марбут ба обро дар доираи Рӯзномаи ҷаҳонии об фаъолона пеш мебарад. Зеро бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои беҳтар намудани сифати оби нӯшокӣ, самаранокии истифодаи захираҳои об, ба роҳ мондани идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об, ҳифзи низоми экологии об ва дигар масоили марбут ба об ба Рӯзномаи нави ҷаҳонии рушд ворид гардидаанд, ки худ яке аз дастовардҳои муҳими талошҳои муштараки чанд соли охири ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Аз тарафи дигар, аз ҷониби Президенти Тоҷикистон пешниҳод гардидани иқдомҳои моҳияти глобалидошта дар раванди муттаҳид намудани талошҳои муштараки давлатҳои ҷаҳон дар масири мубориза ба тағйирёбии иқлим, дастрасӣ ба оби нӯшокӣ, коҳиш додани таъсири хатарҳои экологӣ, расидан ба ҲРУ заминаҳои бунёдӣ ва қадамҳои устувор мегузоранд. Татбиқи амалии ин ташаббусҳо дар амиқ дарк кардани мушкилоти экологии мавҷуда, пайдо намудани роҳҳалҳо ҷиҳати рафъи ин масоил, коҳиш додани таъсироти манфии онҳо, бартараф кардани пайомадҳои хатароти экологӣ, нигаҳ доштани тавозуни экологӣ ва ҳифзи экосистемаҳо, таъмини рушди иқтисодию иҷтимоӣ, вусъат бахшидани саноати камкарбону бепартов ва инчунин, таъмини сулҳу субот саҳми назаррас мегузоранд. Тавъам ба ин ҳама, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2000 ин ҷониб, бо пазируфта шудан ва қабул гардидани ҳар иқдоми ҷадиди Пешвои миллат аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, талошҳои худро дар арсаҳои минтақавию байнамилалӣ бо мақсади тақвияти пешравиҳои бадастомада ва дастёбӣ ба натиҷаҳои комилан нав эҳё менамояд ва идома медиҳад. Зеро ҳар як ташаббуси ҷаҳонии Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор заминаи мусоид фароҳам оварда, ба таҳкими нақши об дар раванди ноил гаштан ба дигар ҳадафҳои дар сатҳи ҷаҳонӣ мувофиқашуда мусоидат менамояд.

Айни замон бе идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об ва ҳамкориҳо дар самти мубориза ба мушкилоти глобалии экологӣ, махсусан тағйирёбии иқлим ва коҳиёбию норасоии оби нӯшокӣ, расидан ба ҲРУ ва нигоҳ доштани тавозуни

экологӣ дар миқёси глобалӣ амри муҳол аст. Далелҳо нишон медиҳанд, ки бе таъмини устувори об мушкилоти дастрасии оби нӯшокӣ ба вуҷуд омада, беҳдошт таъмин намегардад, ҳосили хуб рӯёнида намешавад ва ҳатто, ин раванд ба соҳаи энергетика, алалхусус гидроэнергетика таъсири манфӣ мерасонад. Ин буҳронҳо, ки ба ҳам алоқамананданд, ба раванди рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии кишварҳо халал ворид намуда, барои пешрафти тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон ва солимии аҳолӣ монеа эҷод мекунанд. Аз ин ҷост, ки идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об ва ҳифзу таъмини оби нӯшокӣ аксар вақт ба мавзуи меҳварии чорабиниҳо ва эъломияҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ҲРУ табдил ёфтааст.

Дар баробари форумҳои ҷаҳонии об, яке аз платформаҳои мусоиде, ки ҳам дар ҳалли мушкилоти болозикр ва ҳам дар самти ноил гардидан ба аҳдофи Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 саҳми назаррас дорад, платформаи «Раванди оби Душанбе» аст. «Раванди оби Душанбе» ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба дастгирии татбиқи ҳадафҳои иқдомоти ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об мебошад, ки бо роҳи баргузор намудани конференсияҳои байналмилалӣ дар ҳамкорӣ бо СММ дар 2 сол як маротиба аз ҷониби Ҳукумати кишвар амалӣ карда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста кушиш менамояд, ки платформаи мазкурро барои пайгирӣ, пешбурд ва дастгирии иҷрои уҳдадориҳои Рӯзномаи ҷаҳонии об, инчунин ҳавасманд-гардонии шарикии нав ва суръатбахшии амалҳо дар масири ноил гардидан ба ҲРУ таъмин намояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо СММ, дар доираи платформаи «Раванди оби Душанбе» Конференсияи дуюми оби СММ (22-24.03.2023, Ню-Йорк) ва Коференсияҳои якум (20-21.07.2018), дуюм (6-9.06.2022), сеюми (10-13.06.2024) байналмилалии сатҳи баланди Душанберо дар сатҳи бағоят баланд баргузор намуд. Дар ин маврид бояд тазаккур дод, ки пас аз гузашти 46 сол, маҳз дар доираи ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» Конференсияи оби СММ-2023 гузаронида шуд. Конференсияи СММ оид ба масоили об дар чунин сатҳи баланд ва иштироки васеи ҳукуматҳо, ташкилотҳо ва коршиносон, ҳанӯз соли 1977 дар

шаҳри Мар-дел-Плата (Ҷумҳурии Аргентина) баргузор гардида буд. Бинобар ин, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон конференсияи мазкурро таърихӣ унвон карданд, зеро «*он дар таърихи Созмони Милали Муттаҳид бори дуввум – баъди қариб 50 сол ба вуқуъ пайваст*».

Конференсияҳои «Раванди оби Душанбе» барои пешбурди амалҳо, шарикӣ ва муколамаи сиёсӣ, баррасии раванди татбиқи ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об, алалхусус Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ва инчунин, мусоидат ба робита бо дигар равандҳои дахлдор, имкони хуб, фазои мусоид ва платформаи муайянеро фароҳам меоранд. Аз ин рӯ, Тоҷикистон маркази дипломатияи об ба ҳисоб рафта, дар ин масъала Душанбе арсаи бузурги баргузории чорабиниҳои сатҳи баланди байналмилалӣ дар баррасӣ, муҳокима ва ҳалли масоили ҳаётан муҳими аҳли башар, махсусан обу иқлим эътироф гардидааст. Масалан, яке аз ин ҳамоишҳо ва имконоти хуб дар масири ҳаллу фасли мушкилоти мазкур Конференсияи сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» буд, ки дар доираи он 9 форум (*Форуми Осиёи Марказӣ оид ба об ва тағйирёбии иқлим, Форуми Африқо оид ба об, Форуми сеюми минтақавии созмонҳои ҳавзавӣ, Форуми байналмилалии пиряхҳо, Форуми кӯдакону ҷавонон оид ба об ва иқлим, Форуми бонувон ва об, Форуми илм ва технология, Форуми бахши хусусӣ ва Форуми байналмилалии парлумонӣ*), 5 муколамаи интерактивӣ, 18 чорабинии иловагӣ ва 1 фестивал баргузор гардиданд.

Ҳамин тавр, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускору пешсаф дар ҳалли мушкилоти марбут ба об ҳам дар форумҳои ҷаҳонии об пайваста ва фаъолона ширкат варзида, бахри бартараф кардани мушкилоти мавҷуда иқдомҳои илман асоснок, мубрам ва воқеъбинонаро пешниҳод мекунад ва ҳам тавассути «Раванди оби Душанбе» таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба ин мушкилоти мубраму ҳалталаб ҷалб намуда, дар татбиқи ташаббусҳои худ қабл аз ҳама саҳм мегузорад ва ба ҳамкориҳои мутақобиланд судманди байналмилалӣ дар масири мубориза ба мушкилоти глобалии экологӣ мусоидат менамояд.

## НАҚШИ ТОҶИКИСТОН ДАР КОНФЕРЕНСИЯИ ОБИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД-2023

Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварӣ ва роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи минтақавӣ ва байналмилалӣ ҳамчун кишвари ташаббускори ғояҳои ҷаҳонии обу иқлим эътироф гардида, соли 2023 аз саъю талошҳои Ҳукумати кишвар дар пешбурди рӯзномаи оби СММ 20 сол сипарӣ мегардад. Дар ин муддат, бонуфузтарин созмони ҷаҳонӣ – СММ дар асоси ташаббусҳои Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 10 қатънома: 1) A/RES/55/196 (20.12.2000), 2) A/RES/58/217 (23.12.2003), 3) A/RES/64/198 (21.12.2009), 4) A/RES/65/154 (20.12.2010), 5) A/RES/67/204 (21.12.2012), 6) A/RES/69/215 (19.12.2014), 7) A/RES/71/222 (21.12.2016), 8) A/RES/73/226 (11.01.2019), 9) A/RES/75/212 (21.12.2020) ва 10) A/RES/77/158 (14.12.2022) қабул кардааст. Қабули ин қатъномаҳо ва баргузории ҳамоишҳои сатҳи баланд дар асоси ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат аз он шаҳодат медиҳанд, ки икдомҳои ҷониби Тоҷикистон воқеан дар ҳалли масоили обу иқлим ҳадафҳои неку созандаи зиёдеро дар пай доранд ва ҳамагӣ барои ҳифзиояндаи сайёра равона гардидаву бахри рушди оянда ҳадафҳои мушаххас доранд. Зиёда аз ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон чун кишвари ташаббускор ва пешсафи ҳалли масоили глобалии марбут ба обу иқлим дар аксар ҳамоишҳои соҳавӣ, махсусан дар доираи фаъолияти ду ниҳоди муҳими байналмилалӣ – Форумҳои ҷаҳонии об ва Конференсияҳои тарафҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим фаъолона ширкат меварзад ва икдомҳои аҳамияти ҷаҳони-доштаро пешниҳод менамояд. Аз ҷумла, ба такрор бояд иброз намуд, ки се ташаббуси ҷаҳонии Президенти Тоҷикистон маҳз дар доираи се форуми ҷаҳонии об, яъне Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015» дар Форуми сеюми ҷаҳонии об (2003), Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об дар Форуми панҷуми ҷаҳонии об (2009) ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар Форуми ҳафтуми ҷаҳонии об (2015) пешниҳод гардидаанд.

Аз ин рӯ, вакти он расидааст, ки ташаббусҳои фавқуззикр аз дидгоҳҳои мухталифи илмӣ мавриди омӯзишу пажӯҳиши

ҳамаҷониба қарор гиранд. Зеро аҳдофу дастовардҳои иқдомоти ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки онҳо ба ҳамкории фаъоли ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар самти мудирияти захираҳои об ва татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи об, инчунин дар амалисозии фановарию навовариҳои муосир мусоидат менамоянд. Ҳалли мушкилоти глобалии об ба афзоиши сармоягузорӣ дар бахши об, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои инфрасохтор зич алоқаманд аст. Ин далел барои идоракунии оқилонаи захираҳои об ва пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба таъминоти об хеле зарур буда, ҷиҳати таъмини суръати баланди рушди иҷтимоӣ-экологӣ-иқтисодӣ аҳамияти хеле бузург дорад. Чунки вазъи имрӯзаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки ҳамаи кишварҳои сайёра аз мушкилоти марбут ба об орӣ набуда, норасоии об барои нӯшокӣ, полезӣ, беҳдошт, хушксолӣ, селу обхезиҳо, тармафароӣ ва дигар офатҳои табиӣ монеаҳои асосии рушди устувор ва зиндагии шоистаи бошандагони кураи арз гардидаанд. Аз ҷониби дигар, ҳамбастагии зичи об, муҳити зист ва иқлим бошад, зудтағйирёбанда гардида, ба афзоиши офатҳои гидрометеорологӣ мусоидат менамояд ва ба ин восита ба тамоми соҳаҳои фаъолияти хоҷагии халқ таъсироти манфӣ меорад. Махсусан, тағйирёбии иқлим, ки пеш аз ҳама, аз ҳисоби таъсиррасонӣ ба захираҳои об ба ҳаёти ҳаррӯзаи одамон дигаргунӣ ворид менамояд, ҷомеаи ҷаҳониро ба мушкилоти бузург – обшавии босуръати пиряххо рӯ ба рӯ гардонидааст.

Ин ҳама мушкилот дар масири расидан ба ҲРУ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кишвари кӯҳсор ва дорои захираҳои бузурги гидрологию глятсиологӣ аст, монеаи ҷиддӣ эҷод менамояд. Бинобар ин, ҳадафҳои ташаббусҳои Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи об ва ҳифзи пиряхҳо тавассути дипломатияи об ва истифодаи оқилонаи захираҳои он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ таъкид намудани мушкилоти ин соҳа ва дарёфти роҳҳои ҳалли онҳоро таъкид менамоянд. Зеро ин иқдому ташаббусҳо на танҳо хусусияти соҳавию минтақавӣ, балки ҷанбаҳои муҳими инсондӯстию гуманистӣ, аҳамияти глобалӣ дошта ва ба самти сулҳу дӯстӣ, ҳамзистию муттаҳидии сокинони сайёра нигаронида шудаанд, обрӯю эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ боз ҳам баланд

бардошта, мақоми меҳани моро дар сатҳи байналмилалӣ мустаҳкам менамоянд.

Айни замон ташаббуси чоруми Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» идома дошта, амалӣ мегардад ва дар доираи он якчанд ҳамоишҳои сатҳи баланд баргузор гардиданд. Аз ҷумла, дар доираи татбиқи амалии ин даҳсола, дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбешаҳр ду ҳамоиши муҳим – Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (20-21.06.2018) ва Конференсияи дуюми байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони «*Пешбурди амал ва шарикӣ дар соҳаи захираҳои об дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ*», бахшида ба ин даҳсола (6-9.06.2022) баргузор гардиданд. Ҳамзамон, бояд зикр аст, ки баҳри татбиқи амалии ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат ва пайгирии ҳадафҳои дигари созанда дар соҳаи об Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо СММ платформаи муколамаи сиёсӣ, шарикӣ ва амалиеро таҳти унвони «Раванди оби Душанбе» таъсис дода, тавассути он чандин ҳамоишҳои байналмилалии сатҳи баландро доир намуд.

Конференсияи оби СММ-2023, ки 22-24 марти соли 2023 дар шаҳри Ню-Йорк таҳти раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Нидерланд баргузор гардид, яке аз ҳамоишҳои бағоят муҳим дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ва дуюмин конференсияи сатҳи баланд дар таърихи ин созмон мебошад. Маврид ба зикр аст, ки нахустин Конференсияи СММ оид ба масоили об дар чунин сатҳи баланд ва иштироки васеи ҳукуматҳову ташкилотҳою коршиносон, ҳанӯз соли 1977 дар шаҳри Мар-дел-Платаи Ҷумҳурии Аргентина баргузор гардида буд. Маҳз бо назардошти ин нукта Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд: «*Конфронси мазкур таърихӣ аст, зеро он дар таърихи Созмони Милали Муттаҳид бори дуввум – баъди қариб 50 сол ба вуқуъ пайваст. Мо – мизбонони Конфронс дар ин ҷода талошҳои зиёд кардем ва умед дорем, ки он аз рӯи натиҷаҳои самарабахши худ таърихӣ хоҳад гардид*». Аз ин рӯ, боиси ифтихор аст, ки дар таърихи фаъолияти ин созмони бонуфуз чунин конференсия маротибаи дуюм ва ин

ҳам бошад таҳти раисии Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид. Маҳз бо назардошти ин нукта Президенти Шурои ҷаҳонии об Лоик Фошон ба нақши Тоҷикистон дар баргузории конференсияи мазкур баҳои баланд дода, аз ҷумла гуфтааст: «*Мехоҳам бигӯям, ки мо нақши Тоҷикистонро дар баргузории ин конфронси Созмони Милали Муттаҳид баланд арзёбӣ менамоем. Тоҷикистон дар масъалаи об давлати пешгом аст ва барои бомуваффақият гузаронидани конфронси мазкур аз таҷрибаи худ истифода мебарад. Бесаброна иштироки тамоми коршиносони тоҷикро дар омодагӣ ба Форуми навбатии ҷаҳонии об, ки моҳи майи соли 2024 дар Балии Индонезия баргузор хоҳад шуд, интизорем*».

Конференсияи таърихии СММ оид ба масоили об маҳз дар доираи татбиқи иқдоми навбатии Эмомалӣ Раҳмон доир гардида, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор намудани нақши мизбонии он нишонаи баланди эътибору эътирофи миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад. Зеро ин ҳамоиши муҳим ҳазорон нафарро аз тамоми гӯшаю канори сайёра ба ҳам оварда, дар он масоили ҳамкорӣ дар соҳаи захираҳои об, истифодаи оқилонаи об, андешидани тадбирҳои муштараку ҳамоҳангӣ дар доираи Эътилофи ҷаҳонии обу иқлим баррасӣ гардиданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конференсияи оби СММ-2023 оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» суханронӣ намуда, аз ҷумла иброз доштанд: «*имрӯз захираҳои об зери таъсири амиқи таҳдиду хатарҳои гуногун қарор доранд, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти мардум, бахусус ба амнияти озуқаворӣ, тавлиди «неруи сабз» ва пойдории табиат бетаъсир намемонад. Дар ин радиф тағйирёбии иқлим низ ҳамчун омили таъсиррасон ба захираҳои оби ошомиданӣ дар меҳвари таваҷҷуҳи мо қарор дорад. Обшавии босуръати пиряхҳо, чи дар Арктикаву Антарктида ва чи дар қитъаҳои континенталии сайёра, намунаи возеҳи ин зуҳурот мебошад. Аз тарафи дигар, афзоиши босуръати шумораи аҳолии ҷаҳон ба зиёдшавии талабот ба об оварда мерасонад... Гузашта аз ин, тағйирёбии иқлим сабаби афзоиши бесобиқаи офатҳои табиии марбут ба об гардида истодааст. Тоҷикистон низ ҳамасола аз офатҳои табиии марбут ба об хисороти зиёди молию ҷонӣ мебинад. Ин*

*ҳолат ба талошҳои мо барои расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор монеаи ҷиддӣ эҷод менамоянд».* Ин суханони Президенти Тоҷикистонро, ки арзёбии комилан дақиқе оид ба мушкилоти об, тағйирёбии иқлим ва динамикаю дурнамои пиряххои ноҳияҳои яхистони сайёраанд, ГКБТИ низ собит менамояд. Тибқи хулосаи Гузориши шашуми арзёбии вазъи иқлими сайёра, ки соли 2022 аз ҷониби Гурӯҳи мазкур таълиф гардидааст, пиряххое, ки дар ноҳияҳои кӯҳсор воқеъ гардидаанд, қариб дар ҳама гӯшаю канори кураи арз бо суръати баланд об мешаванд, ки чунин тамоюл дар 2000 соли охир бори нахуст ба назар мерасад. Ҳамчунин, тибқи Гузориши махсуси ГКБТИ дар бораи уқёнусҳо ва криосфера дар соли 2019 то интиҳои садсолаи ҷорӣ сеяки пиряххои ҷаҳон метавонанд аз байн раванд. Яъне, коҳиши массаи пиряххо, яхбандиҳои доимӣ ва қабати барф дар асри XXI вусъат ёфта, ҳангоми ба андозаи 1,5°C гарм шудани иқлим дар саросари ҷаҳон бисёр пиряххо, махсусан пиряххои хурд массаи зиёди худро аз даст медиҳанд.

Гармшавии глобалии иқлим ба муҳити зист таъсири васеъ ва фарогир дошта, дар натиҷаи он офатҳои табиии зиёде ба амал меоянд. То имрӯз таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба бисёр манотиқи сайёраи Замин, аз қабили Антарктида, Арктика, Гренландия ва Осиёи Марказӣ ба таври қобили мулоҳиза эҳсос мешавад. Тибқи андозагирии моҳвораӣ, қабати ях дар минтақаҳои арктикии уқёнус пайваста коҳиш ёфта, давоми солҳои 2019-2021 ба қимати рекордӣ расидааст. Мувофиқи амсилаҳои ҳозира, дар тобистонҳои солҳои 2025-2030 Арктика метавонад аз ях озод шавад ва аз рӯйи тахминҳои ГКБТИ давоми асри XXI сатҳи уқёнус ба ҳисоби миёна 52-98 см боло меравад. Чунин тамоюл дар ноҳияҳои континенталӣ, алалхусус Осиёи Марказӣ ба назар расида, давоми даҳсолаи охир боиси коҳиш ёфтани яхбандии зимистона дар тарафи шимолии баҳри Каспий гардидааст. Натиҷаи пажӯҳишҳои экспедитсионии саҳроӣ ва мушоҳидаҳои моҳворавӣ манзараи шабеҳро дар пиряххои Тоҷикистон низ нишон медиҳанд, яъне тамоюли коҳишёбии пиряххои болооби дарёҳои Зарафшон ва Кофар-ниҳон нисбат ба дигар ноҳияҳои яхистони кишвар афзудааст. Суръати обшавии пиряххои аз 1 км$^2$ хурд нисбатан бештар буда, сатҳи ин гуна пиряххо пур аз кафидагию кӯлҳо мебошад, ки чунин ҳолат далели деградатсияи онҳо ба ҳисоб меравад.

Аз нуқтаи назари метеорология, баландшавии ҳарорати ҳаво боиси тағйирёбии миқдор ва тақсимоти боришот дар сатҳи Замин гардида, дар арзҳои муътадилу баланд борон бештар ва дар ноҳияҳои тропикию субтропикӣ камтар меборад. Яъне, атмосфера бештар намнок гардида, вобаста ба арзҳои географӣ ва шароитҳои орографӣ обхезӣ, хушксолӣ, тундбод ва дигар ҳодисаҳои шадиди обу ҳаво ва иқлимӣ метавонанд зиёд шаванд. Ҳамчунин, гармшавии глобалии иқлим боиси ба минтақаҳои қутбӣ гузаштани доираи намудҳои биологӣ, афзудани эҳтимолияти нобудшавии намудҳои хурд – сокинони ноҳияҳои соҳиливу ҷазираҳо гардида, сабабгори пайдоиши муҳоҷирони иҷбории экологӣ мешавад. Мувофиқи ҳисобҳои олимони Донишгоҳи Вашингтон (Сиэтл, ИМА), агар солҳои 80-уми асри XX дар сайёра дар як сол ба ҳисоби миёна 100-120 ҳодисаю офатҳои табиӣ рух медод, аз солҳои 2000-ум ин ҷониб миқдори тӯфонҳо, обхезиҳо ва дигар офатҳои табиӣ ҳамасола рухдиҳанда 5 маротиба афзудааст. Давоми солҳои охир хушксолиҳо тез-тез ба амал омада, давомнокии мавсими боронгариҳои муссонӣ афзудааст ва дар миқёси ҷаҳонӣ обхезию тӯфонҳо 71%-и офатҳои табииеро, ки солҳои 1990-2019 ба амал омадаанд, ташкил медиҳанд. Тибқи маълумоти Ном-гӯйи таҳдидҳои экологии соли 2020, дар кураи арз аз солҳои 1960-ум миқдори офатҳои табиии марбут ба обу ҳаво ва иқлим даҳ маротиба афзуда, аз 39 ҳодисаи соли 1960 ба 396 ҳодиса дар соли 2019 расидааст. Танҳо дар соли 2005 442 офати табиии азиме ба амал омадааст, ки дар натиҷа 160 млн нафар ба кӯмаки фаврӣ эҳтиёҷ пайдо карданд ва беш аз 90 000 нафар ҳалок гардиданд.

*Миқдори умумии офатҳои глобалии экологӣ, солҳои 1990-2019*

| **Намуди офат** | **Миқдор** | **Фоиз (%)** |
|---|---|---|
| Обхезӣ | 4119 | 41,5 |
| Тӯфон | 2942 | 29,6 |
| Зилзила | 818 | 8,2 |
| Ярч | 551 | 5,6 |
| Ҳарорати баланд | 524 | 5,3 |
| Хушксолӣ | 475 | 4,8 |
| Сӯхтори ҷангалзор | 341 | 3,4 |
| Фаъолнокии вулқонӣ | 154 | 1,6 |
| **Умумӣ** | **9924** | **100** |

Ҳамин тавр, таъсири тағйирёбии иқлим, бахсус болоравии ҳарорати ҳавои наздизаминӣ эҳтимоли бавуҷудоии офатҳои табиии марбут ба обу ҳаворо зиёд мекунад. Гармшавии глобалии иқлим хатари хушксолӣ ва шиддат ёфтани тӯфонҳоро зиёд намуда, ба пайдоиши муссонҳои намнок боис мегардад. Чунин ҳолат бештар ҳангоми тағйирёбии шиддат ва басомади хушксолиҳо, тӯфонҳо, обхезиҳо, ҳарорати аз меъёр зиёд ва сӯхтори ҷангалҳо мушоҳида мешавад. Дар раванди шиддат ёфтани ҳодисаҳои шадиди обу ҳаво ва офатҳои хусусияти иқлимидошта, захираҳои табиие, чун замин ва об бештар осебпазир мегарданд. Таъсири манфии офатҳои табиӣ аз шиддати ҳодисаҳои алоҳида вобастагӣ дорад, яъне онҳо метавонанд шиддатнокии паст дошта, зуд-зуд ба амал оянд ё метавонанд ҳодисаҳои якдафъаина бо хисороти азим бошанд. Масалан, обхезӣ аз маъмултарин офати табиии дорои шиддатнокии нисбатан паст буда, аз миқдори умумии офатҳои табиии (9924 офат) давоми солҳои 1990-2019 баамаломада, 42%-ро ташкил медиҳад. Вале, сунамӣ ҳодисаи якдафъаинаи шиддатнокиаш баланд буда, соли 2004 дар як қатор кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ сунамӣ ба амал омад, ки боиси фавти беш аз 220 000 нафар аҳолӣ ва хисороти бузурге дар саросари минтақа гардид.

Мувофиқи тадқиқоти илмие дар соли 2020, агар гармшавии глобалии иқлим бо суръати имрӯза идома ёбад, дар нимаи асри XXI то 3,5 млрд нафар метавонанд дар манотиқи обу ҳавои номусоид зиндагӣ кунанд. Ҳар дараҷа боло рафтани ҳарорати ҳаво метавонад тақрибан як млрд нафар одамонро бе шароити муносиби зиндагӣ бимонад. Аз ҷумла, тибқи иттилои СҶО, тағйирёбии иқлим ба омилҳои саломатии иҷтимоӣ ва муҳити зист, ба монанди ҳавои тоза, оби тозаи нӯшокӣ, ғизои кофӣ ва паноҳгоҳи бехатар таъсир мерасонад. Зеро ҳарорати баланд боиси марги беморони дилу раг ва роҳҳои нафас, махсусан пиронсолон мегардад. Мисол, мавҷи гармои ғайриодӣ, барвақт ва шадид дар як қатор кишварҳои аврупоӣ, аз қабили Фаронса, Олмон, Нидерланд боиси аз меёър 2°С афзудани ҳарорати миёнаи ҳаво гардид ва моҳи июни соли 2019 гармтарин моҳ аз миёнаҳои асри XIX ин ҷониб ба қайд гирифта шуд. Бо чунин тамоюл баландшавии ҳарорат на танҳо дар Аврупо, балки мавҷи гармӣ ба манотиқи шимолӣ, аз ҷумла дар Скандинавия

ва Гренландия паҳн гардида, дар Сибир, Гренландия ва Аляска боиси сӯхтори ҷангал шуд.

Агар чил сол қабл гармии шадиди тобистон маъмулан ба 0,1-0,2% сатҳи Замин таъсир мекард, айни замон тақрибан 10% ва дар оянда боз ҳам паҳншавии таъсири он пешбинӣ шудааст. Дар баъзе манотиқи Аврупо ҳарорати баланд бо боришоти шадид ҳамроҳ гардида, аз сабаби ҳарорати ғайримуқаррарӣ ва боришоти фасли гармо қабати яхи Арктика зудтар вайрон мешавад. Дар натиҷаи гармои соли 2019 беш аз 32 000 га ҷангали Сибир сӯхта, дуди сӯхтор атмосферо чунон пӯшонид, ки онро ҳатто аз кайҳон дидан мумкин буд. Мувофиқи ҳисоби Маркази аврупоии пешгӯиҳои миёнамуҳлати обу ҳаво ва Хадамоти тағйирёбии иқлим «Коперник», партови гази карбон аз сӯхтори ҷангалҳо дар моҳи июли соли 2019 бо миқдори солонаи партовҳои сӯзишвории кишвари Колумбия баробар будааст. Бинобар ин, афзоиши консентратсияи гази карбон дар атмосфера боиси зиёд шудани $CO_2$ дар оби баҳр ва ба ин васила зиёдшавии кислотанокии оби уқёнус мегардад, ки ин ҳолат паст шудани pH мебошад. Дар натиҷаи ворид шудани гази оксиди карбон ба Уқёнуси ҷаҳонӣ аз атмосфераи Замин, боиси афзоиши ишқорнокии оби баҳру уқёнусҳо гардида, ба организмҳои зиндаи таркиби об ва захираҳои табиии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Аз ин ҷост, ки Пешвои миллат зимни суханронии хеш бори дигар зарурати таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба масъалаҳои об, идора ва истифодаи об, талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ба оби нӯшокию полезӣ, офатҳои табиии ба афзоиши ҳарорати ҳаво ва обшавии пиряхҳо алоқаманд, ҳамкориҳои минтақавӣ дар ҳалли мушкилоти об ва дигар масъалаҳои ба об алоқамандро таъкид намуданд. Чунин арзёбии дақиқ ва масъалагузории саривақтии Эмомалӣ Раҳмонро далелҳои фаровони илмӣ собит менамоянд ва амали бағоят зарурӣ меҳисобанд. Мисол, тибқи таҳлили охири ЮНИСЕФ, танҳо дар 10 кишвари африқоӣ дар натиҷаи омезиши се таҳдиди марбут ба об – норасоии об, санитария, беҳдошту бемориҳои ба он ва инчунин, хатари тағйирёбии иқлим 190 млн кӯдак таҳти хатари бузург доранд. Мувофиқи ин таҳлил, манотиқи Африқои Ғарбӣ ва Марказӣ ба яке аз ноҳияҳои ҷаҳон, ки аз таъсири тағйирёбии иқлим бештар аз ҳама бо норасои об дучор гардидаанд, табдил ёфтааст.

Бояд таъкид намуд, ки дар ҳошияи Конференсияи оби СММ оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» чандин иқдомҳои хосаи дигар аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ карда шуданд, ки ба ҷаҳониён аз таърихи пурғановату бостонӣ доштани миллати тоҷик, ҷонибдори муттаҳидии давлатҳои ҷаҳон будани Тоҷикистон, пуштибони ҳифзи саломатии сокинони кураи арз будани Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарак медоданд. Дар ҳошияи конференсияи мазкур як қатор чорабиниҳои муҳим, ба монанди Намоишгоҳи «*Таърихи рушди Тоҷикистон*», тақдими туҳфаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СММ, чорабинии «*Об ва Наврӯз – ду сарчашмаи ҳаёти башар*», чорабиниҳои канорции «*Табдили институтҳои иқтисодии глобалӣ ба манфиати умум: Даъват барои бедоршавӣ аз ҷониби Комиссияи глобалӣ оид ба иқтисодиёти об*», «*Харитаи роҳ барои соли 2025: Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо*» ва «*Об моро муттаҳид месозад*» баргузор гардиданд.

Тавъам ба дигар чорабиниҳои дар доираи Конференсияи оби СММ-2023 баргузоргардида, яке аз муҳимтарин ҳамоишҳо чорабинии канории «*Харитаи роҳ барои соли 2025: Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо*» мебошад, ки онро Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО, Бонки ҷаҳонӣ ва СҶО доир намуд. Ин чорабинӣ низ дар асоси ташаббуси панҷуми ҷаҳонии Пешвои миллат, яъне соли 2025 – Соли байналмилалии пиряхҳо баргузор гардида, он дар роҳи татбиқи қатъномаи нави СММ оид ба ҳифзи пиряхҳо қадами нахуст ба шумор меравад. Дар чорабинии мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок намуда, ҳадафи меҳварии ташаббуси навбатии хешро чунин баён карданд: «*Ҳадафи пешниҳоди эълони Соли ҳифзи пиряхҳо ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин масъалаи мубрам ва муттаҳид сохтани талошҳо барои андешидани чораҳои қатъӣ ҷиҳати коҳиши ин раванд, устувор сохтани ҷомеа ва иқтисоди кишварҳо ба таъсири он мебошад*».

Аз ин ҷо бармало мегардад, ки дар ин ҳамоиши сатҳи ҷаҳонӣ муҳимтарин масъалаҳо, яъне дастрасии аҳолии ҷаҳон ба оби ошомиданӣ, ҳифзи захираҳои об, пешгирии омилҳои таъсиррасон ба манбаъҳои об, тақвияти ҳамкории давлатҳо,

созмону ташкилотҳои ҷаҳонӣ вобаста ба ҳифзи сарчашмаҳои оби ошомиданӣ, аз ҷумла ҳифзи пиряххо, тарҳрезии дурусти стратегияву барномаҳои дахлдор, суръатбахшӣ ба иҷрои уҳдадориҳои давлатҳо ва созмону ташкилотҳои ҷаҳонӣ, мунтазам баррасӣ гардидани масъалаҳои об аз ҷониби давлатҳо ва созмону ташкилотҳои ҷаҳонӣ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Аз ҷумла, пиряххо, ки захираи асосии обҳои тоза дар сайёра ба ҳисоб меравнд, таъмини захираҳои обро дар давраи гарми сол, ки барои обёрӣ лозим аст, ба амал мебароранд. Аммо чи тавре аз далелҳо маълум аст, дар солҳои охир суръати обшавии пиряххо афзуда, таъсири бевоситаи худро ба соҳаҳои таъмини оби нӯшокӣ, тағйироти иқлим, ирригатсия ва гидроэнергетика, ки манбаи «энергияи сабз» муаррифӣ гардидааст, мерасонад. Яъне, зери таъсири тағйирёбии иқлим андоза ва ҳаҷми пиряххо, махсусан пиряхҳои ноҳияҳои кӯҳсор коҳиш ёфта, танҳо дар 50 соли охир дар Тоҷикистон беш аз як ҳазор пирях пурра об шуда, ҳаҷми умумии пиряхҳои кишвар ба андозаи тақрибан сеяк баробар кам гардид. Аз ин рӯ, агар раванди босуръат обшавии пиряххо саривақт пешгирӣ карда нашавад, дар даҳсолаи наздиктарин масъалаи таъмини аҳолии сайёра ба оби тоза боз ҳам шиддат мегирад. Маҳз бо назардошти ин мушкилот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд, ки барои ҳифзи пиряххо бояд муштарак талош намуда, ҷиҳати пешгирии раванди гармшавии ҳарорати ҳаво тадбирҳои мушаххас андешида шаванд.

Бояд зикр намуд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ироаи Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олӣ (22.12.2016; 26.12.2019) ва суханрониҳояш дар Иҷлоси XIII-уми Созмони ҳамкории иқтисодӣ (1.03.2017, Исломобод) ва Ҷаласаи 40-уми Конеренсияи генералии ЮНЕСКО дар масъалаҳои вобаста ба тағйирёбии иқлим (12.11.2019, Париж) ёдовар шудаанд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба роҳ мондани истеҳсол ва истеъмоли неруи барқ барои таҷдиди неругоҳҳои мавҷуда, сохтмони иқтидорҳои нави тавлиди барқи обӣ, истифодаи васеи дигар манбаъҳои барқароршавандаи истеҳсоли неруи барқ, инчунин ҷорӣ намудани усулҳои муосири истифодаи сарфакоронаи он пайваста тадбирҳои зарурӣ меандешад. Ва ин тадбирҳои Тоҷикистон баробари

таъмини амнияти энергетикӣ дар сатҳи миллӣ аҳамияти минтақавӣ низ доранд, зеро ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти рӯзафзуни ҳамсояҳои дуру наздики мо ба неруи барқ нигаронида шудаанд. Дар ин маврид, дар навбати аввал ин ба таъмини амнияти обӣ ва обтаъминкунии кафолатнок барои обёрии заминҳои тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ дар хушксолиҳо тавассути танзими бисёрсола ва мавсимии маҷрои об дар обанборҳо, ҳамчунин ба пешгирии ҳолатҳои фавқулодаи вобаста ба об, мисли селу обхезӣ, мусоидат мекунад. Сонияи, баҳрабардорӣ аз иқтидори бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки минтақа бо қувваи барқи дастрас ва аз лиҳози экологӣ тоза таъмин шавад ва ҳамзамон барои татбиқи Ҳадафи ҳафтуми рушди устувор мусоидат кунад. Ахиран, истифодаи захираҳои гидроэнергетикии кишвар инчунин ба коҳиши назарраси пахншавии $CO_2$ дар атмосфера мусоидат мекунад.

Бо назардошти ин далоил, саҳми назарраси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди Рӯзномаи ҷаҳонии об ва ташаббусҳои глобалии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 14 декабри соли 2022 СММ боз як қатъномаи дигареро таҳти унвони «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» бо иттифоқи оро қабул кард. Иқдоми мазкур бо пуштибонии 153 кишвари узви СММ пазируфта шуда, 21 март – Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо, соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон гардид ва дар назди СММ Бунёди байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряххо таъсис ёфта, соли 2025 доир намудани Конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе ба нақша гирифта шуд. Бинобар ин, роҳбарони ҳайатҳои давлатҳои хориҷа ва созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, ки дар Конференсияи СММ оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ширкат варзиданд, аз ин иқдомҳои наҷиби Эмомалӣ Раҳмон пуштибонӣ намуданд. Аз ҷумла, Дабири кулли СҶО Петтери Таалас оид ба нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати пешниҳодҳои ҷаҳонии марбут об ва пиряххо чунин андешаронӣ менамояд: «*Мо аз Тоҷикистон барои нақши фаъол дар масоили обу пиряххо сипосгузор ҳастем. Моҳи июни*

*соли гузашта аз Душанбе дидан намудам ва бо чашми худ дидам, ки бо пиряххо чӣ рух медиҳад. Ва комилан мефаҳмам, ки Тоҷикистон чаро ин қадар ба масъалаи об ва пиряхҳо таваҷҷуҳ дорад. Пиряхҳои Тоҷикистон манбаи муҳими об ҳастанд ва барои ин давлат ва тамоми Осиёи Марказӣ неру мебошанд. Мо аз Ҳукумати Тоҷикистон ва Президент муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои саҳмашон дар пешбурди масоили обу иқлим, барои конфронси имрӯза ва дигар корҳои анҷомдода сипосгузорем. Шодем, ки ба Тоҷикистон дар ташаббуси навбатиаш оид ба эълони соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо мусоидат менамоем, зеро ин манфиати умумии мост».*

Дар айни замон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пешвои миллат дар арсаи байналмилалӣ ба сифати кишвар ва роҳбари ташаббускор, пешсафу фаъоли ҳалли масоили глобалии вобаста ба истифодаи босамари захираҳои об эътироф гардидаанд. Зеро имрӯз дар олам кишваре ё минтақае нест, ки дар масъалаи нигоҳдорӣ ва истифодаи манобеи об мушкиле надошта бошад ва ба нақши ин сарвати бебаҳои табиат дар рушди устувор аҳамияти махсус надиҳад. Аз ин рӯ, истифодаи оқилона ва истифодаи самараноки об яке аз мушкилоти муҳими на фақат соҳаи кишоварзӣ, балки тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи таҳлилҳои олимон, агар дар шароити имрӯза беш аз 92%-и оби дар хоҷагии халқ истифодашаванда ба соҳаи кишоварзӣ рост ояд, афзоиши ҳарорати ҳаво ба андозаи 1-2°С дар солҳои 2030-2050 талаботи растаниҳоро ба об то 10-15% зиёд мегардонад. Ҳамчунин, айни ҳол қариб 98%-и тамоми заминҳои обёришаванда ба тарзи худҷараёни сатҳӣ обёрӣ карда мешаванд. Вале чунин ба мушоҳида мерасад, ки чунин тарзи обёрӣ аз бисёр ҷиҳат муфид набуда, ба ҳосилнокии зиратҳо таъсири мерасонад. Аз ин рӯ, мушкилоти мавҷудаи марбут ба об ва дурнамои рушди онҳо олимони соҳаҳои гуогунро вазифадор менамояд, ки дар асоси консепсияҳои иқдомҳои глобалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои илмию техникии соҳавӣ ҳалли ин масъалаҳоро илман асоснок пешниҳод намоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ тавъам ба кишвари ташаббускори ғояҳои ҷаҳонии марбут ба обу иқлим, ҳамчун давлати татбиқгари иқдомоти хеш ва иҷрокунандаи уҳдадориҳои байналмилалӣ муаррифӣ гардидааст. Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи сиёсати экологӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ дар заминаи ташаббусҳои байналмилалии Сарвари давлат ислоҳоти соҳаи об, гузариш ба шаклҳои нави идоракунӣ, таъсиси институтҳои нав ва такмили қонунгузории соҳаро ба амал баровардааст. Феълан баҳри ҳалли мушкилоти вобаста ба обу иқлим Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти иқдомҳои ҷаҳонии Президенти кишвар якчанд асноди меъёрию ҳуқуқиро таҷдид ва қабул намудааст, ки дар ҷараёни татбиқ қарор доранд, аз ҷумла *Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон* (2020), қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «*Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов*» (2019), «*Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об*» (2020), барномаҳои «*Беҳтар намудани таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020*», «*Ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025*», «*Азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027*», «*Экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019*», «*Комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020*», «*Оид ба омӯзиш ва нигаҳдории пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030*» ва ҳоказо.

Ҳамин тавр, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Конференсияи оби СММ-2023 оид ба баррасии миёнамуҳлати фарогири татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»-ро дар сатҳи баланд роҳбарӣ ва назорат намуда, дар баробари суханрониҳои асоснок ва пешниҳодоти мушаххас дар маросими пӯшидашавии конференсия аз уҳдадориҳои ба Рӯзномаи амалиёти об воридгардида истиқбол карданд, пайгирии татбиқи васеи онҳоро зарур шумориданд ва дар робита ба ин иброз намуданд: «*Рӯзномаи Амал оид ба об бояд дар се ҳамоиши калидии дарпешистодаи Созмони Милали Муттаҳид, яъне Саммити ҳадафҳои рушди устувор-2023, Саммити Оянда-2024 ва Саммити ҷаҳонӣ оид ба масоили иҷтимоӣ-2025 ва тавассути Форумҳои солонаи сиёсии сатҳи баланд оид ба ҳадафҳои рушди устувор, конфронсҳои ҷонибҳои манфиатдор оид ба масоили иқлим, гуногунии биологӣ, инчунин*

*дигар равандҳои Созмони Милали Муттаҳид ва албатта Раванди оби Душанбе ба таври мушаххас пайгирӣ карда шавад».* Ин иқдоми навбатии Пешвои миллат саривақтӣ буда, ниҳодҳои СММ, институтҳои минтақавию байналмилалӣ ва давлатҳои ҷаҳонро водор менамояд, ки ба мушкилоти марбут ба об боз ҳам бештар мутаваҷҷеҳ шаванд, зеро рушди устувори тамоми соҳаҳои фаъолият аз об вобастагии амиқ дорад. Ҳамчунин, дар доираи платформаи «Раванди оби Душанбе», ки чун дигар институтҳои байналмилалии марбут ба обу иқлим, аз қабили Шурои ҷаҳонии об ва Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим барои пешбурди муколамаву мубоҳисаҳо дар ин самт заминаю шароити мусоиде фароҳам овардааст, мунтазам баргузор намудани конференсияҳои байналмилалии сатҳи баланд аҳамияти бузурги илмӣ, тавсиявӣ ва амалӣ дорад.

## ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА КОНФРОНСҲОИ ИҚЛИМИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД

Яке аз мушкилоти мураккаб, печида ва ҳалталаби экологӣ, ки ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон таъсири манфӣ расонида, барои расидан ба ҲРУ монеа эҷод мекунад, тағйирёбии глобалии иқлим мебошад. Ҳарчанд таъсироти манфии равандҳои мазкур ҳам ҷанбаҳои фаъолият ва ҳам инфрасохторҳои мавҷударо дар тамоми гӯшаю канори сайёра фаро гирифтаанд, вале таъсири онҳо ба захираҳои об аз ҳама бештар зоҳир мегардад. Мушкилоти мазкур алалхусус дар Осиёи Марказӣ, ки об дар ин минтақа на танҳо асоси рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва саноатию энергетикӣ, балки омили муҳими таъмини амнияти миллию минтақавӣ арзёбӣ мегардад, пуршиддат шудааст. Зеро тибқи натиҷаҳои илмӣ, давоми солҳои 1956-1990 захираи пиряхҳои Осиёи Марказӣ беш аз 3 маротиба коҳиш ёфтааст, ки ин ба ҳар соле, ба ҳисоби миёна 0,6-0,8% ва 0,1% кам шудани майдону ҳаҷми яххо баробар аст. Инчунин, мувофиқи маълумотҳо, пиряхҳои ҳудуди Тоҷикистон, ки манбаи асосии дарёҳои ҳавзаи баҳри Арал мебошанд, дар давоми асри пор зиёда аз сеяки ҳаҷми худро гум кардаанд. Зиёда аз ин, ба андозаи 2-3°C боло рафтани ҳарорати ҳавои наздизаминӣ раванди коҳишёбии пиряхҳоро дар тамоми манотиқи кураи арз тақвият бахшида, ба коҳиш ёфтани захираи барф оварда мерасонад. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки аз минбарҳои бонуфузи минтақавию ҷаҳонӣ пайваста густариш ёфтани мушкилоти экологиро таъкид намуда, ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳамкориҳои мутақобилан судманд баҳри ҳалли масоили мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва паст кардани шиддати он даъват менамоянд. Зеро шароити имрӯзаи глобалӣ ва ҳалли мушкилоти мавҷуда на танҳо аз ҳар як кишвар ё созмони минтақавию байналмилалӣ, балки аз ҳар як сокини кураи арз ҷаҳду талошҳои пайвастаю дастаҷамъона ва андешидани тадбирҳои фавриро дар самти коҳиш додани пайомадҳои манфии тағйирёбии иқлим тақозо менамояд.

Маҳз бoназардошти ин нукта ҷомеаи ҷаҳонӣ зарурати дар сатҳи ҷаҳонӣ якҷоя амал намуданро афзал дониста, баҳри коҳиш додани пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқ гардидан ба раванди мазкур устуворона қадам мегузорад. Дар ин самт қадамҳои умедворкунанда қабули Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим ва баргузории конференсияҳои тарафҳои конвенсияи мазкур мебошанд. Маврид ба зикр аст, ки то имрӯз 29 конференсияи тарафҳои (Conference of Parties, COP) Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим доир гардидааст. Ва ҳадафи асосии конференсияи тарафҳо аз баррасии ахбори миллӣ ва кадастри партовҳои аз ҷониби кишварҳо пешниҳодгардида иборат буда, дар асоси ин маълумот тадбирҳои аз тарафи ҷонибҳо қабулшуда ва пешрафт дар самти расидан ба ҳадафи ниҳоии Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим арзёбӣ мегардад. Тавъам ба ин, боз дар ҳар як Конференсияи иқлимӣ ва ё Саммити иқлимӣ (COP) як масъалаи меҳварии ҷадид мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор мегирад. Масалан, натиҷаи ниҳоии COP7 (Марокаш, 2001) тасдиқи механизми тиҷоратии квотаҳои партовҳои газҳои гулхонаӣ ва нақшаи татбиқи он, мавзуи меҳварии COP9 (Милан, 2003) масъалаи кӯмак ба кишварҳои рӯ ба рушд дар масири мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, ҳадафи асосии COP13 (Бали, 2007) қабули харитаи роҳ барои таҳияи созишномаи нав ба ҷойи Протоколи Киото, масъалаҳои меҳварии COP16 (Канкун, 2010) ташкили марказҳои интиқоли технологияҳои «сабз» ва таъсиси Фонди иқлими сабз барои кӯмак ба кишварҳои ба тағйирёбии иқлим осебпазир, ҳуҷҷати натиҷавии COP19 (Варшава, 2013) қабули созишнома оид ба

низоми маблағгузории чорабиниҳо ҷиҳати ҳифзи ҷангалҳои тропикӣ ҳамчун фурӯбарандаи асосии гази карбон ва натиҷаи асосии COP25 (Мадрид, 2019) тасмим дар бораи пешниҳоди гузоришҳои дусола оид ба таносуби фаъолияти кишварҳо бо динамикаи партовҳои $CO_2$ мебошанд.

Аз ин ҷо бармало мегардад, ки вобаста ба масоил ва мавзуоти дар рафти саммитҳои иқлимӣ баррасишуда ва натиҷаҳои аз ҳар конференсия бадастомада хулосабарорӣ гардида, дар асоси онҳо ҳуҷҷатҳое қабул карда мешаванд, ки муҳимтаринашон Протоколи Киото ва СИП мебошанд. Зеро протоколи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати иловагӣ ба Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим ва созишномаи мазкур дар доираи ин конвенсия қабул карда шудаанд. Протоколи Киото 11.12.1997 қабул гардида, 16.02.2005 эътибор пайдо намуд ва СИП 12.12.2015 ба имзо расида, 22.04.2016 мавриди амал қарор гирифт. Маврид ба зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускори ғояҳои ҷаҳонии обу иқлим, дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба беш аз 10 конвенсияи байналмилалии экологӣ ҳамроҳ шудааст. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 7.01.1998 ба Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим ҳамроҳ шуда, санаи 21.10.2008 Протоколи Киото ва санаи 22.04.2016 СИП-ро ба тавсиб расонидааст.

Протоколи Киото созишномаи байналмилалиест, ки баҳри коҳиш додани партови газҳои гулхонаӣ ба атмосфера дар самти мубориза бо гармшавии глобалии иқлим баста шудааст. Ҳадафи асосии он ба эътидол овардани сатҳи консентрат-сияи газҳои гулхонаӣ дар атмосфера то дараҷае мебошад, ки ба таъсири хатарноки антропогенӣ ба системаи иқлимии Замин имкон надиҳад. Протокол ба принсипи масъулиятҳои умумӣ, вале фарққунанда асос ёфтааст. Яъне, он эътироф менамояд, ки кишварҳо дар мубориза бо тағйирёбии иқлим бинобар дараҷаи гуногуни рушди иқтисодӣ қобилияти нобаробар доранд. Аз ин рӯ, Протоколи Киото ба ҳар як кишвар барои партовҳои газҳои гулхонаӣ квота муқаррар намудааст. Агар кишвар нисбат ба квотаи ба он ҷудогардида газҳои гулхонаиро камтар партов намояд, он гоҳ метавонад, ки ҳиссаи боқимондаи худро ба кишвари дигар бифурӯшад ва ба ин васила имкони ихроҷи бештари газҳои гулхонаӣ пайдо намояд.

Протоколи Киото нахустин созишномаи байналмилалӣ дар бораи ҳифзи муҳити зист мебошад, ки ба механизми танзими бозор – механизми тиҷорати байналмилалии квота барои газ-ҳои гулхонаӣ асос ёфтааст. Рафти иҷрои уҳдадориҳои протокол зимни баргузории COP11 (Монреал, 2005), COP12 (Найроби, 2006) ва COP13 (Бали, 2007) баррасӣ гардида, даври аввали амали он солҳои 2008-2012-ро дар бар мегирад. Дар даври дуюм ба он тасҳеҳи Доха (COP18, 2012) илова гардида, ин тасҳеҳро то соли 2019 беш аз 130 давлат қабул карданд. Ҷумҳурии Тоҷик-истон бошад, уҳдадориҳоро ҳамчун кишвари ба Замимаи I вориднагашта ба зимма гирифт.

Дар рафти саммитҳои иқлимӣ доир ба тадбирҳое, ки пас аз анҷоми давраи дуюми уҳдадориҳо (соли 2020) андешида шуданд, зарурати қабули ҳуҷҷати нав – СИП дар соли 2015 ба миён омад. Ин созишнома тасҳеҳ ба Протоколи Киото набуда, созишномае дар доираи Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим аст, ки тадбирҳоро барои коҳиш додани гази карбон дар атмосфера аз соли 2020 ба танзим медарорад. Тибқи моддаи 2, мақсади асосии созишнома «таҳкими татбиқ»-и конвенсияи болозикр, аз ҷумла нигоҳ доштани баландшавии ҳарорати миёнаи глобалӣ хеле кам аз 2°C бар замми дараҷаи тосаноатӣ ва кӯшиши то 1,5°C маҳдуд кардани болоравии ҳарорат мебошад. СИП аз ҷониби 104 узви Конвенсияи СММ оид ба тағйирёбии иқлим, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун ҳуҷҷати ниҳоии COP21 (Париж, 2015) қабул гардид. Дар кори COP21 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуда, аз ҷумла иброз доштанд: «*Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи миллии худро дар ҷавоб ба даъвати Созмони Милали Муттаҳид оид ба муқаррароти созишномаи Париж дар робита ба нигаҳдории ҳарорати миёнаи сайёра баён намуда, дар ин раванд дар доираи Гурӯҳи кории Дурбан ҳамкориҳои дахлдорро ба анҷом расонид*».

Дар ин радиф, лозим ба ёдоварист, ки аз соли 2005 инҷониб, дар рафти конференсияҳои иқлимӣ, ҳамоиши ҷонибҳои Протоколи Киото низ баргузор мегардад. Зеро дар рафти COP11 (Монреал, 2005) пешниҳод гардид, ки ҷиҳати иҷрои муқаррароти протоколи мазкур бояд механизми эътирофи уҳдадориҳои ихтиёрии кишварҳои рӯ ба рушд таъсис дода шавад, то онҳо тавонанд стандартҳоро барои коҳиш

додани партовҳои $CO_2$ мувофиқи манофеии миллӣ ва вазъи иқтисодии худ муайян намоянд. Ҳарчанд пешниҳоди мазкур дар соли 2005 ҷонибдорӣ пайдо накард, вале пас аз таҳлилу муҳокимаҳо дар конференсияҳои баъдӣ, он ба ҳуҷҷати натиҷавии COP15 (Копенҳаген, 2009), яъне ба Созишномаи Копенҳаген ворид карда шуд.

Дар кори COP15 низ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ширкат варзида, зимни суханронии хеш фикрҳои бикру андешаҳоиноберо баён доштанд ва аз ҷумла, ҷонибдории Тоҷикистонро нисбат ба қаубли Созишномаи Копенҳаген чунин изҳор намуданд: «*Тоҷикистон шартҳои асосии созишномаи навро доир ба иқлим, ки маҳдуд ва кам кардани истеъмоли сӯзишвории зеризаминӣ, истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, барқарорсозии ҷангалҳо ва беҳтар гардонидани вазъи истифодаи заминҳоро пешбинӣ мекунад, дастгирӣ менамояд*». Ин мавқеъгирии Пешвои миллат хеле хирадмандона, дурандешона ва дар асоси далелҳои муътамади илмӣ мебошад, зеро ҳанӯз қабл аз баргузории ин конференсия мунозираҳо байни кишварҳои абарқудрат ва рӯ ба рушд оғоз гардида буд. Боназардошти ин ҳолат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронии хеш дар COP15 тағйирёбии иқлим ва пайомадҳои онро дар миқёси глобалӣ, минтақавӣ ва кишвар ҳамаҷониба таҳлил намуда, омодагии Тоҷикистонро дар беҳтар намудани иқлим ва аҳаммияти обанборҳои манотиқи кӯҳиро дар таъмини бехатарии об ва ҳифз аз офатҳои табиӣ хеле бамаврид иброз доштанд: «*Дар шароити норасоии захираҳои обӣ, ки дар Осиёи Марказӣ ба мушоҳида мерасад, онҳо (обанборҳо) дар таъмини амнияти об нақши муҳим мебозанд, инчунин барои пешгирӣ намудани офатҳои марбут ба об, чун обхезӣ ва селҳо мусоидат менамоянд*». Чун таҷрибаи бисёр кишварҳо, алалхусус кишварҳои воқеъ дар манотиқи кӯҳӣ собит намудааст, ки роҳи асосии пешгирӣ аз офатҳои табиии марбут ба об ва инчунин, ҳифзи экосистемаҳо бунёди обанборҳо мебошад. Зеро сохтмони обанборҳо дар шароити кӯҳсор, назар ба ноҳияҳои ҳамвор хароҷоти зиёдро талаб намекунад, инчунин самаранокии экологӣ-иқтисодии хеле баланд дорад ва ҳамзамон, дар радифи истеҳсоли неруи барқи аз нигоҳи экологӣ тоза, эрозияро кам мекунад, экосистемаҳоро ҳифз менамояд ва дар шароити

камобӣ ягона роҳи пешгирӣ аз буҳрони энергетикию хушксолӣ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи миллии худро дар ҷавоб ба тамоми даъватҳои СММ, ки пас аз саммитҳои иқлимӣ қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд, аз ҷумла ҷиҳати иҷрои қарорҳои СОР19 (Варшава, 2013) ва СОР20 (Лима, 2014) саҳми дар сатҳи миллӣ муайяншударо пешниҳод кардааст. Минҷумла, дар саҳми муайяншуда дар сатҳи миллии Тоҷикистон оид ба коҳиши партови газҳои гулхонаӣ ва таъсиррасонӣ ба системаи иқлими сайёра омадааст: то соли 2030 партови газҳои гулхонаӣ аз 80-90% сатҳи соли 1990 зиёд набуда, дар эквиваленти $CO_2$ ба сари ҳар нафар 1,7-2,2 тоннаро ташкил медиҳад. Ҳарчанд кишвари мо дар партови газҳои гулхонаӣ дар миқёси минтақаю ҷаҳон саҳми ночиз дорад, вале ба тағйирёбии иқлим бағоят осебпазир аст. Дар ин маврид Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш мефармоянд: «*ҳарчанд ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ ба муҳит дар миқёси олам ночиз мебошад, аммо кишвари мо дар масъалаи тағйирёбии иқлим яке аз давлатҳои осебпазир ба ҳисоб меравад ва соҳаҳои асосии иқтисодиёти Тоҷикистон бо пайомадҳои манфии вобаста ба тағйири иқлим рӯ ба рӯ гардидаанд*». Бо вуҷуди ин, Ҳукумати кишвар ҷиҳати коҳиш додани партови газҳои гулхонаӣ ва паст намудани шиддати таъсири манфии тағйирёбии иқлим тадбирҳои мушаххас ва амалӣ меандешад. Агар ба маълумотҳои оморӣ назар намоем, Тоҷикистон аз ҷиҳати партови газҳои гулхонаӣ то солҳои 90-уми асри XX дар зинаҳои 80-ум қарор дошт.

Бо дастуру ҳидоядҳои бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати ҷумҳурӣ пайваста саҳми миллиро барои тадбирҳои ба ҳалли масоили тағйирёбии иқлим равонагардида таҳия намуда, дар доираи уҳдадориҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим чор Ахбори миллӣ доир ба тағйирёбии иқлим (2002-2003, 2008, 2014, 2022), Нақшаи миллии амал оид ба коҳиш додани тағйирёбии иқлим (2003), Гузориши якуми дусола оид ба бақайдгирии газҳои гулхонаиро (2018) ба тавсиб расонида, се стартегия – Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030, Стратегияи

миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037-ро қабул ва амалӣ намудааст. Ин нуктаро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти COP27 (Шарм-аш-Шайх, 2022) хеле хуб баён намуданд: «*Дар як муддати нисбатан кутоҳ мо тавонистем дар Тоҷикистон чанде аз санадҳои стратегиро дар ин самт таҳия карда, уҳдадориҳои худро дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ иҷро намоем. Қабули Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим барои давраи то соли 2030, ҳамзамон Саҳми дар сатҳи миллӣ муайяншуда, Гузориши чоруми миллӣ оид ба тағйирёбии иқлим ва Гузориши дусола оид ба газҳои гулхонаӣ аз ин шаҳодат медиҳад*».

Аз ин ҷо аён аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, хосса Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба омилҳои тағйирёбии иқлим, пайомадҳои он ва дигар масоили экологӣ эътибор ҷиддӣ зоҳир намуда, ҷиҳати ҳалли ин мушкилот қадамҳои муҳим мегузоранд ва тамоми кӯшишро баҳри паст кардани оқибатҳо ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим равона намудаанд. Маҳз бо ин мақсад, Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварӣ ва роҳнамоии Пешвои миллат барои ҳалли масоили минтақавию глобалии марбут ба обу иқлим дар заминаи арзёбиҳои воқеӣ ва арзишҳои дақиқи илмӣ иқдомҳои бузургеро пайгирӣ намуда, давоми солҳои соҳибистиқлолӣ ба беш аз 10 конвенсияи байналмилалии экологӣ ҳамроҳ гардида, уҳдадориҳои худро дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ саривақт иҷро менамояд ва дар масири мубориза ба тағйирёбии иқлим саҳми назаррас мегузорад. Бо мақсади арҷгузорӣ ба хидматҳои ҷаҳонии Перезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз COP26 (Глазго, 2021) оғоз карда, дар саммитҳои иқлимӣ Павилиони миллии Тоҷикистон ташкил карда мешаванд, ки эътирофу эътибори миллату меҳани дар арсаи байналмилалӣ низ мебошад.

Зеро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми нишасту вохӯриҳои сатҳи баланд, минҷумла конференсияву симпозиумҳои минтақавию байналмилалии марбут ба мушкилоти обу иқлим бо нутқи илман асосноку каломи баландмазмун маърӯза намуда, ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷуда ва мавзуоти баррасишаванда пешниҳоду тавсияҳои

мушаххас баён менамоянд. Зимни баргузории COP29 (Боку, 2024) баҳри татбиқи амалии ташаббуси муштараки ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Фаронса, яъне «Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера, солҳои 2025-2034» ва бо мақсади омӯзишу пажӯҳиши ҳамаҷонибаю амиқи таъсири равандҳои тағйирёбии иқлим ба ҳолати пиряххо, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки таҳти сарпарастии Созмони ҷаҳонии метеорологӣ дар Душанбешаҳр Маркази ҳамоҳангсозии минтақавӣ оид ба яхшиносӣ таъсис дода шавад. Зеро бо тақвияту густариш ёфтани равандҳои тағйирёбии илқим, пиряхҳо, ки дар маҷмуъ, 75%-и захираҳои оби тозаро ташкил медиҳанд, босуръат таназзул меёбанд. Бинобар ин, барои ҳалли ин масъалаи бағоят муҳими глобалӣ чораҳои қатъӣ, амалҳои фаврӣ ва дастҷамъонаи ҷомеаи ҷаҳонӣ хеле зарур аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар пешниҳоди ғояҳои ҷаҳонии марбут ба об ва ҳам дар масири мубориза ба тағйирёбии иқлиму коҳиш додани пайомадҳои манфии он давлати пешсаф мебошад, зеро ба таъбири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «*кишвари мо мавзуъҳои вобаста ба захираҳои об, истифодаи оқилона ва самараноки онҳо, инчунин ҳифзи пиряхҳоро, аз авлавиятҳои сиёсати давлатии худ муайян кардааст*».

## САҲМИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПЕШБУРДИ ҲАДАФИ ШАШУМИ РУШДИ УСТУВОР

Табиист, ки захираҳои об муҳаррики бунёдию асосии рушди устувор маҳсуб ёфта, барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, истеҳсоли неруи барқ, маҳсулоти ғизоӣ, солимии экосистемаҳо ва пойдории ҳаёти инсон хеле муҳиманд. Ҳамчунин, захираҳои об дар меҳвари масири мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим қарор дошта, муҳимтарин омили пайвандгари ҷомеа ва муҳити зист мебошанд. Аз дидгоҳи аҳамият барои ҳаёти инсон, обро аз беҳдошт (санитария) ҷудо кардан ғайриимкон буда, об ва беҳдошт дар якҷоягӣ барои коҳиш додани бемориҳои мухталиф дар миқёси ҷаҳонӣ, беҳтар намудани саломатӣ ва инчунин, рушди маориф ва иқтидори истеҳсоли иқтисодӣ аҳамияти бағоят муҳим доранд.

Аз ин ҷост, ки зимни қабули 17 ҳадафи ба ҳам алоқаманди ҲРУ аз ҷониби Маҷмаи Умумии СММ, ҳадафи VI-ум (SDG 6)

«*Таъминоти дастрасӣ ва идоракунии устувори захираҳои об ва беҳдошт барои ҳама*» унвон гирифт. Ҳадафи VI-уми рушди устувор ба таъмини оби нӯшокии бехатар ва хидматрасонии беҳдоштӣ барои тамоми кишварҳои ҷаҳон бо таваҷҷуҳ ба идоракунии устувори захираҳои об, обҳои партов ва экосистемаҳо, эътирофи аҳамияти муҳити солим нигаронида шудааст. Сарфи назар аз пешрафти назаррас дар таъминоти дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ ва беҳдошт, ҳанӯз ҳам миллиардҳо нафар одамон, асосан сокинони деҳот аз хидматрасониҳои беҳдоштӣ маҳруманд. Мувофиқи маълумоти «СММ – захираҳои об», аз ҳар се нафар сокини кураи арз як нафар ба оби тозаи нӯшокӣ дастрасӣ надорад ва аз панҷ нафар ба ду кас таҷҳизоти одии дастшӯйӣ бо собун ва об намерасад. Бинобар ин, ҳисоб карда шудааст, ки барои расидан ба SDG 6 то соли 2030 дар миқёси ҷаҳонӣ 112 млрд доллари ИМА сармоягузории солона лозим аст.

Ҳамзамон, арзёбии муштараки СҶТ ва ЮНИСЕФ нишон медиҳад, ки дар соли 2022 беш аз 2,2 млрд нафар аҳолии сайёра ба оби нӯшокии тоза дастрасӣ надошта, 3,5 млрд нафар одамон аз санитарияи бехатар маҳруманд. Дар баробари ин, тибқи маълумоти «СММ – захираҳои об», зиёда аз 4,2 млрд нафар аҳолии ҷаҳон ба шароитҳои бехатари санитарию гигиенӣ дастрасӣ надоранд. Тавъам ба ин, аз рӯйи омори Бонки ҷаҳонӣ дар соли 2023, қариб 2 млрд нафар аҳолӣ бевосита аз муассисаҳои тиббие истифода мебаранд, ки аз ин миқдор 771 млн нафари онҳо аз оби нӯшокӣ амиқан танқисӣ мекашанд. Зиёда аз ин, мувофиқи иттилои СММ ~2 млрд нафар сокинони сайёра дар кишварҳое умр ба сар мебаранд, ки ҳамеша ба норасоии об дучор мешаванд.

Маҳз бо мақсади бартараф намудани мушкилоти болозикр ва дигар масоили ҳалталаби марбут ба обу иқлим рӯйи кор омадани иқдомҳои ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амри зарурию воқеӣ буда, қадами бунёдию муҳим дар роҳи расидан ба рушди устувор маҳсуб мешаванд. Дар меҳвари ҳама ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат – Соли байналмилалии оби тоза (2003), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015», Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (2013), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-

2028», Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо (2025), Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера (солҳои 2025-2034) ва Таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи захираҳои об ва тағйирёбии иқлим барои рушди устувор дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором (25.04.2025) ҳалли масоили миқёси ҷаҳонидошта, ҳифзи табиати сайёраи Замин ва беҳдошту солимии инсон қарор дорад. Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди масоили марбут ба ҳадафи VI-уми рушди устувор саҳми хеле назаррас дошта, ҳамчун кишвари пешгом ва татбиқгари SDG 6 шинохта шудааст. Аз ин ҷост, ки пас аз қабули ҲРУ дар соли 2015, нахустин Симпозиуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Ҳадафи VI-уми рушди устувор маҳз дар Душанбешаҳр (9-11.08.2016) баргузор гардид ва дар кори он Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуданд. Пешвои миллат зимни суханронии хеш доир ба аҳамияти ҳадафи болозикр ибрози андеша намуда, таъкид карданд, ки SDG 6 дар баробари зарурати таъминоти дастрасӣ ба оби нӯшокӣ ва беҳдошт, масъалаҳои сифати об, истифодаи самараноки он, роҳандозии мудирияти муштараки захоири об, ҳифзи экосистемаи об, инчунин тавсеаи ҳамкорӣ дар соҳаи обро дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, ҳадафи VI-уми рушди устувор зерҳадафҳоеро, ба монанди оби нӯшокӣ (ҳадафи 6.1.1), беҳдошт (6.2.1a), гигиена (6.2.1b), оби партов (6.3.1), сифати об (6.3.2), идоракунии захираҳои об (6.5.1), ҳамкориҳои фаромарзӣ (6.5.2), экосистемаҳо (ҳадафи 6.6.1) ва ғайра фаро мегирад.

Тибқи арзёбии «СММ – захираҳои об», 80% обҳои партов бидуни коркард ба экосистема бармегардад ва инчунин, аз се ду ҳиссаи дарёҳои фаромарзӣ механизми идоракунии ҳамгироишуда надоранд. Бо назардошти ин мушкилот, Президенти Тоҷикистон ҳамгироии SDG 6-ро бо дигар ҲРУ муайян карда, пайваста ҷаҳду талош намуданд, то мудирияти муштараки захираҳои об дар Рӯзномаи ҷаҳонии рушд мавқеи муайянеро касб намояд. Албатта, Пешвои миллат дар ин самт низ комёб гардиданд, зеро моҳияти иқдомҳои байналмилалии Сарвари давлати тоҷикон бархоста аз ин мушкилотанд ва ҳадафи асосии онҳоро ҳалли масъалаҳои марбут ба об, иқлим ва экология такшил медиҳад. Аз ҷумла, тавъам ба ғояҳои дурандешонаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳисобҳои муштараки СҶТ ва ЮНИСЕФ тасдиқ менамоянд, ки дар сурати таъмини дастрасӣ

ба оби тозаи нӯшокӣ ва беҳтар гардонидани хадамоти беҳдоштӣ инсоният метавонад аз марги ~400 000 кӯдаки то 5-сола аз бемориҳои дарунравӣ пешгирӣ намояд.

Ин арқом ва дигар далелҳои илмӣ бармало нишон медиҳанд, ки аҳдофу натоиҷи татбиқи ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат ба омори расмии ниҳодҳои бонуфузи байналмилалӣ ва натиҷаҳои илмии тадқиқотии олимону коршиносони ҷаҳонӣ тавъам меоянд. Минҷумла, андешидани тадбирҳои амалӣ дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015», ки ташаббуси дуюми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об мебошад, ба ~1,3 млрд нафар аҳолии кишварҳои рӯ ба рушд ҷиҳати пайдо кардани дастрасӣ ба оби нӯшокӣ ва суръат бахшидан ба рушди беҳдоштӣ мусоидат намуд. Дар баробари ин, агар нахустин Конфронси СММ оид ба захираҳои об (соли 1977) қабл аз Даҳсолаи байналмилалии таъмини оби нӯшокӣ ва беҳдошт (солҳои 1981-1990) баргузор гардида бошад, баъд аз гузашти 46 сол дуюми Конфронси СММ оид ба захираҳои об (соли 2023), маҳз дар доираи ташаббуси ҷаҳонии Пешвои миллат – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» доир гардид, ки дар фарҷоми он Рӯзномаи ҷаҳонии об қабул карда шуд. Рӯзномаи мазкур уҳдадориҳои ихтиёрии кишварҳо ва ҷонибҳои манфиатдорро ҷиҳати ноил гардидани ба ҲРУ, алалхусус ҳадафи VI-уми рушди устувор ва дигар аҳдофи марбут ба об ифода менамояд.

Мусаллам аст, ки дастрасӣ ба оби нӯшокии тоза ва беҳдошт ва инчунин, идоракунии устувори экосистемаҳои оби тоза барои саломатии инсон, устувории муҳити зист ва рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ хеле муҳим аст. Зеро тибқи омори расмии СММ, беш аз 40%-и аҳолии ҷаҳон аз норасоии об азият мекашанд ва интизор меравад, ки афзоиши буҳронҳои экологӣ, чун мушкилоти тағйирёбии иқлим вазъияти мавҷуда боз ҳам бадтар мешавад. Ҳамчунин, айни замон, зиёда аз 1,7 млрд нафар одамон дар ҳавзаи дарёҳое зиндагӣ мекунанд, ки дар ин ноҳияҳо талабот ба об аз имконоти захирашавии он хеле зиёд аст. Дар баробари ин, мушкилоти тағйирёбии иқлим ва норасоии захираҳои об, масъалаҳои иҷтимоиро боз ҳам мураккабтар мегардонад, яъне дар 80% хонаводаҳое, ки ба об дастрасӣ надоранд, занону духтарон масъули захиранамоии об

мебошанд. Аз ин рӯ, ҳалли масоили марбут ба SDG 6 ва дигар ҲРУ яке аз мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, тавре Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар Мубоҳисаҳои умумии иҷлоси 78-уми Маҷмаи Умумии СММ (20.09.2023) иброз доштанд: «*Тоҷикистон низ зимни татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор ба мушкилоти алоҳида дар самти ҳадафҳои 1, 7, 12 ва 13 рӯ ба рӯ гардидаст*». Дар баробари ин, оқибатҳои манфии равандҳои тағйирёбии иқлим, ба монанди хушксолӣ, ҳарорати баланд, обхезӣ, ярч, тарма ва сӯхтор дар манотиқи мухталифи ҷаҳон, алалхусус дар Тоҷикистон аз падидаҳои хеле нигаронкунанда мебошанд, ки барои ноил гардидан ба ҲРУ халал ворид менамоянд.

Бо назардошти мураккабию печидагии мушкилоти ба обу иқлим, аз ҷумла масоили марбут ба SDG 6, Пешвои миллат зимни суханронии худ дар Симпозиуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Ҳадафи VI-уми рушди устувор иброз доштанд, ки бояд ҷомеаи ҷаҳонӣ дар баробари баррасии масъалаҳои алоқаманд ба татбиқи ҳадафи мазкур, инчунин ба таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба захираҳои об, ки метавонад кӯшишҳои кишварҳоро дар самти расидан ба ҲРУ халалдор намояд, афзоиши демографӣ дар миқёси сайёра ва ниёзмандии рӯзафзун ба захираҳои об, ба инобат гирифтани баробарии гендерӣ дар идоракунии захоири об ва ҳамкории фаромарзӣ дар соҳаи об ҳамчун як омили меҳварии таъмини сулҳу субот ва рушд таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намояд. Чунки мувофиқи омори Идораи СММ оид ба коҳиши офатҳои табиӣ, 90% офатҳои табиӣ, аз қабили обхезӣ ва хушксолӣ, маҳз ба об вобаста буда, аз миқдори умумии бар асари офатҳои табиӣ фавтидагон, 70%-аш ба ҳиссаи обхезӣ ва дигар офатҳои марбут ба об рост меояд. Дар шароити кунунӣ, ҳамарӯза тақрибан ҳазор кӯдак аз бемориҳои пешгиришавандаи дарунравӣ, ки дар натиҷаи бад будани сифати об ва паст будани шароити санитарӣ ба вуҷуд меоянд, мефавтад.

Бинобар ин, дар Рӯзномаи ҷаҳонии рушди устувор барои давраи то соли 2030 ва инчунин, Рӯзномаи ҷаҳонии об тамоми кишварҳои ҷаҳон уҳдадор шудаанд, ки бо истифода аз маҷмӯи нишондиҳандаҳои глобалӣ, нақшаи рушди миллиро ҷиҳати расидан ба ҲРУ, аз ҷумла SDG 6 мунтазам пайгирӣ ва баррасӣ намоянд. Масалан, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини

татбиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, ҷиҳати ноил гардидан ба ҲРУ ва инчунин иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии кишвар оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар соҳаи об, «*Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040*»-ро (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2024, №627) қабул намуд, ки дар раванди татбиқ қарор дорад. Арзёбӣ карда шудааст, ки барои рушди бахши таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар Тоҷикистон ҳамасола ҳудуди 220 млн доллар сармоягузорӣ лозим аст ва ин аз мизони феълии тамоми сармоягузорӣ ба бахши об ба маротиб бештар мебошад.

Вале хатари обшавии босуръати пиряххо, баландшавии сатҳи оби дарёҳо, тағйирёбии глобалии иқлим ва дигар мушкилоти марбут ба обу иқдим вазъи мавҷударо боз ҳам бадтар мегардонад ва аз ин рӯ, ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки баҳри ҳалли масоили марбут ба ин масъалаҳои ҳамкорӣ ва муколамаи созанда пеша намояд. Ва албатта, дар ин масир мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор ва Сарвари он, пешвои воқеӣ дар ҳифзи саломатии башар ва таъмини рушди устувор хеле возеҳу равшан аст, ки Пешвои миллат зимни суханронии хеш дар Мубоҳисаҳои умумии иҷлосияи 78-уми Маҷмаи Умумии СММ ба ин нукта хеле хуб ишора намуданд: «*Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор дар Рӯзномаи глобалии об ва иқлим ҷиҳати рушди ҳамкориҳо миёни кишварҳо ва созмонҳо минбаъд низ талош хоҳад кард*».

Албатта, яке аз сарватҳои бузургу бебаҳои меҳвани мо захираҳои об буда, тибқи Оинномаи СММ ва муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳақ дорад, ки захираҳои табиии худ, аз ҷумла обро барои таъмини рушди устувори кишвар ва шароити зиндагии шоистаи мардум истифода барад. Хушбахтона, Тоҷикистон ин ҳуқуқҳоро дар асоси манофеи минтақавӣ бо такя ба принсипҳои ҳамсоягии нек, эҳтиром ва ба назар гирифтани манфиатҳои воқеии тарафайн, муколама ва ҳамкорӣ дар ҳалли мушкилоти бамиёномада амалӣ намуда, ҳамчун манбаи асосии ташаккули захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал ҷиҳати бо об таъмин намудани минтақа монеа эҷод намекунад. Тавъам ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари ташаббускори ғояҳои ҷаҳонии обу иқлим, пешгому пешоҳанги

баррасии рӯзномаҳои глобалии обу иқлим ва иқдомкору татбиқгари ҲРУ, алалхусус ҳадафи VI-уми рушди устувор, ҷиҳати ҳифзи боз як унсури бағоят ҳассосу муҳимми табиати сайёра – пирях, пешниҳод карданд, то Стратегияи глобалии ҳифзи пиряхҳо таҳия карда шавад.

## НАҚШИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР ТАЪМИНИ ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОР

Боиси хушнудӣ ва саодати бузурги ҳар тоҷику тоҷикистонист, ки бо ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зимни баргузории ҷаласаи Маҷмаи Умумии СММ (25.07.2025), лоиҳаи қатъномаи «*Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ*» бо иттифоқи оро қабул гардид. Маврид ба зикр аст, ки ин иқдом аз ҷониби Пешвои миллат ҳанӯз 24 сентябри соли 2024 зимни суханрониашон дар мубоҳисаҳои умумии иҷлоси 79-уми Маҷмаи Умумии СММ пешниҳод гардида буд. Ва бидуни муболиға, ин ташаббус аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ чун иқдоми навоваронаю дурбинона арзёбӣ гардида, аҳамияти истифодаи технологияҳои муосирро дар самти таъмини рушди устувор, амнияти иттилоотӣ ва пешбурди илму техника таъкид менамояд.

Ташаббус оид ба «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» чун дигар иқдомҳои беназири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба захираҳои об, тағйирёбии иқлим ва ҳифзи пиряхҳо аҳамияти бузурги минтақавӣ ва байналмилалӣ дорад. Аз ин рӯ, иқдоми мазкур бо бархурдорӣ аз пуштибонии якдилонаи кишварҳои узви СММ дар роҳи бунёди ризояти ҷаҳонӣ доир ба истифодаи бехатар ва бар ахлоқ асосёфтаи зеҳни сунъӣ, минҷумла рушди механизмҳои худтанзимнамоӣ ва мудирияти масъулиятноки технологияҳои зеҳни сунъӣ дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ қадами устувору муҳим мегузорад. Зеро дар даврони муосир, зеҳни сунъӣ ба унвони яке аз муҳаррикҳои асосии пешрафти илмӣ ва иқтисодӣ дар саросари ҷаҳон пазируфта шуда, ин технология на танҳо соҳаҳои техникӣ, балки равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва маъмуриро низ тағйир медиҳад.

Айни замон аксар давлатҳои мутараққӣ ва инчунин, рӯ ба рушд низ ба пажӯҳишу сохтани зеҳни сунъӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд ва барои пешбурди соҳаҳои мухталифи фаъолият ва иҷрои корҳо дар соҳаи зеҳни сунъӣ дар бисёре аз кишварҳои пешрафта як қатор марказҳои бузурги илмию тадқиқотӣ фаъолият доранд. Масалан, дар ИМА Институти технологии Массачусетс ва Институти тадқиқотии машинаи зеҳнӣ, дар Олмон Маркази олмонии тадқиқотӣ оид ба зеҳни сунъӣ, дар Ҷопон Институти миллии муосири илми истеҳсолӣ ва технология, дар Россия Институти системаҳои кибернетикии зеҳнӣ ва Институти тадқиқоти пешқадам оид ба масоили зеҳни сунъӣ ва системаҳои зеҳнӣ ва дар дигар давлатҳо дигар марказҳои илмию тадқиқотӣ ба масоили марбут ба зеҳни сунъӣ машғуланд. Дар баробари ин, яке аз механизмҳои татбиқи амалии ташаббуси навбатии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба зеҳни сунъӣ, бо фарқ аз муассисаҳои илмию тадқиқотии болозикр, таъсиси Маркази минтақавии зеҳни сунъӣ дар шаҳри Душанбе мебошад. Яъне, агар муассисаҳои илмии болозик танҳо ба як кишвар тааллуқ дошта бошанд, пешниҳоди Пешвои миллат оид ба таъсиси марказ хусусияти минтақавӣ дошта, ба ҳамоҳангсозии раванди татбиқи барномаҳои муштараки марбут ба зеҳни сунъӣ дар Осиёи Марказӣ мусоидат менамояд.

Маврид ба зикр аст, ки дастоварду натиҷаҳои муассисаҳои болозикр ва дигар марказҳои илмии соҳавӣ ва амсиласозиҳои гуногун нишон медиҳанд, ки дар раванди бошитоби рушди илму техника ва пешрафтҳои инсонӣ дарояндаи наздик нуқтаи ҷаҳиш, яъне сингулярнокӣ ҷой дорад ва он асосан сингулярнокии техникӣ мебошад. Бинобар ин, аксар ояндanигарон (футурологҳо) як вақтро барои фаро расидани чунин нуқтаи ҷаҳиш дар пешрафти инсоният пешниҳод менамоянд. Омили асосии мусоидаткунанда барои гузариши сифатии ҷаҳишнок албатта сохтани зеҳни сунъии баландҳиссиёт, худтақвиятдиҳандаи зеҳни сунъӣ ва зеҳни сунъии худидорашаванда аст.

Маҳз бо назардошти аҳамияти рӯзафзуни зеҳни сунъӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шахсияти ташаббускори ғояҳои ҷаҳонӣ, лоиҳаи қатъномаи махсусро таҳти унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар

Осиёи Марказӣ» ба СММ пешниҳод намуданд. Ин иқдом аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирии ҳамаҷониба пайдо намуда, қатъномаи махсуси СММ бо иттифоқи оро қабул гардид. Албатта, қатъномаи мазкур баёнгари мавқеи устувори Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ ва нақши фаъоли Сарвари давлати мо дар андешидани тадбирҳои амиқ баҳри пешрафти соҳаҳои фаъолияти инсон, ҳифзи саломатии башар, мубориза бо мушкилоти глобалии экологӣ, таъмини аҳолии сайёра бо оби тозаи нӯшокӣ, ҳифзи экосистемаи кураи арз ва рушди техникаю технологияи муосир ва истифодаи оқилонаи онҳо низ мебошад. Зеро татбиқи оқилона ва фарогири зеҳни сунъӣ метавонад ба табдилёбии куллии равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ на танҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, балки тамоми давлатҳои ҷаҳон мусоидат намояд. Ва бо таъмини ҳамкории минтақавӣ, ташкили инфрасохтори рақамӣ ва баланд бардоштани дониши аҳолӣ оид ба техникаю технологияи муосир, кишварҳои минтақа метавонанд аз имконоти зеҳни сунъӣ самаранок истифода намуда, дар масири рушд қадамҳои устувор гузоранд.

Зеҳни сунъӣ (*Artificial intelligence*) чун воситаи пуриқтидор барои суръат бахшидан ба пешрафт дар таъмини ҲРУ хидмат менамояд, ки ба истифодаи муносиби захираҳо, таҳлили маълумот ва навоварӣ мусоидат мекунад. Зеҳни сунъӣ аз ҷумла омӯзиши мошинӣ, таҳлили маълумоти зиёд ва таҳлили пешгӯйӣ, имконоти назаррас барои ҳалли ин ҳадафу вазифаҳо пешниҳод мекунад. Мувофиқи гузориши маҷаллаи машҳури Nature (соли 2020), ки соли 2025 навсозӣ шудааст, зеҳни сунъӣ метавонад аз 169 нишондиҳандаи ҲРУ ба ноилшавии 134 ҳадаф мусоидат намояд. Дар баробари ин, метавонад, ба 59 нишондиҳандаҳои ҲРУ метавонад монеа шавад. Бо вуҷуди ин, тибқи Гузориши СММ оид ба ҲРУ (соли 2025), зеҳни сунъӣ аллакай истифодаи муносиби энергияро таъмин намуда, ташхиси тиббиро беҳтар мегардонад ва биоравнақиро назорат мекунад. Бинобар ин, дар замони муосир зеҳни сунъӣ ҳамчун воситаи асосӣ барои ҳалли мушкилоти глобалӣ, аз ҷумла рушди устувор шинохта шудааст. Бо назардошти ин нукта Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронии хеш дар ҷаласаи 79-уми Маҷмаи Умумии СММ (24.09.2024) иброз доштанд, ки «*Технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ барои ноил*

*шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор заминаи муносиб ба шумор меравандж*».

Маврид ба зикр аст, ки зеҳни сунъӣ баробар бо рушди техникаи ҳисоббарор ҳамчун соҳаи илмӣ аз солҳои 50-уми асри пор инкишоф ёфта, айни замон дар самтҳои омӯзиши мошинӣ, шабакаҳои нейронӣ ва коркарди маълумотҳои бузург истифода мешавад. Яъне, зеҳни сунъӣ қабл аз ҳама илм ва технологияи сохтани дастгоҳҳои зеҳнӣ, махсусан барномаи компютерҳои зеҳнӣ (1) ва хусусияти системаҳои зеҳнии иҷрои функсияи эҷодӣ, ҳамчун инсони анъанавии комилҳуқуқ (2) мебошад. Ҳарчанд зеҳни сунъӣ ба масоили истифодаи компютерҳо барои фаҳмиши зеҳни инсонӣ алоқаи зич дорад, вале усулҳои ҳақиқатмонанди биологиро маҳдуд намегардонад. Тавъам ба ин, ташаббуси навбатии Пешвои миллат оид ба зеҳни сунъӣ механизмҳои асосии истифодаи муассири технологияҳои марбут ба онро барои таъмини рушди устувор дар Осиёи Марказӣ муайян намуда, ба таъсиси низомҳои бехатар, боэътимод ва боварибахши зеҳни сунъӣ мусоидат менамояд.

Дар вобастагии рушди устувор низ зеҳни сунъӣ ба аҳдофи 9 (навоварӣ ва инфрасохтор) ва ҳадафи 13 (ҳифзи иқлим) ҲРУ робитаи зич дошта, моделҳои он барои пешгӯии офатҳои табиӣ ва истифодаи муносиби кишоварзӣ аҳамияти бузург доранд. Дар Осиёи Марказӣ, ки минтақаи дорои захираҳои фаровон ва мушкилоти муштарак, чун тағйирёбии иқлим ва нобаробарии ҷойгиршавии захираҳо мебошад, истифодаи зеҳни сунъӣ имконоти навин фароҳам меоварад. Мушкилоти минтақавие, чун идоракунии захираҳои об, ки Тоҷикистон дар ҳалли он пешгом аст, бо мусоидати зеҳни сунъӣ метавонад роҳҳалҳои дигаре низ пайдо намояд. Аз ин рӯ, бо таваҷҷуҳ аз ташаббуси навбатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи амалии он, тавъам ба меҳани мо давлатҳои дигари минтақа кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, бо мақсади рушди зеҳни сунъӣ стратегияву (Узбекистон), консепсия (Қазоқистон) қабул намуда, марказҳои инноватсионӣ (Қирғизистон) таъсис доданд.

Мувофиқи маълумоти Гузориши ҷаҳонии рушди устувор (соли 2025), пешрафт дар таъмини ҲРУ камтар аз 50% буда, бо ақибмонӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд оварда расонидааст. Бо мақсади таъмини ҲРУ, истифодаи зеҳни сунъӣ метавонад дар мониторинг ва амалисозӣ тавассути таҳлили маълумот барои

пешгӯии тамоюлҳо ва истифодаи муносиби захираҳо ҳамроҳ шавад. Минҷумла, дар масири мубориза бо камбизоатӣ ва гуруснагӣ (ҲРУ 1, 2) зеҳни сунъӣ дар асоси таҳлили маълумоти моҳворӣ минтақаҳои осебпазирро муайян намуда, тақсимоти кӯмакро муносиб мегардонад. Фарзи мисол, дар Африқо зеҳни сунъӣ хушксолиро пешгӯӣ намуда, ба деҳқонон барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ то 20-30% кӯмак менамояд. Дар бахши тандурустӣ (ҲРУ 3) ташхисро беҳтар карда, мисли моделҳо барои муайян кардани саратони пӯст ва коҳиш додани марг дар кишварҳои рӯ ба рушд мусоидат менамояд. Дар самти таълим (ҲРУ 4) бошад, аз платформаҳои фардӣ, ба монанди омӯзиши мутобиқшаванда, ки дар минтақаҳои дурдаст дастрас аст, баҳра мегирад. Баробарии гендерӣ (ҲРУ 5) низ тавассути таҳлили маълумот оид ба табъиз ва хушунат нисбат ба бонувон муайян карда мешавад. Энергияи тоза (ҲРУ 7) тавассути истифодаи муносиби шабакаҳо ва нигоҳдории пешгӯйӣ тақвият меёбад, ки талафоти онро то 15% коҳиш медиҳад. Дар самти навоварӣ ва инфрасохтор (ҲРУ 9) бошад, зеҳни сунъӣ коркардҳои навро вусъат бахшида, хизматрасониҳои шаҳрҳои ҳушмандро баланд мебардорад. Коҳиши нобаробарӣ (ҲРУ 10) тариқи зеҳни сунъӣ дар хизматрасонии молиявӣ ба даст меояд, ки қарзҳоро ба гурӯҳҳои маргинализатсияшуда пешниҳод мекунад. Дар шаҳрҳои устувор (ҲРУ 11) идоракунии партовҳо ва самаранокии энергетикиро муносиб мегардонад. Зеҳни сунъӣ тариқи дронҳо мушкилоте, чун партовҳо ва ширкори ғайриқуонуниро дар масири ҳифзи укёнусҳо ва замин (ҲРУ 14, 15) таъмин мекунад. Тавассути таҳлили таҳлили низоъҳо ва ҳамкории байналмилалӣ зеҳни сунъӣ метавонад дар дар таъмини сулҳ ва шарикӣ (ҲРУ 16, 17) саҳмгузор бошад.

Аз ин ҷо бармало мегардад, ки зеҳни сунъӣ дар таъмини ҲРУ нақши бағоят муҳим дошта, якҷоя бо илмҳои нейрофизиология, психологияи когнитивӣ ва эпистемология як соҳаи ҷадиди илми умумиро ба вуҷуд меоранд, ки когнитология ном дорад. Қабл аз ҳама улуми дигар дар пешрафти зеҳни сунъӣ нақши меҳвариро фалсафа мебозад, зеро масоили зеҳни сунъӣ ба эпистемология, яъне илм оид ба дониш дар доираи фалсафа робитаи зич доранд. Аз нигоҳи техникӣ бошад, зеҳни сунъӣ аз миқдори транзисторҳо дар кристалл, зичии транзисторҳо, зудии кор, маҷмӯи коричронамоии микропротсессорҳо оғоз

мегардад. Ва тибқи ҳисобҳо, тӯли беш аз 50 соли охир миқдори транзисторҳо дар чип ҳар 1,5 сол ду маротиба афзудааст.

Бояд тазаккур дод, ки асосгузори ширкти Intel Гордон Мур (1929-2023), муаллифи ибораи «зеҳни сунъӣ» Ҷон Маккарти (1927-2011) ва муҳаққиқони зеҳни сунъӣ Ирвинг Гуд (1916-2009), Элиезер Юдковский (зод. 1979) пешниҳод намуда буданд, ки сохтани зеҳнҳои сунъӣ ва навъҳои нави технология ба раванди ҷаҳишноки тараққиёт мусоидат мекунанд ва ин ҷаҳиш соли 2040 рух медиҳад. Ҷаҳиши рушд имкон медиҳад, ки инсон бар марг ғолиб ояд, шуур ба дараҷаи олӣ расонида шавад, насли инсон ба дигар сайёраҳо интиқол дода шавад ва инсоният ба дигар натиҷаҳои назаррас даст ёбад. Зеро дар ҳолати рух додани сингулярнокӣ, зеҳни сунъӣ аксар мушкилоти инсонро бароварда менамояд ва иқтисоди беҳамто ба амал меояд. Вале табиист, ки ба ин андешаҳо пешниҳодҳои баръакс ба миён омаданд: ин як навъи эътиқодот барои таассубгарони техникӣ аст.

Сарфи назар аз ин, дар соҳаи компютерҳо рушду пешрафт аз рӯйи қонуни экспоненциалӣ сурат гирифта истодааст, ки давраҳои миқдоран ва сифатан ду баробар зиёдшавиаш тақрибан аз як то ду сол аст. Илова бар ин, чунин қонун дар соҳаи биотехнология низ ҷой дорад. Ҳамеша коҳиш ёфтани арзиши ҳисобкуниҳои компютерӣ тасдиқи асосии суханони болозикр аст. Зеро дар соли 2029 бо арзиши 1000 доллар компютере харидорӣ мешавад, ки самаранокии кори он тақрибан бо фаъолияти майнаи сари инсон баробар аст. Маҳз дар ин вақт компютер талаботҳои тести Тюрингро иҷро карда, дар худ доштани идрок оид ба фаҳмиши калимаҳои инсониро исбот менамояд. Зикр намудан ба маврид аст, ки тести Тюринг, тести эмпирикӣ буда, бори нахуст аз тарафи Алан Тюринг (1912-1954) дар мақолаи «Мошинаҳои ҳисоббарор ва хирад» (*Computing Machinery and Intelligence*), ки соли 1950 дар маҷаллаи фалсафии «*Mind*» нашр шудааст, пешниҳод гардидааст. Ҳақсади тести мазкур муайян кардани имконоти тафаккури сунъӣ, наздик ба фикррониии инсонӣ мебошад. Аз ин рӯ, аз рӯйи рушди дарназардошташуда дар соли 2045 ҳама инсонҳои Замин ба як компютери азим табдил меёбанд, ки дар оянда ин раванд метавонад ба тамоми Кайҳон паҳн гардад. Муҳтавои асосии ин гуфтаҳо тараққиёт дар соҳаи комютерҳои

бузург буда, таъсири худро дар ташкилдиҳандаҳои зер мерасонад: арзиши ҳисобкуниҳои компютерӣ, имконоти миқдори воситаҳо барои харидан, самарнокии мубодилаи ахбор ба воситаи микропротсесорҳо.

Бо нишондодҳои тақрибӣ иқтисоди ҷаҳонӣ метавонад дар як сол 10 млрд протсессор истеҳсол намояд, ки як ё ду тартиб аз нишондодҳои муосир зиёданд. Аз рӯйи ин ҳисобҳо, дар 10 сол $10^{12}$ протсессор ҷамъ мегардид. Иқтидори аз ҳама калонтарин протсессори муосир 1 терафлопс – картаҳои видиоии Fermi (1 терафлопс – 1 трлн амал ё 1000 миллиард амал дар як сония мебошад) аст. Агар инсоният пешниҳоди болозикрро амалӣ гардонад, пас аз 10 сол протсессори тавонотарини самаранокиаш $10^{23}$ флопсро месозад.

Бояд зикр намуд, ки ҳанӯз соли 2010 сохтани микросхемаи андозааш 32 нанометр бо муваффақият ба роҳ монда шуд ва дар он вақт андозаи миёнаи масофаи байни атомҳо дар панҷараи кристаллии кремний 0,54 нанометрро ташкил медод. Андозаи хаттии транзисторҳо дар солҳои аз 2030 то 2040 ба андозаи атом баробар мешавад, ки ин рушди амиқи хурдгардонии дастгоҳҳо ва баланд бардоштани самаранокии онҳо мебошад.

Табиист, ки рушди илму техника ба пешрафти зеҳни сунъӣ ва зеҳни сунъӣ ба тараққиёти иқтисодӣ мусоидат мекунад. Мувофиқи таҳлили омори ҷаҳонӣ, нишондоди солонаи рушди иқтисодӣ 20% афзуда, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ меафзояд ва беш аз 20 соли оянда илм рушд намуда, муносибати нави эҷодӣ байни компютеру инсонҳо ба вуҷуд меояд. Тибқи пешгӯйиҳо бошад, то соли 2029 зеҳни сунъӣ тести Тюринро гузашта, онро аз шуури инсонӣ фарқ карда намешавад. Дар баробари ин, дар шароити муосир яке аз масоили мураккаб ин таъмини амнияти иттилоотӣ ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ мебошад, зеро дар оянда фарқияти байни зеҳни сунъӣ аз хиради инсон хеле душвор мегардад. Махсусан дастрасии кушод ва истифодаи нодурусти зеҳни сунъӣ хатари бузург дорад, зеро исботи хавфҳои зеҳни сунъӣ хеле кам аст.

Бинобар ин, иқдоми навбатии Пешвои миллат оид ба зеҳни сунъӣ дар баробари фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор, инчунин истифодаи самараноку оқилонаи

технологияҳои муосирро тақозо менамояд. Зеро айни замон зеҳни сунъӣ ва технологияҳои марбут ба он ба ҷузъи ҷудонашавандаи рушди илмӣ ва технологӣ табдил ёфта, онҳо бо суръати баланд рушд мекунанд ва ба ҳама соҳаҳои ҳаёти инсонӣ таъсири амиқ доранд. Аз соҳаҳои мураккаби тибу саноат то маърифати инсон ва равандҳои кории ҳаррӯза, зеҳни сунъӣ бо роҳҳои гуногун ба муваффақиятҳои бузург дар ташаккул ва рушди соҳаҳои иқтисодӣ кӯмак мерасонад. Мисол, дар тиб, системаҳое, ки аз зеҳни сунъӣ барои ташхиси бемориҳо ва таҳияи доруворӣ истифода мешаванд, метавонанд дараҷаи сиҳатии аҳолиро беҳтар гардонанд, барои кам кардани хатари бемориҳо мусоидат кунанд ва дар навбати худ арзиши хизматрасонии тиббиро барои давлат ва шаҳрвандон поин баранд. Дар соҳаи тиҷорат ва молия, истифодаи зеҳни сунъӣ дар таҳлили рафтори истеъмолкунандагон ва пешгӯии раванди бозор метавонад шароити беҳтаре барои фаъолиятҳои тиҷоратӣ ва стратегияи иқтисодӣ муҳайё намояд, ки дар натиҷа метавонад ба суръат ва самаранокии рушди иқтисодӣ мусоидат кунад. Дар соҳаи нақлиёт ва инфрасохтори он бошад, зеҳни сунъӣ бо истифода аз нақлиёти худидорашаванда ва системаҳои интеллектуалӣ барои идоракунии роҳҳо ва ҳаракати одамон ва борҳо, қобилиятҳои зеҳни сунъӣ дар бораи таҳлили маълумотҳои нақлиётӣ барои беҳтар кардани системаи нақлиёт таъсири амиқ хоҳанд дошт.

Истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои гуногун на танҳо барои пешрафти технологӣ, балки барои рушди иқтисоди рақамӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ аҳамияти бағоят бузург дорад. Алалхусус дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки дар ҷустуҷӯи роҳҳои инноватсионӣ барои рушди устувор қарор дорад, татбиқи босамари зеҳни сунъӣ аҳамияти хосса пайдо мекунад. Ва албатта, барои татбиқи муваффақонаи зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои тамоми фаъолияти инсон, заминаи бунёдӣ ва қадами устуворро ташаббуси навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳти унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ») гузошт.

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ЭКОЛОГИИ МИНТАҚА

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

тавъам ба дигар дастоварду комёбиҳои беназири сатҳи ҷаҳонӣ, дар арсаи байналмилалӣ ба сифати роҳбари хирадманд ва ташаббускори ғояҳои глобалии об, иқлим ва экология эътироф гардидаанд. Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ бо хушнудӣ пазируфта гардидани ташаббусҳои *Соли байналмилалии оби тоза* (соли 2003), *Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015»*, *Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об* (соли 2013), *Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»*, *Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо* (соли 2025), *Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера* (солҳои 2024-2025) ва дар заминаи ин иқдомот аз тарафи Маҷмаи Умумии СММ қабул гардидани 14 қатъномаи дахлдор далели бармалои каломи болост. Ҳамзамон, маҳз дар доираи ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат солҳои 2003-2025 дар пойтахти кишвар – Душанбешаҳр 11 форум ва конфронсҳои сатҳи байналмилалӣ баргузор гардиданд, ки бархе аз онҳо нахустин маротиба доир шуданд ва инчунин, дар миқёси ҷаҳонӣ назир надоранд. Фарзи мисол, дар доираи нахустин ташаббуси ҷониби кишвари мо, яъне Соли байналмилалии оби тоза, рӯзҳои 29.08-01.09.2003 аввалин *Форуми байналмилалӣ оид ба масоили оби тоза* баргузор шуд, ки пойтахти Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба «пойтахти ҷаҳон оид ба оби тоза» табдил дод. Ҳамчунин, дар ба таърихи зиёда аз 130-солаи мушоҳидаю тадқиқи пиряхҳо, танҳо дар доираи ташаббуси ҷаҳонии Пешвои миллат – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, рӯзҳои 29-31.05.2025 нахустин *Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо* баргузор гардид. Зиёда аз ин, маҳз дар доираи ташаббуси дигари Тоҷикистон таҳти унвони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», дар таърихи фаъолияти СММ рӯзҳои 22-24.03.2023 дуюмин конфронси сатҳи баланд, яъне *Конференсияи СММ оид ба масъалаҳои об* баргузор гардид. Аз ин ҷост, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон онро конфронси таърихӣ унвон карда, чунин иброз доштанд: «*Конфронси мазкур таърихӣ аст, зеро он дар таърихи Созмони Милали Муттаҳид бори дуввум – баъди қариб 50 сол ба вуқуъ пайваст. Мо – мизбонони Конфронс дар ин ҷода талошҳои зиёд кардем ва умед дорем, ки он аз рӯи натиҷаҳои самарабахши худ таърихӣ хоҳад гардид*».

Аз ин ҷо бармало мегардад, ки мушкилоти тағйирёбии иқлим, норасоии оби нӯшокӣ, обшавии пиряххо ва таъмини амнияти экологии инсоният дар меҳвари ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, кишвари мо таҳти сарварӣ ва роҳнамоии Пешвои миллат дар пешбурди Рӯзномаи ҷаҳонии об, Нақшаҳои амал оид ба тағйирёбии иқлим ва татбиқи ҳадафҳои «Рӯзномаи рушди устувор барои то соли 2030» нақши бузургу саҳми назаррас дорад. Дар миқёси минтақавӣ низ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешгому пешоҳанги аксар иқдомҳои ҷадиду наҷиби марбут ба мушкилоти об, иқлим ва экология маҳсуб ёфта, яке аз бунёдгузорон ва узви фаъоли Бунёди байналмилалии наҷоти Арал, Комиссияи байнидавлатӣ оид ба рушди устувор ва Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагии оби Осиёи Марказӣ мебошад. Яке аз далоили равшани пешсаф ва ташаббускори иқдомҳои минтақавӣ будани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он зоҳир мегардад, ки ташаббуси навбатии Пешвои миллат таҳти унвони «*Таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи захираҳои об ва тағйирёбии иқлим барои рушди устувор дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором*», зимни баргузории иҷлоси 81-уми Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва Уқёнуси Ором (25.04.2025) бо иттифоқи оро қабул гардид.

Бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар вохӯрию чорабинӣ, дар ҳамоишҳои минтақавии марбут ба об, иқлим ва экология пайваста фаъолона ширкат меварзад ва иқдомҳои аҳамияти минтақавию ҷаҳонидоштаро пайгирӣ менамояд. Аз ҷумла, баҳору тобистони соли 2025 дар ду чорабинии соҳавии сатҳи баланд, ки дар ду кишвари Осиёи Марказӣ, яъне Форуми сатҳи баланд таҳти унвони «*Осиёи Марказӣ пешорӯи мушкилоти ҷаҳонии иқлим: муттаҳидшавӣ барои шукуфоии умумӣ*» дар Узбекистон (Самарқанд) ва Конфронси сеюми СММ оид ба кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ дар Туркманистон (Туркманбоши) доир гардиданд, ширкат намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар аввалин Форуми иқлимии Самарқанд «Осиёи Марказӣ пешорӯи мушкилоти ҷаҳонии иқлим: муттаҳидшавӣ барои шукуфоии умумӣ», ки рӯзҳои 4-5 апрели соли 2025 доир гардид, масоили марбут ба тағйирёбии иқлими глобалӣ ва минтақавиро мавриди таҳлилу баррасӣ

қарор дода, оқибатҳои фоҷеабори онро ба иқтисодиёт ва экосистемаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ арзёбӣ намуданд. Далелҳои бармалои илмӣ бо суханони Пешвои миллат тавъам омада, дурустӣ ва дақиқии онҳоро тасдиқ менамоянд, зеро давоми беш аз чор даҳсола аст, ки тағйирёбии иқлим ба яке аз хатарҳои ҷиддӣ ба тамоми соҳаҳои фаъолият ва саломатии инсон табдил ёфтааст. Ба ибораи дигар, давоми солҳои охир, ба гуфтаи дабири кулли СММ Антониу Гутерриш, ҷомеаи ҷаҳонӣ ба «буҳрони сегонаи сайёравӣ», чун тағйирёбии иқлим, коҳишёбии гуногунии биологӣ ва ифлосшавии муҳити зист мувоҷеҳ гардидааст. Махсусан, болоравии ҳарорати ҷаҳонӣ ваё гармшавии глобалии иқлим боиси як қатор паомадҳои ногувор, аз ҷумла обшавии пиряхҳо, норасоии об, хушксолӣ, биёбоншавӣ, таназзули хок, маҳвшавии гуногунии биологӣ ва коҳиши ҳосили зироатҳо гардидааст.

Тавъам ба ин, гузоришҳои охири СҶО ва Хадамоти ҷаҳонии мониторинги пиряхҳо нишон медиҳанд, ки раванди обшавии пиряхҳо сол аз сол вусъат меёбад. Мувофиқи ин пажӯҳишот, давоми солҳои 1976-2024 аз тамоми пиряхҳои кураи арз тақрибан 9200 гигатон ях об шудааст, ки он ба қабати яхии ғафсиаш 25 метр ва масоҳаташ бо андозаи Олмон баробар мебошад. Ҳамзамон, аз рӯйи маълумоти ЮНЕСКО ва Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи табиат, аз пиряхҳои дар ҷойҳои мероси табиию фарҳангии ҷаҳонӣ воқеъгардида, ба ҳисоби миёна соле тақрибан 58 млрд тонна об мешавад, ки ба ҳаҷми умумии оби дар кишварҳои Фаронсаю Испания истеъмолшаванда баробар аст.

Албатта, обшавии босуръати пиряхҳо дар навоҳии наздисоҳилию укёнусӣ боиси баланд шудани сатҳи оби баҳру укёнусҳо мегардад ва тибқи ҳисобҳо, ба ҳар миллиметр баланд шудани сатҳи ин обҳо 200-300 ҳазор сокинони минтақаҳои наздисоҳилӣ зери хатари обхезӣ қарор мегиранд. Гузашта аз ин, обшавии пиряхҳо дар манотиқи кӯҳсор боиси фаромадани селу тармаҳои пай дар пай гардида, ба иқтисодиёт, экосистема-ҳо ва ҷомеаҳои хисороту хатари ҷиддӣ ба бор меорад. Маҳз бо назардошти ин мушкилот, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давоми беш аз 20 сол аст, ки дар татбиқи барномаҳои марбут ба обу иқлим дар арсаи ҷаҳонӣ фаъолона ширкат меварзад, зеро масоили тағйирёбии иқлим ва

устувории экологӣ бахши аъзами сиёсати Сарвари давлати моро ташкил медиҳанд.

Мусаллам аст, ки ҳудуди Осиёи Марказӣ, алалхусус Ҷумҳури Тоҷикистон яке аз манотиқи осебпазир ба тағйирёбии иқлим буда, тибқи арзёбии созмонҳои байналмилалӣ, хисороти иқтисодии солона аз таназзули муҳити зист ба 325 млн доллари ИМА мерасад ва то соли 2050 метавонад ду баробар афзояд, ки ба 5-6 дарсади ММД баробар мебошад. Дар умум, дар Осиёи Марказӣ давоми 60 соли охир ҳарорати ҳаво ба андозаи 1,5°С афзудааст, ки аз қимати миёнаи ҷаҳонӣ ду баробар, яъне 0,7°С зиёд мебошад. Ҳамчунин, беш аз 80%-и захираҳои оби Осиёи Марказӣ аз пиряххо тавлид мешаванд, ки қисми аъзами онҳо дар ҳудуди Тоҷикистон ҷойгир шудаанд. Бо афзоиши ҳарорати ҳаво, давоми 50 соли охир, масоҳати пиряххҳои минтақа тақрибан 30% коҳиш ёфта, интизор меравад, ки то соли 2050 захираҳои об дар ҳавзаи дарёи Сир то 5% ва дар ҳавзаи дарёи Аму то 15% коҳиш ёбанд. Ин равандҳоро Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоюли хеле ташвишовар унвон карда, бо мақсади пешгирӣ аз оқибатҳои ногувори он, истифодаи технологияҳои муосири каммасраф ва муносибати эҳтиёткоронаро ба об чун манбаи муҳимтарини ҳаёт, шарти асосии кам кардани талафоти он шумориданд.

Зеро бо назардошти рушди демографӣ, аҳолии Осиёи Марказӣ то соли 2050 ба 100 млн нафар мерасад, вале то ин давра захираҳои оби минтақа 30% коҳиш меёбанд ва дар баробари ин, то соли 2030 талабот ба об барои обёрӣ 30% бештар мешавад. Чунин динамикаи дуҷониба ба амнияти озуқаворӣ низ хатари ҷиддӣ эҷод менамояд ва тибқи арзёбии Бонки ҷаҳонӣ, то соли 2050 ҳосили зироатҳои кишоварзӣ дар Осиёи Марказӣ метавонад то 20-40% коҳиш ёбад. Ин робитаи байни соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва мушкилоти тағйирёбии иқлимро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле хуб нишон дода, рушди энергетикаи «сабз»-ро ҳамчун алоқамандии байни энергетика ва тағйирёбии иқлим, қадами мусбат дар роҳи ҳифзи иқлим, мутобиқшавӣ ба он ва коҳиш додани таъсироти манфии иқлимӣ арзёбӣ намуданд.

Дар баробари мушкилоти болозикр, бояд ёдовар шуд, ки айни замон беш аз 570 млн нафар аҳолӣ дар 32 кишваре умр ба сар мебаранд, ки мамолики рӯ ба рушди маҳсур дар хушкианд,

вале мувофиқи маълумоти географӣ, дар миқёси сайёра 44 мамлакат, аз ҷумла 14 кишвари Аврупо, 12 давлати Осиё, 16 мамлакати Африқо ва 2 кишвари Амрикои Ҷанубӣ, ба Уқёнуси ҷаҳонӣ роҳи баромад надоранд. Бо назардошти мушкилоти марбут ба кишварҳои рӯ ба рушди маҳсур дар хушкӣ, рӯзҳои 5-8.08.2025 дар шаҳри Туркманбошии Туркманистон таҳти сарпарастии бевоситаи Созмони Милали Муттаҳид Конфронси сеюми СММ оид ба кишварҳои рӯ ба рушди маҳсур дар хушкӣ доир гардид, ки дар ин ҳамоиши бонуфуз низ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо каломи баландмазмун, суханронии амиқ ва масъалагузории саривақтӣ ширкат намуданд. Маврид ба зикр аст, ки конфронси якум ва дуюми СММ оид ба кишварҳои рӯ ба рушди маҳсур дар хушкӣ дар шаҳрҳои Алмато (Қазоқистон, 28-29.08.2003) ва Вена (Австрия, 3-5.11.2014) баргузор гардида буданд ва аз ин рӯ, агар дар конфронси Вена Барномаи амали Алмато мавриди арзёбӣ қарор гирифт, пас дар конфронси сеюм аз Барномаи амали Вена натиҷагирӣ шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронӣ баргузории чорабинии мазкурро заминаи муҳимму мусоиде барои ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар байни кишварҳои рӯ ба рушди маҳсур дар хушкӣ арзёбӣ намуда, ба ин восита роҳандозӣ намудани василаҳои муассирро бо мақсади таъмини рушди устувор ва рафъи мушкилоти марбут ба маҳдудиятҳои транзитию инфрасохтории ин мамолик имконпазир шумориданд.

Табиист, ки кишварҳои рӯ ба рушди маҳсур дар хушкӣ бинобар мавқеи географӣ, шароитҳои орографию иқлимӣ ва дигар омилҳои марбут ба онҳо дар масири рушди устувор бо мушкилоти барояшон хос дучор мешаванд. Тавре Пешвои миллат дар суханронии хеш изҳор доштанд, ба ин мамолик қабл аз ҳама мушкилоте, чун ташаннуҷи геополитикӣ, бӯҳронҳои молияву иқтисодӣ ва тағйирёбии иқлим бештар таъсир мерасонанд. Дар ин росто, Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо кишвари осебпазир ба тағйирёбии иқлим, балки ба гурӯҳи кишварҳои рӯ ба рушди маҳсур дар хушкӣ низ шомил мебошад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти афзалиятнокии соҳаҳои нақлиёту энергетика, дар баробари ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати

кишвар, таъмини истиқлоли энергетикӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсиониро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ эълон намуда, тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар ин самтҳо ба комёбиву дастовардҳои беназир ноил гардидааст. Аз ҷумла, айни ҳол Тоҷикистон 98%-и неруи барқро аз сарчашмаҳои обии худӣ истеҳсол карда, аз рӯйи истеҳсоли энергияи «сабз» аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар байни давлатҳои ҷаҳон дар ҷойи 6-ум қарор дорад ва ҳамзамон, то соли 2032 пурра ба истеҳсоли энергияи аз нигоҳи экологӣ тоза мегузарад. Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавъам ба ду стратегияи миллии марбут ба мушкилоти тағйирёбии иқлим, «Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037»-ро қабл кардааст, ки дар раванди татбиқ қарор дорад. Татбиқи стратегияи мазкур имкон медиҳад, ки кишвар мо дар оянда пурра ба истеҳсоли неруи барқ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда гузарад. Ва албатта, барои татбиқи муассири чунин ҳадафҳо ва нақшаҳо ҳамкориҳои мутақобилан судманди байнидавлатӣ, сармоягузориҳо, истифодаи технологияҳои муосир ва муносибату истифодаи оқилонаю дурусти сарватҳои табиӣ зарур аст.

Ҳамин тавр, аз иштироки фаъолонаи Тоҷикистон дар шахсияти Сарвари давлат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамоишҳои болозикр ва инчунин, дигар чорабиниҳои минтақавию ҷаҳонии марбут ба мушкилоти об, иқлим ва экология бармало мегардад, ки меҳани мо ҳамчун кишвари пешоҳанг дар ҳама чорабиниҳо ширкати аҳамиятнок дорад ва дар пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии обу иқлим мавқеи шоистаро касб кардааст. Зеро ташаббусҳои марбут ба об, пиряххо, иқлим, экология ва рушди устувор, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд, аҳамияти ҷаҳонӣ дошта, дар меҳвари онҳо ҳифзи инсон, табиат ва сайёраи Замин қарор дорад.

## ТАШАББУСИ ШАШУМИ ТОҶИКИСТОН – ТАҶАССУМГАРИ БУҲРОНИ КРИОСФЕРӢ

Боиси ифтихори бузургу саодати азим аст, ки дар таърихи 13 августи соли 2024, зимни баргузории Иҷлоси 78-уми Маҷмаи Умумии СМ қатъномаи ҷадиде (A/RES/78/321) таҳти унвони «*Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера, солҳои 2025-2034*» бо

иттифоқи оро қабул гардид. Даҳсолаи мазкур ташаббуси 6-уми ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Фаронса пешбарӣ гардидааст.

Бо қабул гардидани ин қатъномa солҳои 2025-2034 ҳамчун Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера, бо мақсади пешбурди ҳамкориҳои илмии сатҳи ҷаҳонӣ ба вежа тавассути баргузории тадқиқоту мониторинги илмии алоқаманд ва инчунин, талошҳои рушди устувор дар доираи сохтору захираҳои мавҷуда ва саҳмҳои ихтиёрӣ барои ҳалли масоили марбут ба таназзулёбии (деградатсияи) пиряххо ва тағйирот дар криосфера эълон гардиданд.

Зеро ба андозаи 1,5°C афзудани ҳарорати ҳавои наздизаминӣ, яъне гармшавии глобалии иқлим, олимону коршиносон пешгӯӣ мекунанд, ки ҳадди ақал нисфи пиряххҳои имрӯза то соли 2100 аз байн мераванд. Аз соли 1990 инҷониб дар лавҳаи азими яхбандии Гренландия 4,890 млрд тонна (Гт) ва давоми солҳои 1992-2020 дар майдони бузурги яхистони Антарктика 2,670 Гт об шудани ях далели бармалои коҳишёбии пиряххо дар навоҳии қутбии сайёраи Замин аст. Бо чунин микдори бағоят бузург обшавии пиряххо дар манотиқи Арктика ва Антарктика пайомадҳои ногувор дорад ва зиёда аз ин, дар тӯли 30 сол 4 маротиба афзудааст. Дар баробари ин, гузориши махсуси ГКБТИ оид ба уқёнус ва криосфера дар раванди тағйирёбии иқлим, гузоришҳои ГКБТИ дар солҳои 2021 (Асосҳои илмии физикӣ) ва 2022 (Таъсирот, мутобиқшавӣ ва осебпазирӣ), ҷомеаи ҷаҳониро водор менамояд, ки дар бораи босуръат обшавии пиряххо, камшавии яхбандиҳои доимӣ ва инчунин, пайомадҳои хатари ногувори он тадбирҳои мушаххасу саривақтӣ андешад. Чунки раванди мазкур бо тавъам омадани гармшавии глобалии иқлим ва афзоиши партови газҳои гулхонаӣ вусъат ёфта, оқибатҳои хеле бад дорад. Бинобар ин, инсон наметавонад бидуни кӯшишҳои босуръат оид ба коҳиш додани таъсири гармшавии иқлим ва кам кардани партови газҳои гулхонаӣ ба атмосфера раванди обшавии пиряххо ва камшавии майдони яхбандиҳои доимиро дар асри ҷорӣ боз дорад.

Маҳз бо ин мақсад, дар гузориши ЮНЕСКО ва Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи табиат таҳти унвони «Пиряххо дар

ҷойҳои мероси ҷаҳонӣ», арзёбӣ мегардад, ки маҳдуд кардани гармшавии глобалии иқлим то 1,5°C метавонад дар 3/2 ҳиссаи объектҳои мероси ҷаҳонӣ пиряххоро аз обшавӣ наҷот диҳад. Зеро пиряххо манбаи асосӣ барои таъмини соҳаҳои муҳими нисфи сокинони сайёра, чун маишӣ, кишоварзӣ ва гидро-энергетика маҳсуб ёфта, инчунин барои бисёре аз ҷамоатҳои маҳаллӣ маконҳои муқаддасанд, ки солона миллионҳо сайёҳро ҷалб менамоянд.

Ҳарчанд оқибатҳои тағйирёбии иқлим дар криосфера дар сатҳҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ пайомадҳои манфии экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доранд, сабаби асосии он пеш аз ҳама фаъолият ва таъсироти бевоситаи инсон дар берун аз ин минтақаҳо мебошад. Тағйироти мазкур метавонад барои хатари офатҳои табиӣ, экосистемаҳо ва одамон оқибатҳои бебозгашт дошта бошад ва ҳамзамон, ба амнияти обӣ ва озуқаворӣи беш аз 2 млрд нафар аҳолии кураи арз таъсири бевосита дорад. Зиёда аз ин, коҳишёбии ҷузъҳои ҷудогонаи криосфера, бахусус пиряххову яхбандиҳо дар Гренландия ва Антарктида, барои 50% баланд шудани сатҳи баҳрҳо ҳиссаи бевосита дошта, ба доман густурдани гармшавӣ дар уқёнусҳо низ таъсири мустақим доранд.

Яке аз далелҳои равшани гармшавии глобалии иқлим коҳишёбии сатҳ ва ақибнишинии забонаи пиряхҳо дар тамоми манотиқи кураи арз буда, барои таҳияи чораҳои муассири мутобиқшавӣ ба раванди мазкур гузаронидани мушоҳидаҳои амиқу арзёбиҳои сифатӣ бағоят зарур аст. Зеро тадқиқоти тавассути зондкунониҳои фосилавӣ ва маълумотҳои моҳворавӣ гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки пиряхҳо аз соли 2000 ин ҷониб бо суръати баланд ақибнишинӣ мекунанд. Мувофиқи мушоҳидаҳо, пиряхҳое, ки дар ҷойҳои мероси ҷаҳонӣ воқеъ гардидаанд, ҳар сол ба ҳисоби миёна ~58 млрд тонна яхи худро талаф медиҳанд, ки ин ба ҳаҷми умумии оби дар кишварҳои Фаронса ва Испания истеъмолшаванда баробар мебошад. Дар маҷмуъ, давоми солҳои 2000-2020 аз тамоми пиряхҳои мероси ҷаҳонӣ 1,163 Гт ях талаф ёфтааст, ки ба 3,22 мм баланд шудани оби сатҳи бахр баробар мебошад.

*Бузургтарин талафоти массаи ях дар*
*Пиряхҳои мероси ҷаҳонӣ давоми солҳои 2000-2020*

| **Минтақаи пиряхҳои мероси ҷаҳонӣ** | **Талафоти холиси массаи ях давоми солҳои 2000-2020, Гт** | **Баробар бо баландшавии сатҳи оби баҳр давоми солҳои 2000-2020, мм** |
|---|---|---|
| Клуэйн/Врангел-Сент-Элиас/Глейшер-Бей/Татшеншини-Алсек (Канада/ИМА, Аляска) | 487 | 1,35 |
| Фиорди яхии Илулиссат (Дания, Арктика, Гренландия) | 350 | 0,97 |
| Боғи миллии Ватнайёкюдл (Исландия, Арктика) | 132 | 0,37 |
| Боғи миллии Лос-Гласиарес (Аргентина, Андҳои Ҷанубӣ) | 88 | 0,24 |
| Аасивиссиут-Ниписат (Дания, Арктика, Гренландия) | 39 | 0,11 |
| Боғи миллии Тоҷикистон (Тоҷикистон, Осиёи Марказӣ) | 12 | 0,03 |
| Те-Вахипоунаму - Ҷанубу Ғарби Зеландияи Нав | 10 | 0,03 |
| Боғи канадагии кӯҳсори Скалист (Канада, Канадаи Ғарбӣ ва ИМА) | 9 | 0,02 |
| Алпи Швейсария (Швейсария, Аврупои Марказӣ) | 7 | 0,01 |
| Шинҷон Тён-Шон (Чин, Осиёи Марказӣ) | 4 | 0,01 |

Бинобар ин, дар шароити имрӯза гузаронидани тадқиқоти комилан нави илмӣ оид ба қутбҳо ва пиряхҳо барои беҳтар

фаҳмидани аҳамият ва оқибатҳои онҳо дар раванди гармшавии глобалии иқлим барои инсоният бағоят муҳим аст. Маҳз бо назардошт ин нукта Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар ҷаласаи ифтитоҳии Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» иброз намуданд, ки «*ба мақсади тақвияти минбаъдаи ин масъалаи муҳим мо якҷо бо шарикони худ тасмим гирифтем, ки лоиҳаи қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳидро оид ба эълони Даҳсолаи илмҳои қутбшиносӣ ва яхшиносӣ пешбарӣ намоем*». Аз ин рӯ, ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки кӯшишҳо ва ҳамкориҳои муштаракро ҷиҳати омӯзишу пажӯҳиши навоҳии қутбӣ ва пиряхҳои онҳо бештару мунтазам гардонад, то ба ин бухрони дарпешистода дуруст мубориза барад. Барои ин, зарурати дарёфт намудани имконоти нав оид ба мустаҳкам гардонидани ҷамъияти илмӣ ва вусъат бахшидани тадқиқоти илмӣ аҳамияти бағоят бузург дорад.

Дар ин маврид бояд тазаккур дод, ки барои ҳалли мушкилоти марбут ба криосфера, Солҳои байналмилалии қутбӣ (Соли якуми байналмилалии қутбӣ, 1882-1883; Соли дуюми байналмилалии қутбӣ, 1932-1933; Соли сеюми байналмилалии қутбӣ, 1957-1958 ва Соли чоруми байналмилалии қутбӣ, 2007-2008) таъсис ёфта, барои пешбурди кӯшишҳои муштараки байналмилалӣ дар минтақаҳои қутбӣ як қатор корҳои илмӣ ва амалӣ ба анҷом расонида шудаанд. Ҳамчунин, пас аз анҷоми Соли чоруми байналмилалии қутбӣ ва гузаронидани тадқиқот оид ба иқлим, атмосфера, уқёнус ва масъалаҳои марбут ба биосфераву экологияи ноҳияҳои қутбӣ, аввалан соли 2012 ва сипас соли 2015 пешниҳод гардид, ки Даҳсолаи байналмилалии қутбӣ баргузор карда шавад. Вале СҶО ҳамчун ташаббускори тадқиқот дар Арктикаю Антарктика ва сарпарасти солҳои байналмилалии қутбӣ дар ҳарду маврид ҳам пешниҳоди мазкурро рад намуд. Маврид ба зикр аст, ки «сол»-и сеюм, Соли байнамилалии геофизикӣ ном гирифта, ҳам аз ҷиҳати шумораи иштирокчиён ва ҳам аз ҷиҳати фарогирии мавзуъҳо миқёси васеъ дошта, яке аз дастовардҳои муҳими он ошкор намудани сӯрохиҳои озонӣ дар фазои Антарктида мебошад.

Хушбахтона, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун роҳбари хирадманду дурандеш ва ташаббускори ғояҳои ҷаҳонии обу иқлим ва дар маҷмуъ, масоили муҳими глобалии экологӣ ҷаҳду талош намуданд ва аҳамияти умумисайёравию умумиинсонӣ доштани улуми қутбшиносӣ ва яхшиносиро нишон диҳанд. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ барои тақвияти мавзуи об дар Рӯзномаи ҷаҳонии иқлим нақши назаррас дорад ва ин нуктаро каломи Президенти Тоҷикистон бармало менамояд: «*пуштибонии ташаббусҳои Тоҷикистон дар самти обу иқлим аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ тавассути 10 қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҷассумгари нақши фаъол ва калидии кишвари мо дар пешбурди рӯзномаи обу иқлим дар сатҳи байналмилалӣ мебошад*».

Дар меҳвари ташаббуси «Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера, солҳои 2025-2034» қабл аз ҳама ноил гардидан ба ҳадафҳое, чун баланд бардоштани сатҳи амният дар фазои қутбӣ, ба танзим даровардани боркашонӣ тавассути Арктика, рушди туризм дар ноҳияҳои қутбӣ, дастгирии омӯзишу пажӯҳиш оид ба пиряххо ва қутбҳо, пурзӯр намудани ҳифзи ҳудудҳои муҳофизатшавандаи баҳр, таҳияи барномаҳои тадқиқотӣ бо иштироки ҷомеаҳои маҳаллӣ ва ғайра қарор дорад. Зеро дар асоси натиҷаҳои гузориши ЮНЕСКО ва Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи табиат дар мавриди обшавии босуръати пиряххо омадааст, ки то соли 2050 пиряххои объектҳои мероси ҷаҳонӣ, ки дар сеяки онҳо пиряххои кураи арз мавҷуданд, аз байн мераванд. Аз ҷумла, мувофиқи мушоҳидаҳо, дар пиряххои 27 макони мероси ҷаҳонӣ, ки дар қораҳои Осиё (Помир, Тён-Шон, Алтай, Ҳимолой, Тибет), Аврупо (Алп, Скандинавия, Гренландия), Австралия (Зеландияи Нав) ва Амрико (Анд, Аляска, Катскилл, Скалист) воқеъ гардиаанд, дар соли 2020 нисбат ба соли 2000 массаи холиси ях аз 3,2% то 57,2% талаф ёфтааст. Тавъам ба ин, дар эъломияи Нишасти қутбии «Як сайёра» (Париж, 8 ноябри соли 2023) зикр шудааст, ки дар Африқо, Амрико, Осиё, Аврупо, Уқёнус ва Антарктида таназзулёбии бебозгашти ~200 000 пирях мушоҳида гардида, танҳо дар зарфи солҳои 2021-2022 суръати обшавии яххо нисбат ба даҳсолаи қаблӣ ба ҳисоби миёна 20% зиёдтар будааст.

Дар баробари ин, дар доираи Соли сеюми байналмилалии қутбӣ ва ё Соли байналмилалии геофизикӣ ҳолати пиряхҳои Арктика ва тамоюли динамикии онҳо давоми солҳои охир мавриди таҳлилу муқоиса қарор гирифт. Таҳлили маълумотҳои тавозуни массаи пиряхҳо дар ноҳияҳои арктикии Канадаю Россия, ҷазираҳои Шпитсбергену Гренландия ва нимҷазираи Скандинавия нишон медиҳад, ки обшавии ях дар айни замон на танҳо аз тавозуни массаи сатҳии пиряхҳо (ташкилдиҳандаи иқлимӣ), балки аз афзоиши маҷрои оби ях ба баҳр (ташкилдиҳандаи динамикӣ) низ вобаста мебошад. Тибқи мушоҳидаи олимон, давоми солҳои 1961-2005 ҳаҷми ях дар пиряхҳои Арктика 66,1 км$^3$ коҳиш ёфтааст, ки ин ба 0,18 мм/сол баланд шудани сатҳи оби баҳр баробар аст. Ҳамзамон, аз рӯйи ҳисобҳои олимон, нобудшавии холиси ях дар Арктика 70% бо камшавии массаи сатҳӣ (таъсироти иқлимӣ) ва 30% бо маҷрои оби яхи баҳр (хисороти динамикӣ) алоқаманд мебошад.

*Тағйирёбии майдонҳои яхбандӣ дар ҷазираҳои арктикии Россия*

| **Давра** | **1952-1973** | **1973-1988** | **1988-2001** |
|---|---|---|---|
| Тағйирёбии майдони пиряхҳо, км$^2$ | -133 | -67 | -84,2 |
| Тағйирёбии ҳаҷми пиряхҳо, км$^3$ | -70,4 | -35,4 | -44,5 |
| Суръати тағйирёбии майдон, км$^2$/сол | -6,3 | -4,5 | -6,5 |
| Суръати тағйирёбии ҳаҷм, км$^3$/сол | -3,4 | -2,4 | -3,4 |

Аз таҳлили робитаи эмпирикии байни ҳаҷм ва масоҳати пиряхҳои Арктика муайян карда шудааст, ки аз соли 1952 то соли 2001 пиряхҳои се ҷазираи арктикии Россия, чун Замини Франс-Иосиф, Замини Шимолӣ ва Замини Нав тақрибан 250 км$^3$ ё 1,6% массаи асосии худро гум кардаанд. Бо назардошти ин далелҳо ва бухронҳои климатологиву глятсиологӣ дар навоҳии қутбии кураи арз, зимни қабули қатъномаи «Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера, солҳои 2025-2034» аз ҳама кишварҳои узви СММ, ташкилотҳои дахлдори низоми он ва дигар созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва зерминтақавӣ, мардуми бумӣ, инчунин дигар ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла

аҳли илм, ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва шахсони алоҳида даъват ба амал оварда шудааст, ки дар ҳама сатҳҳо тавассути пешбурди фаъолияте, ки ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи даҳсола ва аҳамияти пиряххо, барф ва ях дар низоми иқлим ва давраи гидрологӣ, инчунин таъсири иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии он ва тағйирот дар криосфера мусоидат менамоянд, табодули таҷриба ва донишҳои беҳтаринро ба роҳ монанд.

Ҳамзамон, дар он бо такя ба қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо, 2025», ки қаблан бо ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул гардида буд, аз ҳукуматҳо, ташкилотҳои байниҳукумативу ғайриҳукуматӣ, дигар ҷониб-ҳои манфиатдор ва шарикони рушд даъват ба амал оварда шудааст, ки ба Фонди байналмилалии мақсаднок оид ба ҳифзи пиряххо, ки аз ҷониби Дабири кулли СММ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои дахлдори он, аз ҷумла СҶО ва ЮНЕСКО мудирият мешавад ва барои дастгирии кишварҳо дар ҳалли масоили марбут ба обшавии босуръати пиряххо ва оқибатҳои он мусоидат менамояд, саҳмгузор бошанд.

Дар қатъномаи A/78/L.99 аҳамияти ташаббусҳои марбут ба криосфера барои ноил гардидан ба ҲРУ ва татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» дарҷ ёфта, аз ташаббуси Тоҷикистон оид ба Конференсияи байналмилалӣ бахшида ба ҳифзи пиряххо дар Душанбе дар соли 2025 истиқбол карда шудааст. Тавре зикр гардид, ташаббуси қабули қатъномаи «Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера, солҳои 2025-2034» аз ҷониби Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни баргузории Конференсияи сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» (Душанбе, 11.06.2024) пешниҳод гардида, Пешвои миллат аз кишварҳои узви СММ даъват ба амал оварданд, то аз иқдоми аҳамияти ҷаҳонидошта пуштибонӣ намоянд. Ва ҳамин аст, ки дар баробари Тоҷикистон ба ҷониби ташаббуси мазкур кишварҳое, чун Австралия, Белгия, Булғория, Чили, Кипр, Хорватия, Фаронса, Олмон, Италия, Ҷопон, Марокаш, Мозамбик, Нидерланд, Покистон, Перу, Сингапур, Кореяи Ҷанубӣ, Испания, Швейтсария, Британия, Уругвай ва ғайра

ҳамроҳ гардиданд. Ҳамчунин, пешбарии ин ташаббус яке аз натиҷаҳои Нишасти қутбии «Як сайёра» (Париж, 8.11.2023) низ ба ҳисоб меравад.

Зимни баргузории Нишасти қутбии «Як сайёра» даъват ба амал оварда шуд, ки ҳамкорҳои байналмилалӣ ҷиҳати кам кардани партови газҳои гулхонаӣ, тақвият додани тадқиқоти илмӣ дар криосфера ва вусъат бахшидани ҳамгироии беҳтари оқибатҳои коҳишёбии криосфера дар таҳияи сиёсатҳо, бештару беҳтар гардонида шаванд. Зеро мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки давоми 40 соли охир ҳарорат дар Арктика аз қимати миёнаи ҷаҳонӣ 4 маротиба бештар афзуда, дар тӯли 45 соли охир яххои баҳрии ин минтақа бо суръати баланд коҳиш меёбанд ва дар моҳи сентябри соли 2023 ба ҳадди панҷумин пасттарини яхбандӣ расидаанд. Дар Уқёнуси ҷанубӣ бошад, моҳи феврали соли 2023 хурдтарин қимати яхбандӣ ба қайд гирифта шуд, ки то ин давра ягон маротиба мушоҳида нагардида буд.

Бо назардошти буҳрони амиқи глятсиологӣ ва криосферӣ, дар рафти қабули эъломияи Нишасти қутбӣ ташаббуси бевоситаи Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба «Даҳсолаи илмҳои қутбшиносӣ ва яхшиносӣ» комилан ҷонибдорӣ ва дастгирӣ ёфт. «Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера, солҳои 2025-2034» аз соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» оғоз гардида, дар доираи он Соли панҷуми байналмилалии қутбӣ (солҳои 2032-2033) гузаронида мешавад, ки он бо ЮНЕСКО, СҶО, Кумитаи байналмилалии илмии Арктика, Кумитаи илмӣ оид ба тадқиқоти Антарктика, Шурои байналмилалии илм ва дигар созмонҳои байналмилалии қутбшиносӣ ва илмӣ ҳамоҳанг карда шудааст. Зиёда аз ин, даҳсолаи мазкур барои Даҳсолаи СММ оид ба уқёнусшиносӣ барои рушди устувор (солҳои 2021-2030), ки ҳоло идома дорад, захираҳои нави бисёрҷонибаи илмию тадқиқотиро фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, бо қабули ташаббуси шашуми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, яъне «Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера, солҳои 2025-2034» нақши боризи Тоҷикистон дар пешбурди Рӯзномаи ҷаҳонии обу иқлим, аз ҷумла ҳифзи пиряххо дар арсаи ҷаҳонӣ бори дигар собит карда, кишварҳои узви СММ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ омодагии худро барои ҳамкорӣ бо Тоҷикистон дар доираи даҳсолаи мазкур иброз менамоянд.

## АҲАМИЯТИ ГЛОБАЛИИ «СОЛИ 2025 – СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО»

Мусаллам аст, ки маҳз бо шарофати сиёсати хирадмандона ва дурандешонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, меҳани маҳбуби мо дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари ташаббускор, пешоҳанг ва таъсиргузор дар пешбурди Рӯзномаи ҷаҳонии обу иқлим эътироф гардидааст. Зеро давоми беш аз ду даҳсола аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваста аз иқдомҳои наҷибу илман асосноки Пешвои миллати тоҷик баҳравар шуда, дар заминаи онҳо ба дастоварду комёбиҳои ҷадид ноил мегардад ва дар асоси ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон СММ 11 қатънома ба тавсиб расонидааст.

Албатта, ҳар як иқдоме, ки аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод карда мешавад, дар асоси биниши жарф, таҳлили ҳамаҷониба ва арзёбии амиқу илмии мушкилоти мавҷуда рӯйи кор меояд. Фарзи мисол, нахустин ташаббуси байналмилалии ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилае пешниҳод гардид, ки масъалаи таъмини дастрасӣ ба об ва беҳдошт барои некӯаҳволиву рушди инсон ба мушкилоти аввали ҷаҳонӣ табдил ёфта буд. Бинобар ин, маҳз ба хотири андешидани тадбирҳои сариваќтӣ ҷиҳати бартарафнамоии мушкилоти глобалие, чун ба оби тоза дастрасии ноустувор доштани беш аз 1 млрд нафар, дар шароити номувофиқ зиндагӣ намудани ~2,4 млрд нафар, ҳамасола аз бемориҳои марбут ба сифати пасти об ва шароити бади санитарию беҳодоштӣ фавтидани 2,2 млн нафар аҳолӣ, ҳамарӯза фавтидани 6 000 нафар кӯдакон аз ҳисоби истифодаи оби пастсифат сифаташон бинобар истифодаи обҳои сифата ва ҳамасола аз касалиҳои гуногун азият кашидани зиёда аз 250 млн нафар аҳолӣ, Маҷмаи Умумии СММ соли 2003-ро Соли байналмилалии оби тоза эълон намуд.

Ҳамчунин, вақте сифати об паст мешавад ё талабот ба он бо мурури вақт меафзояд, рақобат барои об байни истеъмол-кунандагон шиддат мегирад ва албатта, ин раванд дар ҳавзаҳои дарёҳое, ки марзҳои сиёсию маъмуриро убур менамоянд, пайомадҳои ноустувор дорад. Тавъам ба ин, таҷриба нишон медиҳад, ки дар бисёр ҳолатҳо зарурати тақсимоти обҳои фаромарзӣ дар байни минтақаю кишварҳо на танҳо боиси низоъҳои ошкоро намегардад, балки боиси ҳамкориҳои

ғайричашмдошт мегардад. Зеро тибқи ҳисобҳои олимони Донишгоҳи Орегон, дар кураи арз 263 ҳавзаи дарёҳои фаромарзӣ мавҷуд буда, онҳо ба марзи ду ва зиёда кишварҳо тааллуқ доранд. Ин ҳавзаи дарёҳо, ки дар ҳудуди онҳо ~40% аҳолии ҷаҳон умр ба сар мебаранд, анқариб нисфи сатҳи хушкии сайёраро фаро мегиранд ва 60%-и оби тозаро ташкил медиҳанд. Ҳавзаи дарёҳои фаромарзӣ марзи 145 кишварро фаро гирифта, қаламрави 21 кишвар пурра дар ҳудуди ин ҳавзаҳо ҷойгир шудааст. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои ҳалталаби ҷаҳони муосир, ки бо тағйирёбии глобалии иқлим ва коҳишёбии захираҳои об бештар мушкил мегардад, истифодаи захираи обҳои фаромарзӣ мебошад. Ҳарчанд оид ба истифодаи обҳои фаромарзӣ давоми 50 беш аз 3 000 созишномаи байналмилалӣ, байнидавлатӣ ва ҳавзавӣ қабул гардидааст, вале дар ҳамин давра зиёда аз 500 мунокиша ба вуқӯъ пайвастааст, ки 21 низоъ ба амалиёти низомӣ оварда расонидааст. Аз ҷумла, давоми ин солҳо барои тақсимоти оби дарёҳои Рио-Гранде, Амур, Ҳинд, Ганг, Браҳмапутра, Даҷла, Фурот, Нил, Лимпопо, Меконг ва ғайра ва инчунин, кӯли Чад баҳсу мунокишаҳои хушунатбор рух додаанд. Хушбахтона, бо вуҷуди печидаю мураккаб будани мушкилоти марбут ба обҳои фаромарзӣ, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷомеаи ҷаҳониро мутақоид сохтанд, ки ин масоилро метавон тавассути дипломатия ҳал намуд. Аз ин ҷост, ки ташаббуси сеюми ҷониби Тоҷикистон, яъне «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» низ мақбули ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид.

Аз аҳдофи меҳварӣ ва дастовардҳои назарраси икдомҳои ҷаҳонии Тоҷикистон бармалост, ки онҳо ба ҳамкории фаъоли ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар самти мудирияти захираҳои об ва татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи об, инчунин дар амалисозии фановарию навовариҳои муосир мусоидат намуданд. Ҳалли мушкилоти глобалии об ба афзоиши сармоягузорӣ дар бахши об, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои инфрасохтор зич алоқаманд аст. Ин далел барои идоракунии оқилонаи захираҳои об ва пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба таъминоти об хеле зарур буда, ҷиҳати таъмини суръати баланди рушди иҷтимоӣ-экологӣ-иқтисодӣ аҳамияти хеле бузург дорад. Вале, анқариб 60% экосистемаҳои табиии ҷаҳонӣ, ки ба ин ё он тарз бо захираҳои об алоқаманданд, бар асари шиддати равандҳои таъсироти

антропогенӣ ва тағйирёбии иқлим харобгардида ҳисобида мешаванд. Раванди мазкур ба ҳаҷм, ҳолат ва самаранокии захираи обҳои истифодашаванда, пеш аз ҳама, оби нӯшокӣ таъсири ногувор мерасонад. Зиёда аз ин, ҳамбастагии зичи об, муҳити зист ва иқлим зудтағйирёбанда гардида, ба афзоиши офатҳои гидрометеорологӣ мусоидат менамояд ва бад-ин васила ба тамоми соҳаҳои фаъолияти хоҷагии халқ таъсири манфӣ мерасонад. Махсусан, тағйирёбии иқлим, ки пеш аз ҳама, аз ҳисоби таъсиррасонӣ ба захираҳои об ба ҳаёти ҳаррӯзаи одамон дигаргунӣ ворид менамояд, ҷомеаи ҷаҳониро ба мушкилоти бузурге – обшавии босуръати пиряхҳо рӯ ба рӯ гардонидааст. Ин мушкилот дар масири расидан ба ҲРУ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кишвари кӯҳсор ва дорои захираҳои бузурги глятсиологӣ аст, монеаи ҷиддӣ мегузорад.

Мушкилоти коҳишёбии пиряхҳо ва камшавии майдони яхбандиҳо ва на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои тамоми минтақаи ҳавзаи баҳри Арал ва умуман, кураи арз масъалаи бағоят хатарнок ва ҳалталаб мебошад. Ҳарчанд далелҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки суръат ва тамоюли тағйирёбии майдони яхбандиҳо дар давраҳои гуногуни геологӣ яксон нест, вале обшавии пиряхҳо дар замони муосир суръати бесобиқа касб кардааст. Тадқиқоти яхшиносӣ собит мекунанд, ки дар марҳилаҳои гуногуни ташаккули глятсиологию климатологии сайёра давраҳои таҳаввул ва таназзули зиёди яхбандӣ ҷой доштааст. Истифодаи намунаҳои пешбинӣ гардидани раванди тағйирёбии иқлим барои пешгӯии динамикаи яхбандиҳо натиҷаҳои ноустувор нишон медиҳад. Мувофиқи маълумоти яке аз намунаҳо гармшавии иқлим ба камшавии захираҳои оби минтақа меорад, вале тибқи арзёбиҳои дигар коҳиши яхбандиҳо бо афзоиши миқдори боришот ҷуброн мешавад, ки дар натиҷаи он маҷрои оби дарёҳо бештар мегардад. Чунин гуногунии арзёбиҳои қаблии тағйирёбии маҷрои об аз мушкилоти ҳалли масъалаи мазкур ва зарурати тадқиқи тағйирёбии иқлиму динамикаи пиряхҳои ноҳияҳои яхистон, аз ҷумла Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад. Бо вуҷуди ин, бо суръати баланд обшавии пиряхҳо ва тамоюли зиёд пайдо намудани коҳишёбии майдони яхбандиҳо дар тамоми ноҳияҳои яхистони кураи арз ба назар мерасад.

Маҳз бо назардошти ин нукта Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масоили об ва иқлим (соли 2021), иброз намуданд, ки: «Мутаассифона, имрӯзҳо мо босуръат об шудани яхро дар Арктика, Антарктида ва Гренландия мушоҳида менамоем. Ҳамчунин, тағйироти ҷиддӣ дар пиряххҳои воқеъ дар хушкӣ низ ба амал омада истодаанд. Тибқи ҳисоботи «Баҳодиҳии Ҳимолой дар Ҳиндукуш» бошад, мо аллакай то охири садсолаи ҷорӣ метавонем зиёда аз се ду ҳиссаи пиряххҳои Ҳимолойро аз даст диҳем. Вазъи ба ин монанд дар пиряххҳои Помир низ ба вуҷуд омада истодааст, ки обшавии бузургтарин пиряхи воқеъ дар хушкӣ дар Тоҷикистон намунаи возеҳи ин гуфтаҳо мебошад». Суханони Президенти Тоҷикистонро, ки арзёбии комилан дақиқе оид ба динамика ва дурнамои пиряххҳои ноҳияҳои яхистони кураи арз мебошанд, ГКБТИ низ собит менамояд. Зеро ба андозаи 1,5°С афзудани ҳарорати ҳаво, олимону коршиносон пешгӯӣ мекунанд, ки ҳадди ақал нисфи пиряххҳои имрӯза то соли 2100 аз байн мераванд. Аз соли 1990 инҷониб дар лавҳаи азими яхбандии Гренландия 4,890 млрд тонна ва давоми солҳои 1992-2020 дар майдони бузурги яхистони Антарктика 2,670 млрд тонна об шудани ях далели бармалои коҳишёбии пиряххҳо дар минтақаҳои қутбии сайёраи Замин аст.

Дар баробари суханони Президени Ҷумҳурии Тоҷикистон сенарияи гармшавии миёна ҳам нишон медиҳад, ки то охири асри XXI дар ноҳияҳои баландкӯҳи Осиё ~50% ва дар минтақаҳои яхистони Осиёи Марказӣ ва Ғарбӣ анқариб 70% пиряххҳо аз байн мераванд. Тибқи арзёбиҳо то соли 2100 дар сеяки 56 ҳавзаи пиряххҳои бузург маҷрои солонаи оби дарёҳо беш аз 10% коҳиш меёбанд, ки камшавии зиёдтарин ба навоҳии кӯҳсори Осиёи Марказӣ ва Анд рост меояд.

Чун кӯҳсори Осиё, дар ноҳияҳои кӯҳсори Аврупо, яъне дар Алп низ раванди коҳишёбии пиряххҳо бо мурури замон, дақиқан бо афзоиши ҳарорати ҳавои атмосфера ва кам шудани миқдори боришот дар фасли сармо суръат гирифта, давоми солҳои 2016-2021 ҳаҷми ях 12% кам шудааст. Айнан чунин манзараро ноҳияи яхистони Қафқози Бузург ошкор намудаанд, ки давоми солҳои 1986-2014 майдони пиряххҳо аз 692 то 590 км$^2$ коҳиш ёфтааст. Ба андешаи пажӯҳишгарон, бо чунин суръати баланд

обшавии пиряхҳои Қафқоз ба баландшавии ҳарорати ҳавои тобистона, зиёдшавии радиатсияи офтобӣ аз ҳисоби тағйирёбии сиркулятсияи ҳаво ва бартарӣ пайдо кардани антисиклонҳои тобистона вобастагӣ дорад.

Мувофиқи гузориши СҶО, раванди обшавии босуръат пиряхҳои гармтарин қитъа – Африқо низ ба баланд шудани ҳарорати ҳаво алоқаманд буд, давоми 30 соли охир тамоюли гармшавӣ дар ин қитъа назар ба ду давраи сисолаи қаблӣ (1931-1960 ва 1961-1990) бештар афзудааст. Аз ин рӯ, пиряхҳои ҳар се минтақаи асосии яхистони ин қитъа, яъне Кения, Килиманҷаро ва Рвензор то соли 2040 эҳтимолан аз байн раванд, зеро гармшавии иқлим дар Африқо нисбат ба суръати миёнаи гармшавии Замин тезтар рух медиҳад.

Ҳамин тавр, таҳлилу муқоисаи далелҳои болозикр аён мегардад, ки пиряхҳои тамоми ноҳияҳои яхистони кураи арз дар раванди таназзул қарор доранд ва омили асосии он гармшавии глобалии иқлим ҳисобида мешавад. Маҳз ҳамин буҳрони глятсиологӣ ва хатари пайомадҳо аз обшавии босуръати пиряхҳо дар тамоми манотиқи кураи арз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун шахсияти ташаббускор ва пешгоми ғояҳои ҷаҳонии обу иқлим водор намуд, ки ҷиҳати пешгирӣ аз ин мушкилот дар сатҳҳои миллию байналмилалӣ тадбирҳои мушаххасу саривақтиеро пешбарӣ намоянд.

Дар сатҳи миллӣ бошад, бо мақсади ҳифзи пиряхҳо, маҳз бо раҳнамоии бевоситаи Сарвари давлат дар Тоҷикистон «Барномаи давлатии омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳои Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030» (2.09.2010, №417) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» (3.01.2024, №2026) қабул гардид, ки дар раванди амалшавӣ қарор доранд. Ҳадаф аз қабули барнома ва қонуни болозикр омӯзиши пайвастаи пиряхҳо, банақшагирӣ ва амалӣ намудани чорабиниҳо, мониторинги мунтазами ҳолати пиряхҳо ва барфҳои доимӣ ҷиҳати ба таври фаврӣ қабул намудани тадбирҳои самарабахш оид ба паст кардани таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳо, дар маҷмӯъ, барои тамоми соҳаҳо мебошад.

Дар сатҳи байналмилалӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ҷалби бештари диққати ҷомеаи

ҷаҳонӣ ба масъалаи таназзулёбии пиряххо, се ташаббуси муҳиммеро, ки ба масоили пиряххо марбутанд, яъне соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо, Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо ва Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряххоро пешниҳод намуданд. Албатта, иқдомҳои навбатӣ идомаи мантиқии ташаббусҳои қабилии Президенти Тоҷикистон буда, онҳоро дар самти расидан ба ҲРУ тақвият мебахшанд.

Дар маҷмӯъ, пиряххо дар ташаккули захираҳои оби минтақаҳои гунонуни сайёра, махсусан ноҳияҳо кӯҳсор саҳми бузург дошта, ҳамчун махзани бузурги гидрологӣ хизмат мекунанд ва дар рушди соҳаҳои экология, кишоварзӣ ва гидроэнергетика аҳамияти меҳварӣ доранд. Бештар аз ин, пиряххо дар танзими иқлим нақши бағоят бузург доранд, яъне онҳо тавассути инъикоси афканишоти офтоб (албедо) дар муътадил гардонидани раванди афзоиши ҳарорат кумак мекунанд. Сабаби асосии инъикоси радиатсияи офтоб аз пиряххо дар он аст, ки сатҳи болоии онҳо асосан аз барф ва ях иборат аст ва ранги сафед доранд. Аз нигоҳи оптикӣ ранги сафед тамоми нурҳоро инъикос мекунад, зеро он қобилияти фурӯбарии хеле кам дорад. Аз ин рӯ, ҳар қадар сатҳи болоии пирях тоза ва шаффоф бошад, он ҳамон қадар афканишоти офтобиро бештар инъикос мекунад. Яъне, албедои пирях дар ҳар лаҳза ба ҳосиятҳои сатҳи он вобастагӣ дорад. Дар давраи аккумулятсия (давраи ҷамъшавии барф ё ғизогирии пирях) пиряххо қобилияти баланди инъикос дошта, дар давраи аблятсия (давраи ғизодиҳӣ) бошад, ин нишондиҳанда кам мешавад. Масалан, дар ноҳияи қутбӣ албедои барфи нав 0,85-0,9; барфи хушк – 0,8-0,85; қабати обшудаистодаи барф – 0,7, фирнаи пирях – 0,35-0,45; яхи обшудаистода – 0,35-0,4 мебошад. Аз ин ҷо бармало меградад, ки дар баробари бузургиҳои метеорологӣ чангу ғубор ва ифлосии ҳавои атмосфера низ ба раванди обшавии пиряххо мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, ҳар як ташаббуси ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси арзишшиносии воқеӣ ва заминаҳои амалӣ падид омада, бахри бартараф намудани як ё якчанд мушкилоти мавҷудаи глобалӣ роҳҳалҳои дақиқеро нишон медиҳад ва дар худ ҳадафҳои меҳвариеро таҷассум менамояд. Гузашта аз ҳама, ҳадафи асосии ин пешниҳодот ҳушдор додани ҷомеаи ҷаҳонӣ аз хавфи бузурге мебошад, ки дар сурати

муносибати нодуруст ба табиат ва истифода ноо҆қилонаи захираҳои табиӣ дар наздиктарин фурсатҳо мувоҷеҳ ба он мешавад. Яъне, ҷомеаи ояндаи инсонӣ бештар ба мушкилоти экологии марбут ба обу иқлим андармон мешавад. Ин мушкилот, печидагиҳо ва унсурҳои алоҳидаи онҳоро дарк намуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар симои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун ташаббускори масъалаҳои ҷаҳонии обу иқлим дар ҳамҷоягӣ барои ҳалли проблемаҳои ҷиддии экологӣ мусоидат кардан мехоҳад. Ва бо ин ҳама тасмимот ҷомеаи ҷаҳониро барои қазоват ва масъулият даъват менамояд.

## РАВАНДИ ОБШАВИИ ПИРЯХҲО ВА РОБИТАИ ОН БО ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

Мусаллам аст, ки таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба захираҳои об ба пайдоиши муаммоҳое, чун афзоиши ҳарорати ҳавои наздизаминӣ дар садаи охир, ки боиси коҳишёбӣ ва азбайнравии захираҳои об, аз ҷумла пиряхҳо гардидааст, мушкилоти экологии инсонро боз мураккабу афзун намуда, дар ин замина офатҳои фоҷиаборро ба бор овард. Аз ҷумла, мувофиқи Нишондиҳандаҳои рушди ҷаҳонӣ давоми 60 соли охир ҳарорати ҳаво дар сатҳи сайёра аз 0,5°C то 1,0°C афзуда, боиси таъсири амиқ ба захираҳои об, махсусан пиряхҳо гардидааст. Дар баробари ин, коршиносон арёзбӣ мекунанд, ки ин раванд ҳамасола ба иқтисодиёти ҷаҳон то 2 трлн доллари амрикоӣ хисорот ворид намуда, бо рушди демографӣ ҳиссаи замини кишти ба ҳар сари аҳолӣ ва таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ тадриҷан коҳиш меёбад. Азбаски дар тамоми манотиқи кураи арз қисми зиёди захираҳои об аз пиряхҳо сарчашма мегиранд, бинобар ин, таъсироти манфии гармшавии иқлим қабл аз ҳама дар коҳишёбии ҳаҷм ва майдони пиряхҳо мушоҳида мешавад.

Агар ба таърихи беш аз 130-солаи мониторинги системаи ҷаҳонии пиряхҳо назар намоем, мебинем, ки ҳанӯз соли 1894 дар рафти Конгресси VI-уми байналмилалии геологӣ дар Швейсария (Сюрих) Комиссияи байналмилалии пиряхҳо таъсис ёфта, ба мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо бунёд гузошт. Ҳанӯз он замон касе доир ба тағйирёбии иқлим ё гармшавии иқлим аз ҷониби инсон ҳарф намезад. Сипас, бори нахуст дар доираи

Даҳсолаи байналмилалии гидрологӣ (солҳои 1965-1974) таҳти сарпарастии ЮНЕСКО зарурати барӯйхатгирии ҷаҳонии массаи бисёрсолаи ях ва барф баррасӣ гардид. Соли 1986 аз ҷониби ЮНЕП, ЮНЕСКО ва СҶО Хадамоти мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо (WGMS) оид ба нигоҳдории маълумотҳои мушоҳидаю тағйирот дар пиряхҳо ба фаъолият шурӯъ намуд. Барномаи байниҳукуматии гидрологии ЮНЕСКО бошад, бахшида ба 100-солагии мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо монографияи «*Дар асри дуюми мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо*»-ро (соли 1988) ба нашр расонид ва дар таҳияву нашри *Таснифи байналмилалии барфҳои мавсимӣ дар сатҳи замин* (соли 2009) ва *Луғати (Глоссарий) тавозуни массаи пиряхҳо ва истилоҳоти марбут ба он* (соли 2011) мусоидат намуд.

Дар ин маврид бояд тазаккур дод, ки баҳри омӯзиши пиряхҳои Тоҷикистон ду маротиба (солҳои 1928 ва 1957) экспедитсияҳои бузурги илмию тадқиқотӣ созмон дода шуда, ҳолати пиряхҳо, қабати барф ва динамикаи шароитҳои метеорлогӣ дар ноҳияҳои яхистони кишвар мавриди мушоҳидаву омӯзиш қарор гирифтанд. Арзёбиҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки аз соли 1956 то соли 1990 захираи пиряхҳои Осиёи Марказӣ беш аз 3 маротиба коҳиш ёфтааст, ки ин ба ҳар соле, ба ҳисоби миёна 0,6-0,8% ва 0,1% кам шудани майдону ҳаҷми яхҳо баробар аст. Дар баробари ин, тибқи далелҳо, пиряхҳои Тоҷикистон, ки манбаи асосии дарёҳои ҳавзаи баҳри Арал мебошанд, давоми асри пор зиёда аз сеяки ҳаҷми худро гум кардаанд. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки зимни суханронии хеш дар ҷаласаи нахустини Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим ба ҳолат ва дурнамои пиряхҳои Тоҷикистон ва ҷаҳон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, минҷумла дар баробари раванди босуръати таназзули пиряҳои Арктика, Антарктида ва Гренландия, аз тағйироти ҷиддӣ дар пиряхҳои континенталӣ (хушкӣ) ёдовар гардиданд. Зеро аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ, танҳо давоми 70-80 соли охир пиряхи Тоҷикистон беш аз як километр ақибнишинӣ карда, масоҳаташ то 44 $км^2$ ва ҳаҷмаш 15 $км^3$ коҳиш ёфтааст.

Аз ин ҷо аён мегардад, ки ҳеҷ як натиҷаю дастовардҳои ниҳодҳои минтақавию байналмилалӣ раванди таназзулёбии пиряхҳо ва коҳишёбии майдонҳои яхистонро ба андозаи

ташаббуси VI-ми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, яъне Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо (соли 2025), Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо (21 март) ва таъсиси Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряххо, ба таври возеҳу равшан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон дода натавонистанд. Зеро иқдоми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти пиряххоро ҳамчун ҷузъи таркибии даври гидрологӣ ва таъсири обшавии босуръати онҳоро ба иқлим, муҳити зист, экосистемаҳо, саломатии аҳолӣ ва рушди устувор махсусан зикр намуда, таъсири гармшавии глобалии иқлимро боиси коҳиш густурдаи криосфера арзёбӣ менамояд. Ва дар натиҷаи таъсири манфии гармшавии глобалии иқлим устуворӣ дар ноҳияҳои кӯҳсор коҳиш ёфта, миқдору мавсими маҷрои об ва захираҳои обро дар ҳавзаи дарёҳои барфу пиряхдор, аз ҷумла ҳавзаи дарёҳои Тоҷикистон тағйир додааст ва маҳз ин омил ба паст шудани маҳсулоти кишоварзӣ, афзоиши норасоии об ва баландшавии сатҳи оби баҳру уқёнусҳо таъсир мерасонад.

Аз ин ҷо бармало мегардад, ки тағйирёбии глобалии иқлим ба масъалаи бағоят муҳимми ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асри XXI табдил ёфта, он на танҳо мушкилоти кишвари алоҳида ё минтақавӣ, балки мушкилоти тамоми кураи арз ва инсоният мебошад ва маҳз тағйирёбии иқлим боиси баландшавии ҳарорати ҳавои наздизаминии атмосфера, густариши биёбоншавӣ, коҳишёбии захираҳои об, вусъатёбии раванди пиряххо дар сатҳи сайёра, аз ҷумла Тоҷикистон, зиёдшавии офатҳои марбут ба он гардидааст. Ҳарчанд Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партовҳои газҳои гулхонаӣ дар миқёси минтақа ва ҷаҳон саҳми ночиз дорад, вале яке аз кишварҳои ба раванди мазкур осебпазир арзёбӣ мешавад. Тавъам ба ин, обшавӣ пиряххо ва коҳишёбии майдонҳои яхистон на танҳо барои Тоҷикистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ, балки барои тамоми кишварҳои ҷаҳон ташвишовар мебошад. Фарзи мисол, аз рӯйи арзёбиҳо, давоми 70 соли охир 98%-и майдонҳои яхистони Венесуэла коҳиш ёфта, мувофиқи пешгӯйии коршиносон, пиряхҳои Индонезия, Мексика ва Словения бо ин мушкил рӯ ба рӯ мешаванд ва дар маҷмӯъ, то соли 2100 аз 20 то 80 дарсади пиряҳои кураи арз ба ҳолати амиқи таназзулёбӣ гирифтор мешаванд. Албатта, раванди мазкур дар ҳолест, ки 60%

захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ аз пиряххои Тоҷикистон сарчашма мегиранд.

Мусалламан, мушкилоти мавҷуда ва дигар масоили марбут ба онро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амиқан ва бо диди хеле фарох таҳлилу баррасӣ намуда, пасон «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро ҳамчун иқдоми моҳияти ҷаҳонию инсонидошта пешниҳод намуданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пиряхҳоро захираи асосии оби соф арзёбӣ карда, изҳор доштанд, ки обшавии босуръати онҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки бо афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои бағоят манфӣ оварда расонад. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки обшавии пиряхҳои Арктика, Антарктида ва дигар ноҳияҳои яхистони наздик ба баҳру уқёнусҳо боиси баландшавии сатҳи Уқёнуси ҷаҳонӣ гардидааст ва ин омил, дар навбати худ метавонад ба ҳаёт ва накӯаҳволии садҳо миллион сокинони сайёра, хусусан дар кишварҳои хурди ҷазиравӣ ва манотиқи наздисоҳилии онҳо, таҳдид ба бор орад. Маҳз бо назардошти ин мушкилот, иқдоми навбатии Сарвари давлат, ки чандин иқдоми тавъам ба он ва наҷибро дар бар мегирад, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хушнудӣ пазируфта шуд ва санаи 14 декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии СММ зимни баргузории иҷлосияи 77-уми худ Қатъномаи «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро бо иттифоқи оро ва ҷонибдории 153 кишвари ҷаҳон пазируфт. Ва ҳамин тавр, пешниҳодоти ироашудаи ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шахсияти Сарвари хирадманду дурандеши он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби раёсат ва кишварҳои узви СММ дастгирӣ ёфтанд:

– Эълон гардидани 21-уми март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;

– Эълон шудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;

– Дар назди СММ таъсис додани Бунёди бовари байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряхҳо;

– Дар соли 2025 (29-31 май) баргузор намудани нахустин Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе.

Маврид ба зикр аст, ки ҳадафи меҳварии Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар доираи Соли байналмилалӣ ҳифзи пиряхҳо пешбурди талошҳои ҷаҳонӣ ҷиҳати коҳиш додани таъсироти манфии тағйирёбии иқлим ба пиряхҳо, бартараф намудани раванди обшавии пиряхҳо ва таъсироти густурдаи он тавассути амалиёти муштарак, навовариҳои илмӣ ва ҳамоҳангии фаъолияти сиёсӣ байни кишварҳо ва ниҳодҳои минтақавию байналмилалӣ, тавассути сафарбар намудани захираҳо ва мусоидат ба ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад. Ҳамзамон, зерҳадафҳои асосии конфронси мазкур аз тақвият бахшидани тадқиқоти илмӣ ва мониторинги динамикаи пиряхҳо, коҳиш додани оқибатҳои иқтисодию иҷтимоии раванди таназзулёбии пиряхҳо ва пешбурди стратегияҳои ҳамгирошудаи мутобиқнамоӣ, аз қабили системаҳои огоҳкунии бармаҳал ва коҳиши хатари офатҳои табиӣ иборат мебошад. Аз ин рӯ, бо боварии комил метавон гуфт, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчунин дар татбиқи саривақтии дигар ҳадафу уҳдадориҳои марбут ба обу иқлим ва пиряхҳову экология, бахусус баргузории Конфронси байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, ки рӯзҳои 29-31 майи соли 2025 дар шаҳри Душанбе баргузор хоҳад гашт, саҳм хоҳад гузошт.

Ҳамин тавр, барои ҳифзи пиряхҳо ва коҳиш додани таъсири тағйирёбии иқлим, кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ, пешбурди таҷрибаҳои устувор ва дастгирии тадқиқот оид ба ҳифзи пиряхҳо бағоят муҳим аст ва ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки дар масири мубориза бо тағйирёбии иқлим чораҳои муштараки саривақтӣ андешад:

*Коҳиш додани партови газҳои гулхонаӣ.* Гузариш ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия, баланд бардоштани самаранокии энергия ва қабули энергияи устувор амалия, интихоби дурусту устувори ҳар як фард барои кам кардани партови газҳои гулхонаӣ бо ҳаракатҳои шахсӣ, аз ҷумла интихоби дуруст ва устувор дар рафти фаъолияти ҳаёт метавонанд нақши калон гузоранд. Ҳарчанд ин дар назари аввал ночиз менамояд, вале дар маҷмӯъ аҳолӣ метавонад миллиардҳо тонна $CO_2$, $CH_4$, $N_2O$ ва дигар газҳои заҳрнокро сарфа кунад. Интихоби дурусти устувор ва қадамҳои муҳим дар масири мубориза бо тағйирёбии иқлим, кам кардани истеъмоли аз меъёр зиёди гӯшт ва истифодаи ҷойивазкунандаи он бо

маҳсулоти лӯбиёгӣ, хариди маҳсулоти маҳаллӣ, хариди ашёи таъмиршаванда, истифодаи энергияи барқароршаванда, сарфа намудани барқ дар хона, бештар пиёдагардӣ ё бо велосипед, поезд, электроавтобус, троллейбус сафар кардан ва амсоли инҳо мебошанд.

*Ҳифзи экосистемаҳо*. Ҳифзи ҷангалҳо ва барқарорнамоии онҳо, ботлоқзорҳо, боғҳову манзараҳо, системаи экологии баҳриву укёнусӣ ва дигар экосистемаҳои табиӣ ба танзими иқлим ва азхудкунии гази карбон кӯмак мекунанд. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки бо ин мақсад, бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон *Барномаи мушаххаси давлатӣ оид ба кабудизоркунӣ барои давраи то соли 2040*, қабул гардидааст ва ҳадафи асосии он ба коҳиш додани газҳои гулхонаӣ, барқарорсозии ҳолати экологии ҳавои атмосфера, нигоҳдории устувори тавозуни табиӣ, мутобиқшавӣ ба равандҳои тағйирёбии иқлим нигаронида шудааст.

*Мусоидат ба рушди устувор* равиши махсусу мушаххасест, ки ҳадафи он таъмини тавозун байни рушди иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ мебошад. Барои ҳифзи пиряхҳо ва экосистемаҳо рушди устувор нақши муҳим бозида, ба коҳиши таъсироти антропогенӣ ва тағйирёбии иқлим мусоидат менамояд. Дар ин самт бояд аз ҷониби кишварҳои мтараққӣ ба давлатҳои рӯ ба рушд, ки аз тағйирёбии иқлим осебпазиранд, барои инкишоф додани инфрасохтори устувор, дастрасӣ ва идоракунии устувори об, гузариш ба иқтисоди сабз дастгириро бештар намоянд, зеро агар кишварҳои бузурги саноатӣ дар партови газҳои гулхонаӣ саҳми асосӣ дошта бошанд, вале кишварҳое аз он бештар осеб мебинанд, давлатҳои рӯ ба рушд мебошанд. Бинобар ин, раванди мазкур имкон медиҳад, ки захираҳои табиӣ боэҳтиёт истифода шаванд ва экосистемаҳо, аз ҷумла пиряхҳо, ҳифз шаванд. Ин равиш ҳам барои ҳифзи табиат ва ҳам барои таъмини рушди иқтисодӣ, ки ба наслҳои оянда таъсири манфӣ намерасонад, муҳим мебошад.

*Баланд бардоштани огаҳӣ*: Омӯзиши аҳолӣ дар бораи аҳамияти пиряхҳо ва пайомадҳои манфии таназзулёбии онҳо барои баланд бардоштани уҳдадориҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи онҳо муҳим аст. Аз ҷумла, тавассути корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, навору гузоришҳои кӯтоҳи тарбиявӣ ба воситаи

ВАО (рӯзнома, маҷалла, радио, телевизион, сомонаҳои интернатӣ) ва ғ.

Дар маҷмӯъ, обшавии босуръати пиряххо мушкилоти глобалӣ буда, аз ҷомеаи ҷаҳонӣ татбиқи амалии чораҳои саривақтию таъхирнопазирро тақозо менамояд. Бо ҳалли масъалаҳои тағйирёбии иқлим, сармоягузорӣ ба равишҳову тадбирҳои мутобиқшавӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, инсоният метавонад дар ҳифзи ин захираҳои табиии ҳаётан муҳим ва таъмини оянддаи устувори наслҳои оянда мусоидат намояд. Бо андешидани чунин тадбирҳо, инсон метавонад барои таъмини устувори захираҳои табиӣ, махсусан обу пиряххо ва хидматҳои муҳими онҳо ба сайёраи ва бошандагони он мусоидат намоем.

## «ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ВА КРИОСФЕРА»

***қабули ин қатънома қадами устувор дар масири мутобиқнамоии ноҳияҳои кӯҳсор ба гармшавии глобалии иқлим аст***

Мушкилоти тағйирёбии глобалии иқлим, норасоии оби нӯшокӣ ва коҳишёбии пиряхҳо, ки масоили мураккабу ба ҳам алоқаманд мебошанд, барои тамоми кишварҳои кураи арз бағоят муҳим ва хатарнок арзёбӣ мегарданд. Зеро дар шароити муосир равандҳои тағйирёбии иқлим хеле вусъат ёфта, таъсири назарраси онҳо танҳо захираҳои табиӣ, минҷумла захираҳои обу пиряхҳо, балки тамоми ҷанбаҳои иқтисодию иҷтимоиро фаро гирифта, рушди устувори кишварҳоро халалдор менамояд. Аз ин рӯ, гармшавии глобалии иқлим, коҳишёбии захираҳои об, таназзулёбии босуръати пиряхҳо ва афзоиши хатари офатҳои марбут ба обу иқлим ба мавзуъҳои меҳварии рӯзномаи ҷаҳонӣ табдил ёфтаанд. Мусалламан, дар ҳалли мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим, захираҳои об ва ҳифзи пиряхҳо созмонҳо ва созишномаҳои минтақавию байналмилалӣ нақши бағоят муҳим доранд.

Маврид ба зикр аст, ки дар самти мубориза ба тағйирёбии иқлим дар миқёси ҷаҳонӣ ҳанӯз соли 1979 нахустин Конфронси ҷаҳонӣ оид ба иқлим баргузор гардида, дар натиҷаи он Барномаи ҷаҳонии иқлим қабул карда шуд. Дар асоси ин барнома, СҶО ва ЮНЕП соли 1988 ГКБТИ-ро таъсис доданд. Гурӯҳи мазкур аз соли 1990 инҷониб доир ба мушкилоти тағйирёбии глобалии иқлим гузоришҳоеро таҳия менамояд, ки

фаъолияти Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлимро ҳамчун созишномаи байналмилалии асосӣ дар ин самт тақвият мебахшанд. Гурзоришҳои арзёбии ҳолат ва дурнамои иқлими ҷаҳонӣ солҳои 1990, 1995, 2001, 2007, 2014 ва 2022 интишор ёфтаанд ва ҳамаи онҳо хусусияти антропогенӣ доштани гармшавии глобалии иқлимро ҷонибдорӣ менамоянд. Зиёда аз ин, аввалин ҷаласаи байналмилалӣ оид ба тағйирёбии иқлим соли 1966 дар шаҳри Лос-Анҷелес бо иштироки олимони ИҶШС ва ИМА баргузор гардид, ки зимни он таваҷҷуҳи асосӣ ба масоили устувории яххҳои баҳрии ноҳияҳои қутбӣ дар шароити тағйирёбии антропогении иқлим равон гардид. Сипас, солҳои 70-уми асри пор дар доираи «Созишномаи ИҶШС ва ИМА дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист», дар шаҳрҳои Тошканд (1976), Ленинград (1977), Душанбе (1978) ва Тбилиси (1979) як қатор симпозиумҳо дар бораи тағйирёбии антропогении иқлим баргузор шуданд.

Мувофиқи маълумоти СММ, доир ба масоили марбут ба захираҳои об дар тӯли таърих зиёд аз 3600 созишномаи байналмилалӣ ба имзо расида, абархе аз онҳо ба киштиронӣ, моҳидорӣ ва аломатгузории марз тааллуқ доштанд ва танҳо аз нимаи асри XIX инҷониб беш аз 400 созишномае қабул гардидаанд, ки истифодаи обро ҳамчун захираи табиӣ танзим менамоянд. Сарфи назар аз шумораи зиёди шартнома-ҳои байналмилалии амалкунанда дар бораи истифодаи обҳои фаромарзӣ, аввалин кӯшиши ба низом даровардани меъёрҳои татбиқшавандаи ҳуқуқи байналмилалии соҳа дар миёнаи солҳои 60-уми асри XX аз тарафи Ассотсиатсияи ҳуқуқи байналмилалӣ анҷом дода шуд. Яъне, дар асоси омӯзиши шартномаҳои байналмилалӣ, урфу одатҳо ва амалияи суди байналмилалӣ, ассотсиатсияи мазкур соли 1966 дар шаҳри Ҳелсинки «Қоидаҳои истифодаи обҳои дарёҳои байнал-милалӣ»-ро, ки бо номи Қоидаҳои Ҳелсинки маъруфанд, таҳия ва қабул кард. Ҳамин тавр, соли 1992 аз тарафи Комиссияи иқтисодии авруопии СММ Муоҳида оид ба ҳифз ва истифодаи маҷрои обҳои фаромарзӣ ва кӯлҳои байналмилалӣ таҳия ва қабул карда шуд, ки аз соли 1996 мавриди амал қарор дорад. Муоҳидаи мазкур доираи амали универсалӣ дошта, асосҳои ҳуқуқии ҳамкориҳои кишварҳоро дар бахши ҳифз ва истифодаи оқилонаи обҳои фаромарзӣ фароҳам меорад. Вале муқаррароти

он на ба идоракунии захираҳои об, балки ба самти қоидаҳои умумии мушкилоти экологӣ нигаронида шудааст. Ба муоҳидаи мазкур дар шаҳри Лондон соли 1999 Протокол оид ба масоили об ва саломатӣ қабул гардид, ки пешгирӣ, маҳдуднамоӣ ва кам кардани хатари паҳншавии бемориҳои марбут ба обро фаро мегирад.

Дар самти омӯзишу пажӯҳиши пиряхҳо бошад, нахустин Комиссияи байналмилалии пиряхҳо соли 1894 зимни баргузории Конгресси VI-уми байналмилалии геологӣ дар шаҳри Сюрих (Швейсария) таъсис ёфта, ба мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо асос гузошт. Вале дар он вақт олимон дар бораи мушкилоти тағйирёбии иқлим ва ё гармшавии иқлим тавассуроти дурусте надоштанд. Сипас, дар доираи Даҳсолаи байналмилалии гидрологӣ барои солҳои 1965-1974 таҳти сарпарастии ЮНЕСКО зарурати тақвияти донишҳои илмӣ, пешбурди маориф ва омода кардани мутахассисон дар самти ҳифз ва истифодаи захираҳои об ба миён гузошта шуд. Дар баробари ин, барӯйхатгирии ҷаҳонии массаи бисёрсолаи ях ва барф яке аз ҳадафҳои меҳварии даҳсолаи мазкур арзёбӣ шуда, дар натиҷаи он соли 1975 Барномаи байналмилалии гидрологӣ таҳия ва қабул гардид. Сипас, соли 1986 аз тарафи ЮНЕП, ЮНЕСКО ва СҶО Хадамоти мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо (WGMS) доир ба нигоҳдории маълумотҳои мушоҳида ва тағйирот дар пиряхҳои сайёра ба фаъолият шурӯъ кард. Барномаи байниҳукуматии гидрологии ЮНЕСКО бахшида ба 100-солагии мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо китоби «*Дар асри дуюми мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо*»-ро (соли 1988) ба нашр расонида, «*Таснифи байналмилалии барфҳои мавсимӣ дар сатҳи Замин*» (соли 2009) ва «*Луғати (Глоссарий) тавозуни массаи пиряхҳо ва истилоҳоти марбут ба он*»-ро (соли 2011) таҳия ва интишор намуд.

Сарфи назар аз таърихи иҷмолии болозикр дар бораи ташаккул ва пешрафти кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар масири мубориза бо тағйирёбии иқлим, истифодаи захираҳои об ва ҳифзи пиряхҳо, ҳеҷ яке аз ин иқдомҳо натавонистанд чун ташаббусҳои ҷаҳонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мушкилоти марбут ба ин се ҷузъи ба ҳам алоқаманди табиати сайёраро, ки динамикаи яке аз онҳо ба

дигаргунии системаи дигар ҷузъҳо оварда мерасонад, пайваста ва мунтазам пайгирӣ намуда, бахри бартарафнамоии пайомади онҳо тадбирҳои мушаххасу саривақтӣ пешниҳод созанд. Зеро ташаббусҳои байналмилалии Пешвои муаззами миллат дар соҳаи обу иқлим – *Соли байналмилалии оби тоза* (соли 2003), *Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015»*, *Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об* (соли 2013), *Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»*, *Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо* (соли 2025), *Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера (солҳои 2024-2025)* ва *Таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи захираҳои об ва тағйирёбии иқлим барои рушди устувор дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором* (25.04.2025) дар асоси андешаву таҳлилҳои борикбинона, мӯшикофона ва нуктасанҷонаи бевоситаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯйи кор омада, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта гардидаанд ва дар заминаи ин иқдомот Созмони Милали Муттаҳид 15 қатъномаи дахлдор қабул кардааст, ки далели равшани каломи болост.

Ҳамзамон, дар доираи ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат солҳои 2003-2025 дар Душанбешаҳр 11 форум ва конфронсҳои сатҳи баланд доир гардиданд, ки бархе аз онҳо аввалин маротиба баргузор шуданд ва инчунин, дар миқёси байналмилалӣ назир надоранд. Аз ҷумла, дар доираи аввалин ташаббуси ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 29.08-01.09.2003 нахустин Форуми байналмилалӣ оид ба мушкилоти оби тоза доир гардид, ки Душанбешаҳрро ба «пойтахти ҷаҳон оид ба оби тоза» табдил дод. Дар баробари ин, дар таърихи беш аз 130-солаи мушоҳидаву пажӯҳиши пиряхҳо, маҳз дар доираи иқдоми панҷуми ҷаҳонии Пешвои муаззами миллат, рӯзҳои 29-31.05.2025 нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо баргузор гардид. Ҳамчунин, дар доираи ташаббуси дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», пас аз 46 сол дуюмин конференсияи сатҳи ҷаҳонӣ, яъне Конференсияи СММ оид ба масоили об (22-24.03.2023) баргузор гардид. Аз ин ҷост, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон онро конференсияи таърихӣ номида, иброз доштанд, ки «*Конфронси мазкур таърихӣ аст, зеро он дар таърихи Созмони Милали Муттаҳид бори дуввум –*

*баъди қариб 50 сол ба вуқуъ пайваст. Мо – мизбонони Конфронс дар ин ҷода талошҳои зиёд кардем ва умед дорем, ки он аз рӯи натиҷаҳои самарабахши худ таърихӣ хоҳад гардид*».

Бояд тазаккур дод, ки Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо дар баробари аввалин конференсияи сатҳи ҷаҳонӣ дар самти омӯзиш, мушоҳида ва ҳифзи пиряххо будан, на танҳо барои тасдиқи амалии қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ дар бораи соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо, 21 март – Рӯзи ҷаҳонии пиряххо замина гузошт, балки дар доираи он саъю талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар масири татбиқи қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ (A/RES/77/172) таҳти унвони *Нақшаи панҷсолаи амал барои рушди навоҳии кӯҳсор барои солҳои 2023-2027* муттаҳид гардид, харитаи роҳ барои расидан ба ҳадафҳои *Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера барои солҳои 2024-2025* муайян карда шуд, ҳадафҳои амалии *Барномаи қолабии Сендай оид ба коҳиши хатари офатҳо барои солҳои 2015-2030* тақвият ёфтанд, натиҷаҳои миёнамуҳлати татбиқи аҳдофи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ҳамаҷониба баррасӣ гардиданд ва дигар амалҳои марбут ба об ва уҳдадориҳои сиёсӣ дар ҳама сатҳҳо, аз ҷумла тавассути Рӯзномаи амалиёти об, барои ҳалли мушкилоти соҳаҳои об, иқлим ва пиряххо густариш ёфтанд.

Тибқи маълумоти ЮНЕСКО ва СҶО, тақрибан 70% оби ширини нӯшокӣ дар саросари ҷаҳон дар пиряххо ва лавҳаҳои яхӣ мавҷуд буда, бинобар тағйирёбии глобалии иқлим ташаккулёбии пиряххо босуръат коҳиш меёбад. Аз ин рӯ, ҳифзи ин захираҳои ҳаётан муҳим барои устувории экологӣ, суботи иқтисодӣ ва инчунин, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва васоити зиндагӣ бағоят муҳим аст. Зеро пиряххо, алалхусус пиряххои ноҳияҳои кӯҳсор на танҳо дар тавозуни гидрологию метеорологӣ, балки иҷтимоию иқтисодии ин минтақаҳо нақши муҳим доранд. Онҳо дар баробари захира намудани оби ширин, ба шароитҳои иқлимӣ, реҷаи гидрологӣ, рушди сайёҳӣ ва вазъи иҷтимоию фарҳангии ҷамоаҳои маҳаллӣ низ таъсир бевосита мерасонанд. Бо назардошти ин нуктаҳо, дар доираи *Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо* (соли 2025) таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қабл аз ҳама ба густариши системаи мониторинги ҷаҳонии пиряххо бо мақсади беҳгардонии ҷамъоварӣ ва

таҳлили маълумотҳо, таҳияи системаҳои огоҳкунии бармаҳал доир ба хатари офатҳои марбут ба пиряххо, пешбурди идоракунии устувори захираҳои об дар манотиқе, ки аз пиряххо вобастаанд, ҳифзи мероси фарҳангии марбут ба иқлиму пиряххо, баланд бардоштани савияи дониши аҳолӣ ва ҷалби ҷавонон барои татбиқи ташаббусҳо дар самти ҳифзи пиряххову амалҳои иқлимӣ равона гардид.

Бо вуҷуди ин, мушоҳидаю далелҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки дар саросари ҷаҳон 2,2 млрд нафар ба оби тозаи нӯшокӣ ва 3,5 млрд нафар ба беҳдоштии бехатару идорашаванда дастрасӣ надошта, зиёда аз 2 млрд нафар бевосита аз оби дар ноҳияҳои кӯҳсор ташаккулёбанда истифода мебаранд. Аз рӯйи амсиласозиҳои иқлимӣ, ҳарорат то охири асри ҷорӣ барои сенарияи минималии партови газҳои гулхонаӣ 0,3-1,7°C ва барои сенарияи максималии партовҳо 2,6-4,8°C меафзояд. Агар то соли 2100 ҳарорати ҳавои наздизаминӣ 1,5-4°C боло равад, он гоҳ 26-41% массаи пиряххои манотиқи кӯҳсор зери хатари ҷиддӣ қарор мегирад. Маҳз бо назардошти ин масоили ҳалталаб, Пешвои муаззами миллат ба ҳалли мушкилоти глобалии экологӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, иқдомҳои наҷибу саривақтӣ пешниҳод менамоянд.

Боиси ифтихор аст, ки зимни баргузории Иҷлосияи 7-уми СММ оид ба муҳити зист (UNEA) рӯзҳои 8-12 декабри соли 2025 дар қароргоҳи ЮНЕП дар шаҳри Найроби (Кения), қатъномаи ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «*Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳсор*» бо иттифоқи оро қабул гардид. Мавзуи меҳварии иҷлос «*Таҳияи роҳҳои ҳалли устувор барои сайёраи устувор*» унвон дошта, дар он таваҷҷуҳи асосӣ ба имконоти рушд ва мутобиқнамоии ноҳияҳои кӯҳӣ дар шароити муосир, махсусан дар раванди тағйирёбии глобалии иқлим равона шудааст. Ҳамчун ҳуҷҷатҳои натиҷавии UNEA-7 11 қатънома қабул шуда, қатъномаи 10-ум (UNEP/EA.7/Res.10) – «*Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳсор*» аз тарафи ду кишвари кӯҳсор – Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Перу пешниҳод гардидааст. Қабули ин қатънома бори дигар нақши бориз ва саҳми назарраси Тоҷикистонро таҳти сарварӣ ва роҳнамоии бевоситаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пешбурди Рӯзномаи

ҷаҳонии обу иқлим, аз ҷумла ҳифзи пиряххо дар арсаи ҷаҳонӣ собит намуд.

Қабули қатъномаи «*Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳсор*» далели бармалои эътирофи баланди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор ва пешоҳанги ҳалли масоили марбут ба об, иқлим ва пиряххо буда, нақши бузурги меҳани моро дар таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати ҳифзи муҳити зист ва таъмини ояндаи устувори башарият нишон медиҳад. Зеро иқдоми мазкур идомаи мантиқии ташаббусҳои қаблии байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим буда, аз ҳамаи давлатҳои аъзо ва шарикони рушд даъват ба амал меорад, ки саъю талошҳои худро дар самтҳои андешидани тадбирҳои саривақтӣ оид ба ҳифзи пиряххо, мубориза бо тағйирёбии иқлим, густариши ҳамкории байналмилалӣ ва баланд бардоштани устувории экологӣ тақвият бахшанд. Дар робита ба ин мавзуи бағоят муҳим, ҳассос ва ҳалталаб, Пешвои миллат зимни ироаи Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (16.12.2025) ибрoд доштанд, ки «*мавзуи ҳифзи пиряххо, омӯзиши илмҳои криосфера ва амалисозии ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим аҳаммияти стратегӣ ва ҷаҳонӣ доранд*». Маҳз бо мақсади пурсамар намудани фаъолияти илмӣ, густариш додани тадқиқоти илмӣ ва тақвият бахшидани ҳамкориҳои илмӣ ва муаррифию амалинамоии иқдомҳои ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ Сарвари давлат Муассисаи давлатии илмию тадқиқотии «Маркази омӯзиши пиряххои Академияи миллии илмҳо»-ро ба Муассисаи давлатии илмию тадқиқотии «Институти омӯзиши пиряххо ва криосфераи Академияи миллии илмҳо» табдил доданд.

Ҳамин тавр, қабули қатъномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «*Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳсор*» дар Иҷлосияи 7-уми СММ оид ба муҳити зист ҳамчун рӯйдоди муҳим ва дорои аҳамияти таърихӣ арзёбӣ гардида, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба масоили марбут ба пиряххо ва криосфера ҷалб менамояд, роҳҳои ҳалли мушкилоти онро нишон медиҳад, масирро барои ҳамкориҳои байналмилалӣ тақвият мебахшад ва ба таъмини амнияти иқлимию

рушди устувори экологӣ шароиту заминаҳои муосид фароҳам меорад.

## ТАШАББУСИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, КИ БАРОИ ҚОРАИ ОСИЁ МАНИФАТОВАР АСТ

Боиси хушнудист, ки баробари дигар ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба мушкилоти об, тағйирёбии иқлим, ҳифзи пиряххо, бухронҳои экологӣ, дар таърихи 25 апрели соли 2025 зимни баргузории ҷаласаи 81-уми Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ барои Осиё ва уқёнуси Ором (UN Economic and Social Commission for Asia and the Pacific), иқдоми дигари кишвари мо таҳти унвони «*Таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаи об ва тағйирёбии иқлим бо мақсади рушди устувор дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором*» бо иттифоқи оро қабул гардид. Тибқи қарори мазкур, ҷонибҳо аз ташаббусҳои ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба баргузории нахустин Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо (29-31.05.2025) ва Ҷаласаи минтақавии омодагӣ ба Конфронси оби СММ дар соли 2026, ки дар Аморати Муттаҳидаи Араб (2-4.12.2026) баргузор мегардад, истиқбол намуда, аз ҳама кишварҳои узви СММ, сохторҳои он ва дигар созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, тарафҳои манфиатдор даъват ба амал оварданд, то дар ин чорабиниҳо ширкат варзанд. Зиёда аз ин, дар қатънома таъкид шудааст, ки эълон гардидани Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо (соли 2025), Рӯзи ҷаҳонии пиряххо (21 март) ва доир намудани аввалин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими ҳасбастагии байналмилалӣ заминаю шароитҳои муосид фароҳам меоранд. Зеро аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтани иқдомоти Пешвои миллат ва аз дар заминаи онҳо қабул гардидани қатъномаҳои махсуси СММ нақши бузург ва саҳми назаррас доштани Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар пешбурди рӯзномаҳои ҷаҳонии обу иқлим, аз ҷумла дастрасӣ ба оби нӯшокӣ, ҳифзи пиряххо, коҳиши газҳои гулхонаӣ, рушди энергетикаи сабз ва дигар масоили экологӣ дар арсаи байналмилалӣ собит менамоянд.

Иқдоми навбатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи Комиссияи иқтисодию иҷтимоии СММ барои Осиё ва уқёнуси

Ором қабул гардид, ҳамкориҳои байнидавлатии кишварҳои Осиё ва ҳавзаи укёнуси Оромро дар бахшҳои об, иқлим ва рушди устувор тақвият мебахшанд. Зеро тибқи иттилои СҶО, раванди гармшавии иқлим дар Осиё, ки бузургтарин қитъаи кураи арз буда, аз Нимкураи ҷанубӣ то Арктика тӯл мекашад, аз меъёри миёнаи ҷаҳонӣ баланд аст ва мувофиқи гузориши созмони мазкур «*State of the Climate in Asia 2022*», суръати афзоиши ҳарорат дар ин қора давоми солҳои 1991-2022 назар ба солҳои 1961-1990 тақрибан ду маротиба афзудааст. Бузургии миёнаи ҳарорати ҳаво дар Осиё барои соли 2022 нисбат ба қимати миёнаи солҳои 1991-2020 0,72°С баланд буда, аз рӯйи маълумоти «*State of the Climate in Asia 2024*» бошад, ҳарорати миёна дар соли 2024 назар ба нишондоди миёнаи сисолаи болозикр тақрибан 1,04°С зиёд мебошад. Дар баробари ин, тибқи арзёбии «*State of the Climate in Asia 2023*», дар раванди тағйирёбии иқлим минтақаи Осиё ва ҳавзаи укёнуси Ором назар ба дигар минтақаҳои кураи арз аз ҳама ноҳияи осебпазир буда, барои навоҳии наздисоҳилии он тӯфону обхезӣ ва барои манотиқи кӯҳсораш селу ярч бештар хатар доранд ва хисорот меорад.

Мусаллам аст, ки гармшавии иқлим боиси афзоиши офатҳои табиии хусусияти обу ҳаво ва иқлимидошта гардида, танҳо соли 2022 дар қитъаи Осиё 81 офати табиии марбут ба обу ҳаво, иқлим ва об рух додааст ва беш аз 83% ин офатҳоро обхезию тӯфонҳо ташкил медиҳад. Ин офатҳо сабабгори марги беш аз 5 000 нафар аҳолӣ шудаанд, ки 90% фавтидагон ба обхезӣ марбут мебошад. Дар соли 2023 низ беш аз 80% офатҳои хусусияти гидрометеорологидоштаи ин қораро обхезию тӯфон ташкил медиҳад, ки дар пайи 79 офати қайдгардида зиёда аз 2 000 нафар одамон фавтида, беш аз 9 млн нафар зарар дидаанд. Дар соли 2024 бошад, тӯфони тропикии Яги ба кишварҳое, чун Ветнам, Лаос, Таиланд, Чин, Мянма ва Филиппин хисороти зиёди молию ҷонӣ овард, давоми 70 соли охир дар минтақаи Осиёи Марказӣ калонтарин обхезӣ рух дод, пас аз соли 1949 дар шарқи нимҷазираи Араб пуршиддатарин боришот ба қайд гирифта шуд ва аз хушксолие, ки то моҳи сентябр идома ёфт, танҳо дар Чин 4,7 млн нафар осеб дида, 335 200 га киштзор хароб гардид.

Дар баробари хушксолиҳо, Пойгоҳи байналмилалии иттилоотии Deutsche Welle бо истифода аз арзёбиҳои ГКБТИ иттилоъ медиҳад, ки агар инсон дар давраи қабл аз инқилоби саноатӣ ҳар 10 сол як маротиба боришоти шадидро аз сар мегузаронд, айни замон миқдори боришоти сел 30% зиёд шудааст. Дар сурати 1,5°С афзудани ҳарорати ҳаво миқдори боришоти сел афзуда, 50%-ро ташкил медиҳад ва боиси 10,5% зиёд шудани намии таркиби ҳаво мегардад. Агар ҳарорати ҳаво 2°С баланд шавад, он гоҳ шароити обу ҳавои фавқулодда нисбат ба давраи пешазсаноатӣ 70% ва намии таркиби ҳаво 14% меафзояд. Аз ин ҷост, ки бар асари офатҳои табиии соли 2022 дар қораи Осиё рухдода зиёда аз 50 млн нафар одамон бевосита таъсир дидаанд ва хисороти умумии ин ҳодисаҳо 36 млрд долларро ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ, хисороти иқтисодии хушксолии соли 2022 барои қитъаи Осиё аз қимати миёнаи зарари хушксолиҳои солҳои 2002-2021 тақрибан 200% (2,6 млрд доллар) зиёд мебошад. Тавъам ба ин, дар қисми зиёди навоҳии қора беобӣ ва тӯфонҳои шадиди чангу ғубор ба амал омада, тӯфонҳо дар тарафи ғарбии қитъа ба ҳаёт ва фаъолияти аҳолӣ хисороти ҷиддӣ ворид намудаанд.

Бинобар ин, тақрибан 80% кишварҳои узви СҶО аз Осиё хидматрасонии иқлимиро барои дастгирии коҳиш додани хатари офатҳои табиии гидрометеорологӣ пешниҳод мекунанд. Вале, дар ахборе, ки қариб 50% кишварҳои узви ин созмон аз Ассотсиатсияи минтақавии II (Осиё) дар бораи пешгӯиҳои иқлимӣ ва маълумоти соҳавӣ (иттилооте, ки барои идоракунии хатарҳо, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва коҳишдиҳии пайомадҳои он заруранд) пешниҳод мекунанд, норасоӣ ҷой дорад. Ташаббуси навбатии Пешвои миллат, ки барои таҳкими ҳамкориҳо ва тақвияти рушди устувори қораи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором дар раванди шиддат ёфтани бухронҳои метеорологӣ, гидрологӣ ва экологӣ нигаронида шудааст, метавонад халогии мавҷударо пур намояд.

Зеро аз нуқтаи назари климатогеографӣ, шамолҳои Атлантикӣ дар вақти ҳаракат аз сатҳи Авруосиё ба ҳавои континенталӣ табдил ёфта, тобистон ниҳоят гарм ва зимистон хеле сард мешаванд. Ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки дар болои қораи Осиё тобистон минтақаи фишори паст ва зимистон ноҳияи фишори баланд ташаккул ёбад. Чунин тақсим

гардидани фишори ҳаво дар арзҳои муътадилу субтропикии қитъаи Осиё гардиши муссониро ба вуҷуд меорад, ки он қисми шарқии қораро фаро гирифта, вобаста ба орография (шабакаи дарёӣ) ба минтақаҳои дохилӣ ворид намешавад. Бинобар ин, дар фасли зимистон вобаста ба сард шудани анбӯҳи ҳавои ғарбии уқёнуси Ором дар ноҳияҳои дохилии Осиё минтақаи калонтарини иқлимии ҷаҳон – антисиклони осиёгӣ ба вуҷуд омада, дар ташаккули иқлими тамоми қитъаи Осиё нақши бузург дорад.

Манотиқи фишори баланд ба тарафи шарқ ва ҷанубу шарқ тӯл кашида, дар болои уқёнусҳои Ором ва Ҳинд ба навоҳии фишори паст таъсир мерасонанд. Ин намуди тақсимшавии ҳаво дар фасли зимистон анбӯҳҳои ҳаворо аз минтақаҳои антисиклонии шарқӣ ва ҷанубу шарқ кашида, ба муссонҳои континенталии сарду хушк мубаддал мегардонад, ки таъсири он ба тамоми материк мерасад. Ба канораҳои субтропикии ғарбии Осиё бошад, дар фасли сармо зери таъсири фаъолияти сиклонӣ ҳавои намноки Атлантикӣ ворид мешавад ва баъзе солҳои даврзании ҳавои ғарбӣ то ҳавзаи дарёи Ҳинд низ мерасад. Нимҷазираҳои Ҳинд, Ҳиндухитой ва Филиппину Индонезия дар фасли зимистон зери таъсири бодҳои ниҳоят калони уқёнуси Ором ва пассатҳои шимолу шарқӣ, ки аз канори он мегузарад, мемонанд. Дар ин ноҳияҳо он нақши муссонии хушки зимистониро бозида, вобаста ба орография қисман боришот медиҳад. Аммо нимҷазираи Арабистон дар фасли сармо таҳти таъсири бодҳои хушки ниҳоят азими қисми шимолии уқёнуси Атлантика қарор мегиранд ва аз ин рӯ, дар ин давра дар қисми зиёди қораи Осиё боришот коҳиш меёбад.

Минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун ноҳияи марказии қитъаи Осиё ҳамеша зери таъсири ду омили бузургу муҳими таҳрикдиҳандаи иқлими глобалӣ – Лаппиши Атлантикаи шимолӣ ва Эл-Нино ё Лаппиши ҷанубӣ қарор мегирад ва аз ин рӯ, тағйирёбии шароитҳо ва тамоюлоти иқлимии минтақа ин ҳоидисаҳои иқлими глобалӣ робитаи зич доранд. Зуҳури шадиди ҳодисаи Эл-Нино боиси афзоиши эҳтимолии хушксолӣ дар ҷануби Осиёи Марказӣ ва навоҳии атрофи Каспий гардида, инкишофи фазаи манфии лаппиши Атлантикаи шимолӣ ба зиёдшавии боришот дар манотиқи ҷанубии Аврупо, ҳавзаи баҳри Миёназамин ва Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад.

Давоми 40 соли охири асри пор тамоюли лаппиши Атлантикаи шимолӣ асосан мусбат буда, дар даҳсолаи 1990-2000 ба қимати максималии худ расидааст, вале давоми бистсолаи охир тамоюли лаппиши мазкур бештар ба ҳолати нейтралӣ наздик мебошад. Аз ин рӯ, дар натиҷаи таъсироти мавҷҳои гарми ҷануб ва фазаи нейтралӣ аз ғарб боис бар он шудааст, ки асосан дар Осиёи Марказӣ ва баъдан, дар паҳнкӯҳҳои Осиёи Шарқӣ, навоҳии дохилии нимҷазираҳои Ҳиндустон ва Ҳиндухитой зимистони хушк ва қариб бе барф ҳумфармо гардад. Нимҷазираи Арабистон ниҳоят хушк буда, танҳо дар соҳилҳои баҳри Миёназамин зери таъсири бодҳои ғарбӣ ва ҷанубу шарқӣ, ки аз уқёнус муссонҳои зимистона меоранд, дар фасли сармо нисбатан боришоти зиёде ба мушоҳида мерасад. Дар маҷмӯъ, қисми зиёди қораи Осиё фасли зимистон зери ҳавои хушку камбориш мемонад, вале дар ноҳияҳои шимолӣ (Муғулистон) ҳарорати миёна -20°C ва баъзан то -50°C мерасад.

Бо фарқ аз дигар ноҳияҳои қораи Осиё минтақаи Осиёи Марказӣ ба таъсири тағйирёбии иқлим, ки бо нарасидани об, таназзули замин, коҳишёбии пиряххо ва афзоиши офатҳои табиӣ (хушксолӣ, обхезӣ, ярч) алоқаманд аст, хеле осебпазир мебошад. Дар ин минтақа, ҳамасола тағйирёбии иқлим боиси талафоти ҷонӣ, муҳоҷиршавии иҷборӣ, халалдор шудани соҳаҳои хидматрасонӣ, осеб дидани инфрасохтор, вайрон шудани тавозуни экологӣ гардида, ба бахшҳои асосӣ, аз қабили нақлиёт, энергетика, хоҷагии об, тандурустӣ ва ғайра таъсири манфӣ мерасонад. Аз рӯйи арзёбии Барномаи ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ, ки ба он Афғонистон, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Муғулистон, Озарбойҷон, Покистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Узбекистон ва Чин шомиланд, назар ба дигар офатҳои табиӣ аз ҳама бештар обхезӣ ба амал меояд ва обхезиҳои давоми солҳои 2000-2024 ба минтақа беш аз 1 трлн доллар хисорот овардаанд. Аз ҷумла, мувофиқи маълумоти Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ, офатҳои табиие, ки давоми солҳои 1997-2009 дар Тоҷикистон рух додаанд, боиси марги 933 нафар одамон шуда, 1,15 млрд сомонӣ хисорот оварданд. Махсусан, обхезиҳои солҳои 1998-1999 аз рӯйи миқёс хеле калон буда, ба кишоварзӣ ва инфрасохтор 55 млн доллар зарар расонидаанд.

Ҳарчанд хушксолиҳо нисбат ба обхезиҳо хисороти камтар доранд, вале аз рӯйи микёси географӣ онҳо мутаносибан харобиовартар буда, давоми беш аз ду даҳсолаи охир минтақаи Осиёи Марказӣ аз ҳисоби хушксолиҳо 370 млрд доллар хисорот дидааст. Тибқи маълумоти Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ барои Осиё ва уқёнуси Ором, хушксолӣ яке аз хатарҳои ҷиддии экологӣ барои Осиёи Марказӣ буда, ҳамасола беш аз 39% заминҳои кишти минтақа, аз он 1,33% дар ҳолати хушксолии шадид ва 0,23% дар ҳолати хушксолии бағоят шадид, таҳти таъсири хушксолӣ қарор доранд. Дар маҷмӯъ, дар Тоҷикистон хушксолӣ дар 47% тамоми ҳудуди он, дар Узбекистон – 89,5%, дар Туркманистон – 88%, дар Қазоқистон – 76% ва дар Қирғизистон дар 42,4% тамоми марзи кишвар ба мушоҳида мерасад. Аз рӯйи мушоҳидаҳои метеорологӣ, агар шадидтарин хушксолӣ дар минтақа соли 2000 ба қайд гирифта шуда, аз он танҳо дар Тоҷикистон 3 млн нафар аҳолӣ (нисфи аҳолии вақт) зарар дида бошанд, аз рӯйи микёси фарогирӣ, хушксолии соли 2019 беш аз 75% ҳудуди Осиёи Марказиро фаро гирифт, ки аз соли 1981 ин ҷониб хушксолии бузургмиқёс мебошад.

Табиист, ки хушксолӣ бо гармшавии иқлим робитаи қавӣ дошта, тибқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳарорати миёнаи ҳаво то соли 2050 то 2-4°С ва то соли 2090 то 3-5°С гарм мешавад ва миқдори боришоти атмосферӣ дар ноҳияҳои ҳамвори он то 10-20% коҳиш меёбад. Албатта, чунин тамоюли шароитҳои метеорологӣ, ба афзоиши хатари хушксолиҳо, тӯфонҳои ҷангу ғубор, таназзули заминҳои кишоварзӣ ва ифлосшавии ҳавои атмосфера мусоидат менамояд. Аз ҷумла, хушксолии соли 2021 дар баъзе минтақаҳои Қазоқистон боиси то 70% талаф ёфтани ҳосили ғалладона гардид, дар Узбекистон норасоии об истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро 15% коҳиш дод, дар Қирғизистон аз соли 1960 ин ҷониб майдони пиряххо тақрибан 1% кам шудааст ва Тоҷикистон бошад, аз соли 1930 ин ҷониб пиряххо 30% коҳиш ёфтаанд. Ангораҳои гуногун нишон медиҳанд, ки ин тамоюл дар ҳоли густариш буда, тавъам бо гармшавии иқлим майдони яхбандиҳои минтақа коҳиш меёбад. Агар ин раванд бо суръати кунунӣ идома ёбад, давоми 30-40 соли оянда масоҳати пиряхҳои Тоҷикистон 15-20% кам шуда, эҳтимолан пиряхҳои

хурд аз байн мераванд. Дар Тиён-Шони шимолӣ (Қазоқистон) бошад, дар беҳтарин ҳолат то соли 2100 нисбат ба соли 1955 пиряхҳо 60% коҳиш меёбанд ва дар бадтарин ҳолат то соли 2080 пурра аз байн мераванд. Дар Қирғизистон низ миқдори пиряхҳо мунтазам кам шуда, аз рӯйи амсилаҳои иқлимӣ то соли 2050 аз 44 то 83% ва то соли 2100 аз 64 то 95% коҳиш меёбанд. Бо вуҷуди ин, дар оянда бо мураккабшавии тағйирёбии иқлим ва шиддатёбии буҳронҳои экологӣ, кишварҳои Осиёи Марказӣ бо рушди иқтисодию демографӣ ба мушиклоти ҳалталаби метеорологӣ, гидрологӣ ва экологӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

Аз ин рӯ, ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «*Таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаи об ва тағйирёбии иқлим бо мақсади рушди устувор дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором*», чун иқдомҳои қаблӣ маҳз бо назардошти мушкилоти болозикр ва дар марҳилаи бағоят ҳассос рӯйи кор омада, барои ҳалли ин масъалаҳо заминаи бунёдӣ ва қадами устувор мегузорад. Ҳадафи меҳварии ташаббуси тақвият бахшидани ҳамкории байни кишварҳои қораи Осиё, алалхусус давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ҳавзаи уқёнуси Ором ва инчунин, ҷалби доираи васеи ҷонибҳои манфиатдор барои бартараф намудани буҳронҳои марбут ба обу иқлим тавассути тадбирҳои мукаммалгардонии мутобиқишавӣ, идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об ва ҳалли синергетикии мушкилоти гидрометеорологӣ, дар заминаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ, муколамаҳои минтақавӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ мебошад. Дар ин раванд Тоҷикистон ҳамчун кишвари пешгоми ҳалли мушкилоти глобалии экологӣ, уҳдадориҳои худро дар назди Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим иҷро намуда, Протоколи Киото ва СИП-ро ба тавсиб расонид ва 4 статегияи миллиро (*Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030*; *Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030*; *Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037*; *Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040*) қабул намудааст, ки дар миқёси минтақа назир надоранд ва барои бархе кишварҳо ҳамчун ҳуҷҷатҳои намунавӣ истифода мешаванд. Зиёда аз ин, бо роҳбарии бевоситаи Сарвари давлат

«*Барномаи давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов барои давраи то соли 2032*» ва «*Барномаи кабудизоркунии табиати кишварро то соли 2040*» таҳия ва қабул гардиданд, ки баҳри ҳалли мушкилоти марбут ба обу экология нақши меҳварӣ доранд.

Ҳамин тавр, ташаббусҳои байналмилалӣ, тадбирҳои саривақтӣ, ҳуҷҷатҳои экологӣ ва чорабиниҳои соҳавӣ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шахсияти Сарвари он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯйи кор меоянд, нақши меҳварӣ ва саҳми назаррас доштани кишвари моро дар ҳалли мушкилоти глобалии экологӣ бозгӯ намуда, метавонанд ҳамдигарро тақвият диҳанд ва комил гардонанд. Масалан, конфронсҳои якум, дуюм ва сеюми байналмилалии сатҳи баланд, ки дар доираи ташаббуси дигари Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – «Раванди оби Душанбе», давоми солҳои 2018, 2022 ва 2024 дар пойтахти ҷумҳурӣ – Душанбешаҳр доир шуданд, барои баргузории муваффақонаю натиҷабахши конфронсҳои оби СММ дар солҳои 2026 ва 2028 заминаи хуб мегузоранд.

## РАВАНДИ ОБИ ДУШАНБЕ – АРСАИ АМАЛ ДАР ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ҶАҲОНИИ ОБ

Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварӣ ва роҳнамоии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, тавъам ба пешбурду татбиқи амалии ҳадафҳои Рӯзномаҳои ҷаҳонии обу иқлим ва пешниҳоди иқдомҳои глобалии марбут ба захираҳои об, тағйирёбии иқлим, ҳифзи пиряххо, дар баргузории ҳамоишу чорабиниҳои сатҳи баланди байналмилалию минтақавӣ таҷрибаи бузург дорад.

Зеро захираҳои об яке аз омилҳои калидии рушди устувори иҷтисоию иқтисодӣ, амнияти озуқаворӣ ва устувории экологӣ маҳсуб ёфта, масъалаҳои норасоии об, таназул ёфтани экосистемаҳои обӣ ва идоракунии онҳо характери глобалӣ пайдо кардааст. Аз ин лиҳоз, ташаббусҳои глобалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим ва гузаронидани чорабиниҳои сатҳи баланд бо ҷонибдории СММ, заминаи мустаҳкам барои ҳамкорӣ ва муколама ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои рушди устувор фароҳам овард.

Чи тавре бармало мегардад, чорабиниҳои болозикр мазкур ва конференсияҳои байналмилалии сатҳи баланд дар ҳамкори бо СММ дар шаҳри Душанбе ва дигар кишварҳо барои таъмини татбиқи мақсадҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар доираи Раванди оби Душанбе имконияти саривақти ва беназир барои ташаккули муҳити мусоид ва платформаи мустаҳкам, рушди шарикӣ, пешбурди муколамаи сиёсӣ, баррасии амалишавии барномаи Даҳсола ва инчунин алоқаманди ба дигар равандҳои мавҷуда дар ҳали мушкилот марбут ба заҳираҳои об шароити мусоид фароҳам овард.

Бинобар гармшавии глобалии иқлим, ифлосшавии ҳавои атмосфера, коҳишёбии захираҳои об, таназзул ёфтани пиряххо, биёбоншавӣ, афзоиши аҳолӣ, талабот ба об, алалхусус оби тозаи нӯшокӣ афзуда, боиси зиёдшавии таъсир ба захираҳои об гардидааст. Дар чунин шароит ягона механизме, ки то андозае чунин таъсирасониро коҳиш медиҳад, идоракунии устувору ҳамгироёна ва истифодаи оқилонаи захираҳои об мебошад. Вале, тадбирҳо оид ба беҳтар намудани амалҳо ва тақвият бахшидани татбиқ аз динамикаи афзоиши мушкилоти экологӣ тадриҷан оқиб мондаст. Дар баробари ин, тағйирёбии шадиди иқлим ба манбаҳои захираҳои об зери таъсир қарор дода, ба гирдгашти гидрологӣ вусъат бахшида, равандҳои обу ҳаворо (обхезӣ, хушксолӣ) афзуда, ба тағйирёбии даврияти мавсими боришот мусоидат кардааст. Ҳамзамон, талаботи афзоянда ба об дар соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, саноат, таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ дар раванди гармшавии иқлим тадриҷан дарёфти усулҳои мутобиқшавиро ба ин равандҳо ва пайдо кардани имконоти дастрасӣ ба манбаъҳои обро (алалхусус, дар минтақаҳое, ки ба норасоии об дучор шудаанд) боз ҳам мушкил мегардонад. Яке аз таъсири манфии гармшавии иқлим ва оқибатҳои ногувори он муҳоҷирати аҳолӣ (экологӣ, иҷборӣ) буда, ба рушди ногаҳонии ҳодисаҳои тағйирёбии обу ҳаво алоқаманд аст ва тибқи ҳисобҳо, дар соли 2016 беш аз 23 млн нафар аҳолӣ бар асари офатҳои табиии хусусияти иқлимидошта муҳоҷир шудаанд.

Мувофиқи Гузоришҳои UN-Water оид ба рушди ҷаҳонии захираҳои об, ки аз соли 2003 ин ҷониб бо номҳои гуногун интишор меёбанд, айни замон дастрасӣ ба оби тоза дар тамоми

гӯшаю канори кураи арз ба таври назаррас коҳиш ёфта, ҳоло 2,2 млрд нафар бидуни дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ умр ба сар мебаранд ва 3,5 млрд нафар аз беҳдошти бехатари об маҳруманд. Мувофиқи ангораҳои ба ҳам алоқаманди рушди демографӣ, гармшавии иқлим ва норасоии оби нӯшокӣ, шумораи аҳолии дар давоми сол тӯли як моҳ пурра бо мушкилоти об дучоршаванда, аз 3,6 млрд нафари имрӯза ба 4,8-5,7 млрд нафар дар соли 2050 афзуда, миқдори аҳолии дар минтақаҳои хатари сел зиндагикунанда аз 1,2 млрд нафари имрӯза то ба 1,6 млрд нафар мерасад. Дар баробари ин, аз соли 2002 то 2021 беш аз 1,4 млрд нафар аҳолии Замин аз хушксолӣ осеб дида, то соли 2022, тақрибан нисфи сокинони кураи Замин соле ҳадди ақкал як маротиба бо мушкилоти об рӯ ба рӯ мешаванд, ки чоряк ҳиссаи онҳоро дараҷаи ниҳоят баланди камбуди об ташкил медиҳад.

Маврид ба зикр аст, ки истеъмоли об аз ибтидои солҳои 80-уми асри XX инҷониб соле то 1% афзуда, ки ин раванд бо афзоиши аҳолӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва гармшавии глобалии иқлим вусъат меёбад. Тибқи арзёбиҳо, то соли 2050 талабот ба об, бинобар афзоиши талаботи истифодаи об дар соҳаҳои санотаию маишӣ, бо чунин тамоюл афзуда, ин афзоиш нисбат ба сатҳи имрӯзаи истеъмоли об 20-30%-ро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин, гармшавии глобалии иқлим ва тағйирёбии даврияти боришот ба коҳишёбии захираҳои об мусоидат намуда, басомад ва шиддати ҳодисаҳои фавқулоддаро афзоиш медиҳад ва ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, Гузориши UN-Water оид ба рушди ҷаҳонии захираҳои об, беҳтар намудани идоракунии захираҳои об, дастрасӣ ба об ва хидматрасониҳои беҳдоштиро яке аз роҳҳалҳои муассир дар масири рушди иқтисодию иҷтимоии ҷомеаи ҷаҳонӣ арзёбӣ намуда, таъмини оби нӯшокии бехатар ва беҳдошти онро аз ҳуқуқҳои асосии инсон эътироф кардааст.

Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, дар Гузориши UN-Water таҳти унвони «Сифати об», панҷ равиши ба ҳам алоқаманди (арзёбии манбаъҳои об (1); захираҳои об дар макон ва экосистемаҳо (2); арзёбии инфрасохтори хоҷагии об барои ҳифз, истифода, истифодаи такрорӣ ё афзоиши таъминоти об (3); арзёбии хизматрасонии хоҷагии об, асосан оби нӯшокӣ, беҳдошт ва омилҳои марбут ба саломатии инсон (4); арзёбии об

ҳамчун захира барои фаъолияти истеҳсолӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, ба монанди хӯрокворӣ, кишоварзӣ, энергетика ва саноат, тиҷроат ва шуғл (5) ва дигар арзишҳои иҷтимоию фарҳангии об, аз ҷумла ҷанбаъҳои фароғатӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ) захираҳои арзёбии об нишон нишон дода шудааст. Ин усулҳо дар манотиқи мухталифи кураи Замин дар асоси таҷриба санҷида шуда, имконоти мувофиқ овардани арзишҳои марбут ба захираҳои обро тавассути равишҳои идоракунии ҳамгироёна, маблағгузорӣ ва баланд бардоштани савияти дониши истифодабарандагон тақвият мебахшанд. Бо вуҷуди ин, ҳадафҳои СММ дар масири таъмини дастрасӣ ба оби нӯшокӣ то соли 2030, аз ҷумла SDG 6, ҳанӯз ҳам амалӣ нашуда, баръакс дар ин самт нигарониҳо ҷой доранд, ки ба нобаробарии рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо марбут мебошад.

Ба мақсади татбиқи амалӣ ва пайгирии ҳадафҳои масоили болозикр, моҳи декабри соли 2016 Маҷмаи Умумии СММ зимни баргузории Иҷлоси 71-ум ташаббуси навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро таҳти унвони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» қабул кард, ки ҳадафи меҳварии он дастгирии рушди устувор ва идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об, тақвияти ҳамкорию шарикии ноилшавии ҳадафу вазифаҳо дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашудаи марбут ба захираҳои об, аз ҷумла Рӯзномаи рушди устувор барои давраи то соли 2030 мебошад.

Дар робита ба Нақшаи амали СММ ва татбиқи ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», Ҳукумати Тоҷикистон, барои тақвияти талошҳои байналмилалӣ Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои муколамаи сиёсӣ, шарикӣ ва амалҳо дар бахши захираҳои об ва рушди устувор, палтформаи комилан наверо таҳти унвони Раванди оби Душанбе рӯйи кор овард, ки дар доираи он ҳар ду сол дар сатҳҳои ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ конференсияҳои сатҳи баланди марбут ба захираҳои об баргузор карда мешаванд. Бояд зикр намуд, ки дар доираи Раванди оби Душанбе се конференсия байналмилалии сатҳи баланди: якум (20-21.07.2018), дуюм (6-9.06.2022) ва сеюм (10-13.06.2024) дар

шаҳри Душанбе ва Конференсияи СММ оид ба захираҳои об (22-24.03.2023) дар дафтари СММ, шаҳри Ню-Йорк (ИМА) баргузор гардида, ва Коференсияҳои чоруми байналмилалии сатҳи баланд оид ба об 25-28 майи соли 2026 дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад.

Дар доираи Коференсияи якуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», ки оғози татбиқи ҳадафҳои даҳсолаи мазкур аст, шаш чорабинии канорӣ (Пешбурди фановарӣ дар бахшҳои хоҷагии об ва кишоварзӣ баҳри хоҷагиҳои деҳқонии хурд, Ҷаласаи «Лоиҳаи тадқиқоти донишҷӯён оид ба идоракунии устувори захираҳои табиӣ дар Осиёи Марказӣ ва Афғонистон», Мутахассисони ҷавон дар соҳаи захираҳои об, Муҳоҷират дар асри коҳишёбии захираҳои об, Татбиқи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муколамаи ҷамъиятӣ оид ба ҳадафи VI-ми рушди устувор (SDG 6) дар соли 2018) баргузор гардида, барои муҳокимаи васеи масоили марбут ба об ва мавзуъҳои афзалиятноки конференсия шароитҳои мусоид фароҳам оварданд. Ҳамчунин, дар фарҷоми конференсия се ҳуҷҷати натиҷавӣ – Хулосаи ҳамраисон (1), Эъломияи ниҳоӣ, ки аз ҷониби намояндагони давлатҳо ва созмонҳо бо иттифоқи оро қабул гардид (2) ва Даъват ба амалҳо ва шарикӣ, ки аз тарафи Котиботи Коференсияи якуми байналмилалии сатҳи баланд таҳия шудааст (3), қабул гардид.

Дар Эъломияи ниҳоии коференсияи мазкур хулоса ва тавсияҳои муҳим инъикос ёфта, аз кишварҳои узв ва дигар ҷонибҳои манфиатдор даъват ба амал меорад, ки дар соҳаи об сармоягузорӣ намуда, истифодаи самараноки захираҳои обро тақвият бахшанд, нобаробариҳои соҳаро бартараф кунанд ва дастрасии ҳамагониро ба оби нӯшокии бехатар ва беҳдошти онро таъмин намоянд. Ҳамчунин, дар ин ҳуҷҷат ташаббуси навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳар ду сол баргузор намудани конференсия оид ба татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» зикр гардида, аз ҳама кишварҳои узви СММ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор даъват менамояд, ки дар Раванди оби Душанбе фаъолона ширкат намоянд.

Конференсияи дуюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» таҳти унвони «Пешбурди амал ва шарикӣ дар соҳаи захираҳои об дар сатҳҳои маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ» баргузор гардида, барои сарҷамъ овардани роҳбарони сиёсӣ ва коршиносони соҳавӣ дар самти идоракунии захираҳои об ҷиҳати муҳокимаи мушкилоти мавҷуда ва ҳалли онҳо заминаю имкониятҳои нав фароҳам овард. Ҳадафи меҳварии конференсияи мазкур муайян кардани масоили асосии марбут ба идоракунии захираҳои об, таҳияи стратегияҳо барои беҳтар намудани дастрасӣ ба оби нӯшокӣ ва тақвияти ҳамкорӣ байни ҳукуматҳо, созмонҳо ҷонибҳои манфиатдор ва ҷомеаи шаҳрвандӣ баҳри таъмини рушди устувор буда, дар доираи он роҳҳои ҳавасмандгардонии иштироки ҷомеа дар раванди қабули қарорҳо дар сатҳҳои мухталиф баррасӣ гардид. Дар кори конференсия беш аз 2600 нафар аз 75 кишвар ва 634 созмони миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ ва инчунин, зиёда аз 500 нафар ба таври маҷозӣ (on-line) иштирок намуда, андешаҳои хешро доир ба масъалаҳои баррасишаванда, аз ҷумла пешбурди амалҳову шарикӣ дар соҳаи захираҳои об барои саҳмгузорӣ дар ҳама сатҳҳо ва равишҳои ноил гардидан ба ҳадафҳо иброз намуданд.

Мувофиқи барномаи Конференсияи дуюми байналмилалии сатҳи баланд, дар доираи он панҷ форум («Форуми ҳамкории минтақавии об дар Осиёи Марказӣ», «Форуми занон ва об: баробарӣ, гуногунӣ ва фарогирӣ – об моро муттаҳид мекунад», «Форуми об ва ҷавонону кӯдакон», «Форуми мардуми таҳҷоӣ ва ҷамоаҳои маҳаллӣ: равишҳои фарогир ба об дар экосистемаҳо, замин, кишоварзӣ ва рушди дониш» ва «Об ва кӯҳҳо дар масири рушди устувор») баргузор гардида, мавзуъҳои меҳварии онҳоро аҳамияти об барои солимии ҷомеа, нақши об барои ҳаёт ва рушди иқтисоди фарогир, об, муҳити зист ва баланд бардоштани устуворӣ ба тағйирёбии иқлим ва маориф, технология ва тақвият бахшидани огоҳию савияти дониши аҳолӣ такшил медиҳанд.

Дар рафти Конференсияи сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», 9 форум (Форуми Осиёи Марказӣ оид ба об ва тағйирёбии иқлим, Форуми Африқо оид ба об

таҳти унвони «Баррасии пешрафт ва таҳияи консепсияи оби Африқо барои давраи пас аз соли 2025», Форуми 3-юми минтақавии созмонҳои ҳавзавӣ, Форуми байналмилалии пиряххо, Форуми кӯдакону ҷавонон оид ба об ва иқлим, Форуми бонувон ва об, Форуми илм ва технология, Форуми бахши хусусӣ, Форуми байналмилалии парлумонӣ таҳти унвони «Захираҳои об ва устувории демографӣ ба манфиати ҷавонон»), 5 муколамаи интерактивӣ ва 18 чорабинии иловагӣ дар Китобхонаи миллӣ баргузор гардида, дар онҳо парламентарҳо, бахши хусусӣ, аҳли илм, бонувон, ҷавонон ва дигар гурӯҳҳои асосӣ тибқи ҳадафҳои конференсия ширкат варзиданд.

Ҳадафи форумҳо эҷоди платформаи иловагӣ баҳри муҳокимаи васеътари масъалаҳои марбут ба об дар байни табақаҳои гуногуни ҷонибҳои манфиатдор ё дар манотиқи алоҳида буда, имкон доданд, ки ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла бонувон, ҷавонон, гурӯҳҳои касбӣ, олимон, бахши хусусӣ ва умуман, тасмимгирандагону истифодабарандагони об дар татбиқи рӯзномаи об бо таваҷҷуҳ ба тақвияти фаъолият ва шарикӣ дар соҳаи об, дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҷалб карда шаванд. Муҳокимаҳо, хулосаҳо ва қарорҳои воқеӣ ва мувофиқ ба кори конференсияи мазкур ва баррасии Рӯзномаи рушди устувор барои давраи то соли 2030, махсусан доираи суръатбахши SDG 6 мусоидат намуданд. Форумҳои Конференсияи сеюми байналмилалии сатҳи баланд имкон фароҳам оварданд, то дар онҳо натиҷаҳои Конференсияи СММ оид ба захираҳои об (2023) ва конференсияҳои якуму дуюми оби Душанбе мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Дар асоси дастовардҳои конференсияи якум, дуюм ва сеюми Раванди оби Душанбе, Конференсияи СММ оид ба захираҳои об (2023) ва ҷиҳати омодагӣ ба Конференсияи СММ оид ба захираҳои об дар соли 2026 ва дар ин замина, бо мақсади суръат бахшидан ба пешрафт дар самти Ҳадафҳои рушди устувор ва дигар ҳадафҳои мувофиқашудаи байналмилалии марбут ба об, аз 25 то 28 майи соли 2026 Конференсияи чоруми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» доир мегардад. Дар конференсия пешбурди уҳдадориҳо, тақвияти ҳамкориҳо, дастгирии Рӯзномаи ҷаҳонии

об, натиҷаҳои конфересияҳои қаблӣ, ҳадафҳои даҳсолаи болозикр баррасӣ шуда, дар доираи он нишастҳои пленарии сатҳи баланд ва нуҳ ҷаласаи тахассусӣ, ки бо мавзуъҳои муколамаҳои интерактивии Конференсияи оби СММ-2026 ҳамоҳанг шудаанд, баргузор мегарданд. Яке аз чунин чорабиниҳои муҳим Форуми минтақавии «Илм, мониторинг ва идоракунии хатарҳои иқлимӣ» мебошад, ки ба 115-солагии пайдоиши кӯли Сарез бахшида шуда, чор бахши ба ҳам алоқамандро (115-солагии кӯли Сарез: таърих, тадқиқ ва устувории оянда (1), об, иқлим ва хатари офатҳои табиӣ дар манотиқи кӯҳсор (2), офатҳои табиии марбут ба об (3) ва Илм, мониторинг ва идоракунии хатарҳои обу иқлим (4))дар бар мегирад.

Ҳамзамон барномаи Конференсияи чоруми байналмилалии сатҳи баланд чорабинии минтақавии СММ барои омодагӣ ба Конференсияи СММ оид ба захираҳои обро дар соли 2026, ки аз ҷониби Комиссияи иқтисодию иҷтимоӣ барои Осиё ва Уқёнуси Ором ташкил карда мешавад, фаро гирифта, барои ҳамоҳангсозии мавқеъҳои минтақавӣ ва таҳкими саҳми дастаҷамъонаи онҳо дар Конфронси оби СММ дар соли 2026 ва Конференсияи СММ оид ба захираҳои об, ки соли 2028 дар ш. Душанбе барпо мекардад, имконияти муҳим фароҳам меорад.

Боиси зикр аст, ба рушди минбаъдаи Раванди оби Душанбе аз ҷониби Ассамблеияи Генералии СММ бо ташаббуси Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани соли 2025, соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва баргузории Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе ва қабули Эъломияи Душанбе аз натиҷаи он, аз ҷумла дар он эълон гардидани «Даҳсолаи амал барои рушди илмҳои криосфера, солҳои 2025-2034» мусоидат намуд.

Ба мақсади ҳалли масъалаҳои марбут ба об, ки ба тағйирёбии иқлим алоқаманд мебошад, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври фаъол ислоҳотро барои таҳияи системаи ягонаи ҳамгироишудаи идоракунии захираҳои об ва замин ва инчунин чорабиниҳоро оид ба мутобиқшавӣ ба иқлим амалӣ менамояд.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускори ғояҳои ҷаҳонии обу иқлим давоми солҳои соҳибистиқлолӣ ба беш аз 10

конвенсияи байналмилалии экологӣ ҳамроҳ гардида (Ҷадвали 2), дар заминаи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба барои иҷрои уҳдадориҳояш пайваста кушиш менамояд. Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ду ниҳоди бузурги ҷаҳонии марбут ба тағйирёбии иқлим ва захираҳои об – Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим ва Шурои ҷаҳонии об, ки мувофиқан аз соли 1995 ҳар соле конференсияҳои тарафҳои конвенсия ва аз соли 1997 ҳар се сол форумҳои ҷаҳонии обро баргузор менамоянд, фаъолияти назаррас дорад.

| **Конвенсия** | **Соли қабул** | **Соли эътибор** | **Ҳамроҳшавии Тоҷикистон** |
|---|---|---|---|
| Конвенсияи Вена оид ба ҳифзи қабати озон | 1985 | 1988 | 1996 |
| Конвенсияи СММ оид ба гуногунии биологӣ | 1992 | 1993 | 1997 |
| Конвенсияи СММ оид ба мубориза бар зидди биёбоншавӣ | 1994 | 1996 | 1997 |
| Протоколи Монреал оид ба моддаҳои вайрон-кунандаи қабати озон | 1987 | 1989 | 1998 |
| Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим | 1992 | 1994 | 1998 |
| Конвенсияи Ромсар оид ба ботлоқзорҳои дорои аҳамияти байналмилалӣ | 1971 | 1975 | 2000 |
| Конвенсияи Бонн оид ба ҳайвоноти кӯчии ёбоӣ | 1979 | 1983 | 2001 |
| Конвенсияи Орхус оид ба дастрас намудани иттилооти экологӣ, иштироки ҷомеа дар раванди қабули қарорҳо доир ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист | 1998 | 2001 | 2001 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Конвенсияи Стокголм оид ба ифлоскунандаҳои устувори органикӣ | 2001 | 2004 | 2002 |
| Конвенсия оид ба хариду фурӯши байналмилалии навъҳои набототи ёбоӣ ва ҳайвоноти ваҳшӣ | 1973 | 1975 | 2016 |
| Конвенсияи Базел оид ба назорати интиқоли байнисарҳадии партовҳои хатарнок ва нобудсозии онҳо | 1989 | 1992 | 2016 |

Ҳамзамон, Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои худ дар назди Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим чор Ахбори миллӣ доир ба тағйирёбии иқлим – якум (2002-2003), дуюм (2008), сеюм (2014) ва чорум (2022), Нақшаи миллии амал оид ба коҳиш додани тағйирёбии иқлим (2003), Гузориши якуми дусолаи бақайдгирии газҳои гулхонаӣ (2018) -ро омода намуда, ба котиботи он пешниҳод кардааст. Дар баробари ин, Ҳукумати кишвар чор стратегияи муҳимми миллии марбут ба мушкилоти захираҳои об ва тағйирёбии иқлим – Стратегияи миллии об барои давраи то соли 2040, Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллӣ оид ба коҳиши хатари офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030» ва Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» барои солҳои 2023-2037 қабул намуда, бахри татбиқи амалии онҳо аз тамоми воситаю имконот самаранок истифода менамояд.

Ҳамин тавр, Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварӣ ва роҳнамоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавзуъҳои меҳварии Рӯзномаҳои ҷаҳонии обу иқлимро дар арсаи байналмилалӣ мунтазам ва фаъолона пеш мебарад ва давоми беш аз ду даҳсола аст, ки ташаббусҳои ҷаҳонии кишвари мо дар бахшҳои захираҳои об, тағйирёбии иқлим, ҳифзи пиряхҳо ва дигар масоили экологӣ аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ меёбанд ва дар пешбурди ин масъалаҳо дар сатҳҳои мухталиф нақши муҳим мебозанд.

То имрӯз бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба

масъалаҳои обу иқлим қабул гардидааст, ки дар татбиқи ҳадафҳои мушаххас, аз ҷумла «Рӯзномаи рушди устувор барои давраи то соли 2030» асос гузоштанд.

Ҳамин тариқ, ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон, бахусус дар самти обу иқлим ва ҳифзи пиряххо ҷомеаи ҷаҳонӣ, бахусус кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он, сохторҳои минтақавию байналмилалӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдорро бо мақсади дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти экологии сайёраи Замин ба ҳам овардаанд.